

Беш аз 100 ҳазор нафари онҳо дар муҳорибаҳо қурбон шуда, зиёда аз 40 ҳазор беному нишон гардиданд ва 60 ҳазор нафари дигар аз ҷанг бо маъюбият баргаштанд.

Ҳамаи ин ҷоннисориҳо, ки дар таърихи муосири мо абадан сабт гардидаанд, саҳми миллати тоҷикро дар ин ғалабаи бузург ва таъмини сулҳу амнияти ҷаҳонӣ таҷассум мекунанд.

Мо номи неку хидмати онҳоеро, ки аз ҷанг барнагаштанд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва эҳтироми онҳоеро, ки бо пирӯзӣ ба Ватан баргаштаанд, ҳамеша ба ҷой меоварем.

Барои ҷасорату қаҳрамонӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳон 58 ҳазор нафар афсару сарбози тоҷик ба ордену медалҳо ва 55 нафар барои мардонагӣ ва шуҷоат ба унвони баланди «Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ» мушарраф гардонида шуданд.

Беш аз 45 ҳазор нафар сокини Тоҷикистон ба корхонаҳои саноатии минтақаҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ фиристода шуда, қисми зиёдашон аз он ҷойҳо ба ҷанг сафарбар гардиданд.

Ҳамчунин, солҳои ҷанг зиёда аз 100 ҳазор нафар – асосан, занону кӯдакон – аз минтақаҳои гуногуни ҷангзада ба Тоҷикистон кӯчонида шуданд ва ҷумҳурии мо барои онҳо хонаи дуюм гардид.

Мардуми мо онҳоро бегона нашумориданд, барояшон манзили зист, хӯроку сару либос муҳайё карданд ва аксари онҳоро ба камол расониданд.

Қобили зикр аст, ки дар ақибгоҳ низ аҳолии Тоҷикистон дар таъмини ғалаба саҳми бесобиқа гузошт.

Ҳамаи захираҳои инсонӣ ва моддиву техникии ҷумҳурии мо барои таъмин намудани ниёзҳои майдони муҳориба сафарбар гардида буданд.

Дар он рӯзҳои сангин кӯдакону занон ва калонсолон азобу машаққати гуруснагӣ ва дигар мушкилоти замони ҷангро таҳаммул карданд ва шабонарӯзӣ заҳмат кашида, ҳиссаи арзандаи худро барои расидан ба Рӯзи ғалаба гузоштанд.

Мардуми мо дар ҳоле, ки худашон гурусна буданд, ба майдони ҷанг ғаллаву озуқаворӣ, сару либос ва маблағ мефиристоданд.

Мехоҳам таъкид намоям, ки ҷасорату диловарӣ ва матонату фидокории афсарону сар-

бозони тоҷик дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон барои шумо – хидматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол намунаи ибрат мебошад.

Шумо ҳаргиз фаромӯш насозед, ки фазои орому осудаи имрӯзаи кишвар бо нархи бисёр гарон ба даст омадааст ва ҳимояи он ҳоло ҳамчун вазифаи пурмасъулу бошараф ба зиммаи шумо вогузор гардидааст.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, ҳамагӣ пас аз чанд даҳсола баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардид, ки барои кишвари мо оқибатҳои фоҷиабору сангин ба бор овард.

Шумораи қурбониён ва ҳисороти моддии ин ҷанг барои Тоҷикистони тозаистиқлол аз ҳисороти ҷониву молии кишвари мо дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бештар буд: беш аз 150 ҳазор нафар ҳамватани мо ҷони худро аз даст доданд, зиёда аз як миллион нафар гуреза шуданд ва ба иқтисоди миллии мо беш аз 10 миллиард доллар зарар ворид гардид.

Албатта, дар қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ ва таъмин намудани сулҳу оромӣ дар кишвар мардуми Тоҷикистон, хидматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши бузург ва ҳалкунанда бозиданд.

Дар ин роҳ ҳазорон нафар афсару сарбози далеру шуҷоъ ҷони худро қурбон карданд.

Мардум ва Ҳукумати мамлакат ба ин хидмати таърихии фарзандони содиқу далери худ ҳамеша арҷ мегузоранд.

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки ҳифзи Ватан ва ҳимояи ҳаёти осоиштаи мардум дар ҳар давру замон барои ҳар як шаҳрванди огоҳу соҳибватан ва ҷавонмардони бонангу номус вазифаи муқаддас ва пуршараф ба ҳисоб меравад.

Хусусан, равандҳои манфию хатарборе, ки ҷаҳони муосирро тахти таъсир қарор додаанд, аз ҷумла, мухолифатҳои шадиди байни абарқудратҳо, аз нав авҷ гирифтани мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», инчунин, густариш ёфтани амалиёти тахрибкоронаи созмонҳои террористиву экстремистӣ аз ҳар як хидматчии ҳарбӣ сатҳи баланди омодабошӣ, маҳорату малакаи касбӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб менамояд.

Эътимоду умеди мардум ҳар яки шумо – фарзандони содиқи Ватанро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёр бошед, зиракии сиёсиро аз даст надиҳед, сатҳи касбият ва омодагии ҷангии худро мунтазам баланд бардоред, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошед.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки ҳифзи сулҳи пойдор, суботи комили сиёсӣ, таҳкими ваҳдату худшиносии миллӣ ва пояҳои давлатдории тоҷикон вазифаи муқаддаси ҳар фарди ҷомеаи мо мебошад.

Ҳамин аст, ки мусоидат ба таъмини сулҳу субот ва ҳаёти осоишта дар паҳнои олам яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии давлати мо муайян гардидааст.

Маҳз ба хотири пайгирии ин ҳадаф ман дар иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид масъалаи қабули қатъномаи махсусро оид ба эълон кардани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» пешниҳод намудам.

Тоҷикистон чун кишваре, ки ҷанги даҳшатноки таҳмилиро аз сар гузаронидааст, ҳамеша ҷонибдори танҳо бо роҳи осоишта, яъне, гуфтушунид ҳаллу фасл кардани ҳама мухолифату низоъҳо мебошад.

Мо, ҳамчунин, густариш бахшидани гуфтугӯи тамаддунҳоро аз ҷумлаи заруратҳои замони муосир мешуморем.

Бовар дорам, ки мардуми сулҳпарвари тоҷик бо шукргузорӣ аз истиқлолу озодӣ, соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва суботи комили кишварамон минбаъд низ барои ҳифзу гиромидошти ин неъматҳои бузург ва ба хотири наслҳоиояндаи халқамон саъю талоши бештар мекунанд.

Бори дигар иштирокчиён ва собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳон, мардуми шарифи Тоҷикистон ва шумо – ҳомиёни содиқи Ватанро ба ифтихори 80-солагии ғалабаи таърихӣ табрик мегӯям.

Ба ҳамаи шумо - ҳамватанони азиз, саломативу хушбахтӣ, рӯзгори обод ва барои Тоҷикистони азизамон ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва сулҳу суботи пойдор орзу менамоям.

**Ҷашни ғалаба муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# ҶАВОНОНИ МО ДАР ФАЗОИ ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ, СУЛҲУ СУБОТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАМОЛ ЁФТААНД

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон**
**22.05.2025, шаҳри Душанбе**

**Ҷавонони саодатманду сарбаланди кишвар!**

**Соҳибони фардои Ватан!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи ҷавонон, ки ҳар сол санаи 23-юми май дар кишвари соҳибистиқлоли мо таҷлил мегардад, самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва дар ҷодаи муқаддаси ватансозиву ватандорӣ азму иродаи қавӣ орзу менамоям.

Мо ҷавононро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва ба оянда нигаронидашудаи давлат ва Ҳукумати мамлакат қувваи бузург медонем.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имкониятҳои заруриро барои таълиму тарбияи ҷавонон ва ташаккули зеҳниву ҷисмонии онҳо фароҳам овардем ва ин равандро бомаром идома дода истодаем.

Дар робита ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро таъкид намоям: ҳимояи истиқлолу озодии Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ки аз ҷумлаи нахустин ва бузургтарин ҳадафҳои сиёсии мо мебошад, имрӯз ва дар оянда низ аз фаъолияти ватандӯстонаи ҷавонон вобастагии бевосита дорад. Бо қаноатмандиву ифтихор изҳор медорам, ки ҷавонони бонангу номуси тоҷик дар душвортарин шароиту лаҳзаҳо барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бузург гузоштанд. Имрӯзҳо низ ҷавонони далеру ватандӯсти тоҷик ба хотири ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, суботу оромӣ, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳимояи зиндагии осудаи мардуми тоҷик дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар содиқона хизмат карда истодаанд.

Ҷавонони мо имрӯзҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа – илму маориф, тандурустиву фарҳанг, омӯхтан ва истифодаи техникаву технологияҳои пешрафта, соҳибкориву саноат, кишоварзиву энергетика ва хизмати давлатӣ фаъолияти назаррас доранд.

Саъю талоши онҳо, ҳамчунин, барои рушди варзиш ҳамчун омили муҳимтарини пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардани Тоҷикистони азизамон қобили таҳсин мебошад.

Ҳукумати мамлакат барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба тарбия, таҳсил, кору фаъолият ва истироҳату фароғати ҷавонон, яъне, фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои онҳо тамоми иқдомоти заруриро амалӣ гардонида истодааст.

Аз ҷумла, тавассути қабул ва амалӣ намудани қонунҳо дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш, татбиқи самараноки Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои давлатӣ дар самти кор бо ҷавонон ва варзиш заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии рушди соҳа фароҳам гардидаанд.

Таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти мамлакат, Шурои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, бунёд ва ба истифода додани марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат, бунёди ҳазорҳо муассисаи таълимии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва даҳҳо ҳазор иншооти муҷаҳҳазу замонавии варзиш аз ҷумлаи ҳамин иқдомот ба ҳисоб мераванд.

Тавре ки қаблан низ гуфта будам, бо мақсади фароҳам овардани шароити ҳарчи беҳтар барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ҳоло дар соҳаи маорифи кишвар 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар

3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард.

Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 153 литсейи касбҳои техникӣ, коллеҷҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ бо 141 ҳазор хонандаву донишҷӯ фаъолият дорад.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони боистеъдоди мо дар беҳтарин муассисаҳои таҳсилоти олии 42 давлати пешрафтаи ҷаҳон таҳсили илм доранд.

Ҳамаи иқдомоти зикршуда дастгириву ғамхории давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба хотири соҳиби илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ гардонидани ҷавонони кишвар мебошанд.

Сиёсати ҷавонгардонии кадрҳои хизмати давлатӣ, таъсиси квотаву стипендияҳои Президентӣ, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!», «Илм – фурӯғи маърифат» ва чорабиниҳои дигар ҳама гувоҳи ғамхориву таваҷҷуҳи доимии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба наврасону ҷавонон – насли ояндасози ҷомеа мебошад.

Боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки ҷавонони мо бо дарки масъулияти сиёсиву иҷтимоии худ дар назди давлат ва ҷомеа барои пешрафту ободии Ватани худ бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ заҳмат мекашанд.

Бо мақсади рушди илмҳои дақиқ, густариши тафаккури навоварӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосир мо солҳои 2020 – 2040-ро «Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм», солҳои 2025 – 2030-ро «Солҳои рушди инноватсия ва иқтисоди рақамӣ» эълон намудем.

Дар ин раванд, аз ҷавонони созандаи Ватан умед дорем, ки бо омӯхтани илму донишҳои муосир, дар навбати аввал, илмҳои дақиқ ва риёзӣ, эҷодкориву ихтироъкорӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва ташаббускорӣ дар амалӣ сохтани ин ҳадаф низ саҳми арзанда мегузоранд.

Ҷавонони мо, ки дар фазои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ камол ёфтаанд, бояд Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дастовардҳои онро чун неъмати бузургтарини миллати тоҷик ҳифз карда, бо кору амали созандаи худ Ватани маҳбуби хешро боз ҳам ободу пешрафта гардонанд.

Вазъи бисёр ноорому бесуботи ҷаҳони муосир, аз ҷумла, бархӯрди тамаддунҳо, пеш аз ҳама, ба зеҳну шуур ва мафкураи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин марҳала ва шароити ҳассос шумо – фарзандони Тоҷикистони соҳибихтиёр бояд ҳамеша хушёру зирак бошед, забон, таърих, фарҳанг, расму оинҳо ва дигар арзишҳои миллиро доим гиромӣ доред, ҳаргиз ба бегонапарастӣ роҳ надиҳед ва дар хотир дошта бошед, ки дар ҳимояи манфиатҳои миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ҳар яки шумо низ масъулият доред.

Шумо – ҷавонони азиз, ки созандагони фардои дурахшони Тоҷикистон ва сутуни боэътимоди давлату миллат ҳастед, ҳисси баланди миллӣ дошта бошед, Ватани маҳбуби худро сидқан дӯст доред, онро содиқона ҳифз намоед ва ифтихор намоед, ки фарзандони яке аз миллатҳои бостонӣ ва соҳибфарҳангу тамаддунсози дунё ҳастед.

Ман ба ақлу заковат, худогоҳиву худшиносӣ, далериву шуҷоат, ғайрату матонат ва неруи зеҳниву ҷисмонии шумо – фарзандони даврони истиқлоли Тоҷикистон эътимоди комил дорам.

Бовар дорам, ки шумо анъанаҳои ватандӯстиву ватандорӣ ва созандагиву бунёдкории халқамонро идома бахшида, Тоҷикистони азизамонро ободу пешрафта мегардонед ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоред.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҷавонону наврасони кишварро ба ифтихори Рӯзи ҷавонон самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, иқболи нек ва дар кору фаъолияти созандаатон ба хотири пешрафти Ватани азизамон барору комёбиҳо орзу менамоям.

**Рӯзи ҷавонон муборак бошад, фарзандони хушиқболи Ватан!**

**Э. МИРШАРИФЗОДА,**
**декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**



# БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ, ИННОВАТСИЯ ВА ИҚТИСОДИ САБЗ ДАР ПАЁМ

Масъалаҳои рушди иқтисоди рақамӣ, инноватсия ва иқтисоди сабз дар ҷаҳон ва махсусан, дар кишварҳои рӯ ба рушд ба таври васеъ мавриди омӯзишу корбарӣ қарор гирифтаанд, зеро онҳо ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ҷиҳати таъмини рушди самараноки истеҳсолот, кам намудани хароҷот ва фароҳ намудани бозорҳо, тавлиди технологияҳои нав ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт, рушди маҳсулоти инноватсионӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва коҳиши таъсири манфӣ ба муҳити зист, кам кардани партовҳо, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, бодӣ ва ғ.) ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон (28-уми декабри соли 2024) ба Маҷлиси Олии кишвар, вобаста ба масъалаҳои рақамикунонии иқтисоди миллӣ, иқтисоди сабз ва вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, солҳои 2025-2030-ро “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карданд ва ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазоратру идораҳо супориш доданд, ки лоиҳаи “Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026-2030”-ро то охири соли 2025 таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Вобаста ба масъалаҳои зикршуда ва аҳаммияти рушд бахшидани онҳо дар шароити муосир суханҳои Сарвари давлатро аз Паём дар се самт таҳлил ва манзур месозем:

**1. Иқтисодиёти рақамӣ (Digital Economy)** - ин модели нави иқтисодӣ буда, бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) асос ёфтааст, ки фаъолияти самараноки иқтисодиро бо кам кардани хароҷот ва вақт дар шароити муосир ва дар муҳити рақамӣ пеш бурда, ҷанбаҳои мухталифро (таҳсили фосилавӣ, савдои электронӣ, пардохти электронӣ, хидматрасониҳои тиббии электронӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Вобаста ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019, таҳти №642 “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки он се марҳилаи амалисозии иқтисодиёти рақамиро то соли 2040 дар бар мегирад:

**Марҳилаи якуми** консепсия то соли 2025 муайян гардидааст, ки дар ин давра бояд мутахассисони кордон омода гардида, модели идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои калидӣ муайян карда шуда, ҳолати воқеии рушди иқтисодиёти рақамӣ баҳогузорӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории он муайян карда шавад;

**Дар марҳилаи дуюм,** ки солҳои 2026-2030-ро дар бар мегирад, дар назар аст, ки дастрасии фароҳмавҷи амнияти иттилоотӣ таъмин гардад, платформаҳои рушди хидматрасонии рақамӣ ва марказҳои пешқадами таҷрибавӣ таъсис ва ташаккул ёбанд ва нахустин лоиҳаҳои пилотӣ амалӣ карда шаванд;

**Марҳилаи сеюм** солҳои 2031-2040-ро фарогир буда, дар ин давра мутобиқи консепсия бояд дастовардҳои иқтисоди рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ҷорӣ карда шаванд.

Имрӯз дар кишвар хотимаи марҳилаи якуми консепсия амалӣ ва марҳилаи дуюми татбиқи он роҳандозӣ мегардад, ки вобаста ба он Пешвои миллат дастуру супоришҳои мушаххаси рушди инфрасохторӣ доданд.

**2. Инноватсия (Innovation)** - ин раванди ворид намудани технологияҳои навин ва ҳушманд, идеяҳо ва ё усулҳои нави истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ ба амалия, бо мақсади навоварӣ, самаранокӣ, беҳтар намудани маҳсулот, хидматрасониҳо, рақобатпазирии корхонаҳо ва дар маҷмуъ, рушди иқтисодӣ мебошад. Дар бобати рушди инноватсия дар Паём қайд шудааст, ки **ба истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад**.

Боиси зикр аст, ки имрӯзҳо кишварҳои аз лиҳози техникию технологӣ ва саноатӣ тараққикардаи ҷаҳон, ба монанди ИМА, Чин, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Швейтсария, Сингапур ва дигар мамолики дунё дар раванди истеҳсолот аз технологияҳои инноватсионӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, ки боиси ҷаҳиши рушди иқтисодии онҳо гардида, қисми зиёди бозори ҷаҳониро бо навҷорисозиҳои худ, маҳсулоти хушсифати ҷавобгӯй бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва нархи дастрасдошта фатҳ намудаанд. Пешвои миллат дар ин мавриди таъкид карданд, ки **ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд**.

Чунончи мушоҳида мегардад, тӯли солҳои охир барои ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ба кишвар барои соҳибкорони ватанӣ ва ширкатҳои истеҳсолкунандаи молу маҳсулоти дохилӣ имтиёзҳои молиявии давлатӣ, ба монанди озод намудан аз пардохтҳои гумрукию андозӣ ва мораторияҳо оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст, ки боиси ҳавасманд гардидани субъектони фаъолияти иқтисодӣ дар кишвар мегардад.

**3. Иқтисодиёти сабз (Green Economy)** - ин модели нави иқтисодӣ буда, рушди устувори иқтисодиро бо ҳифзи муҳити зист муттаҳид намуда, ба коҳиш додани истеъмоли захираҳои табиӣ, партовҳои зараровар, таъсир ба муҳити зист ва истифодаи манбаъҳои барқароршаванда бобати таъмини рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Тӯли чанд соли охир, таваҷҷуҳи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди иқтисоди сабз бештар гардида, зимни ироаи Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ ба сохторҳои дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд. Пешвои миллат дар Паёми қаблии худ соли 2021 дастур доданд, ки то охири соли 2022 Стратегияи рушди иқтисоди сабз омода ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад. Ҳамин тарик, бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 30 сентябри соли 2022, №482 “Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037” қабул гардида, имрӯз мавриди амал қарор дорад ва он дар панҷ марҳила то соли 2037 амалӣ карда мешавад:

Марҳилаҳои якум ва дуюм (солҳои 2023–2025 ва 2026–2028)-ро дар бар гирифта, чорабиниҳо дар самти оммавигардонии маълумот оид ба иқтисоди сабз, таълим ва ташаккули тафаккури иқтисодию экологӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риояи онҳо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ва оғози амалигардонии стандартҳои иқтисоди сабз дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварро дар бар мегирад, ки барои онҳо маблағгузории давлатӣ ва шарикони рушд зарур аст;

Марҳилаҳои сеюм ва чорум (солҳои 2029–2031 ва 2032–2034)-ро фаро гирифта, чорабиниҳо дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди сабз дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёту инфрасохтор, сохтмон, хоҷагию манзилии коммуналӣ, сайёҳӣ, сар-

моягузорӣ, ҳифзи муҳити зист ва кам кардани газҳои гулхонаӣ, инчунин, идомаи таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди сабз дар кишварро дар бар мегирад;

Марҳилаи панҷум (солҳои 2035–2037)-ро фарогир буда, чорабиниҳо дар самти рушди иқтисоди сабз, нигоҳ доштан, афзун намудан ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ ва афзоиши сармоягузорӣ дар асоси принсипи иқтисоди сабзро фаро мегирад ва дар ин марҳила бозори рушдёбандаи сармоягузории сабз дар кишвар ташаккул меёбад.

Бо татбиқи иқтисоди сабз Тоҷикистон метавонад, мавқеи пешсафро дар истифодаи иқтидори тавлиди неруи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ишғол намояд, ҳамчунин, ба содироткунандаи азими қувваи барқ дар минтақа, истеҳсолкунандаи неруи барқ аз дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб, бод, об ва ғайра), истеҳсолкунанда ва содироткунандаи маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологии тоза (органикӣ) шуда, ба қатори давлатҳои камихроҷкунандаи газҳои гулхонаӣ (карбон) ва аз ҷиҳати сайёҳии экологӣ рушдёфта ворид гардад. Чун дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 64%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул ёфта, неруи барқ дар кишвар, асосан, аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия (98%) истеҳсол карда мешавад. Неруи барқ аз неругоҳҳои барқи обӣ ҳосил мегардад ва ин соҳа дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мақоми асосӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори истеҳсолии 527 млрд. кВт/соат қувваи барқ дар як сол буда, ҳоло ҳамагӣ 6%-и ин иқтидор истифода мешавад. Иқлими Тоҷикистон бо мавҷудияти 280-330 рӯзи офтобӣ ва дар маҷмуъ, 2 000 кВт/м2 шиддатнокии радиатсияи офтобӣ дар як сол барои истифодаи энергияи офтобӣ ҳамчун сарчашмаи аз рӯйи аҳаммият дуюмдараҷаи энергияи барқароршаванда хеле мусоид мебошад, ки ин дар қиёс бо кишварҳои пешрафтаи васеъ истифодабарандаи энергияи офтобии Аврупо ду маротиба зиёд мебошад. Тибқи арзёбии коршиносон иқтидори тавлиди энергияи офтобии Тоҷикистон қариб 25,16 млрд. кВт/соат дар як солро ташкил дода, 10-20 фоизи талаботи хоҷагии миллӣ ба ҳомили энергия ва 60-80 фоизи талаботи умумии аҳолиро ҳадди ақал давоми 10 моҳ дар як сол, дар тамоми ҳудуди кишвар қонеъ гардонида метавонад.

Дар натиҷаи татбиқи рушди иқтисоди сабз дар мамлакат: коҳиши партовҳои зараровар, кам кардани истифодаи захираҳои табиии ғайрибарқароршаванда (нафт, газ), истифодаи васеи энергияи барқароршаванда (офтобӣ, бодӣ ва обӣ), такмили коркарди партовҳо, кам шудани сатҳи ифлосшавии ҳаво, таъмини маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, хидматрасониҳои устувор (нақлиёти сабз) ва ғайра, амалӣ гардида, барои ҷалби сармоягузориҳои сабзи хориҷӣ ва рушди устворӣ иқтисодӣ замина мегузорад.

Бешубҳа, рушди иқтисоди рақамӣ, инноватсия ва рушди иқтисоди сабз метавонад, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон фоидаҳои назарраси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ расонад. Дар шароити муосир ин се самт ба ҳамдигар вобастагии зич дошта, ҳамчун механизмҳои калидӣ барои рушди устувори кишвар хидмат мекунанд.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: шаҳри Душанбе, 28 декабри соли 2024 // - https://www.president.tj.

2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2019, №642). - https://www.mmk.tj.

3. Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2022, №482). - https://www.mmk.tj.

4. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (27 марти соли 2021), ДССХ - Душанбе. - С. 26-29.

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**Номвар ҚУРБОН,**
**муовини директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои техникӣ**

# АҲАММИЯТИ ГЛОБАЛИИ СОЛИ 2025 ҲАМЧУН СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО



Мусаллам аст, ки маҳз бо шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳани маҳбуби мо дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускор, пешоҳанг ва таъсиргузор дар пешбурди Рӯзномаи ҷаҳонии обу иқлим эътироф гардидааст. Зеро давоми беш аз ду даҳсола аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста аз иқдомҳои илман асосноки Пешвои тоҷикон баҳравар шуда, дар заминаи онҳо ба дастовардҳои навин ноил мегардад. Аз ин ҷост, ки бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ - Созмони Милали Муттаҳид шаш ташаббуси ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистонро қабул ва доир ба онҳо 11 қатънома ба тавсиб расонидааст.

Албатта, ҳар як иқдоме, ки аз ҷониби Сарвари давлат пешниҳод мешавад, дар асоси биниши жарф, таҳлил ва арзёбии амиқу илмии мушкилоти мавҷуда рӯйи кор меояд. Фарзи мисол, нахустин ташаббуси ҷаҳонии ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилае пешниҳод гардид, ки масъалаи таъмини дастрасӣ ба об ва беҳдошт барои некуаҳволиву рушди инсон ба мушкилоти аввали ҷаҳонӣ табдил ёфта буд. Маҳз ба хотири андешидани тадбирҳои сариварктӣ ҷиҳати бартарафнамоии мушкилоти глобалие, чун ба оби тоза дастрасии ноустувор доштани беш аз 1 миллиард нафар, дар шароити номувофиқ зиндагӣ намудани 2,4 миллиард нафар, ҳамасола аз бемориҳои марбут ба бесифатии об ва шароити бади беҳдоштӣ фавтидани 2,2 миллион аҳолӣ, ҳамарӯза фавтидани 6 000 кӯдак аз ҳисоби истифодаи оби ифлос ва аз бемориҳои гуногун азият кашидани зиёда аз 250 миллион нафар аҳолӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза эълон намуд.

Вақте сифати об паст мешавад ё талабот ба он бо мурури вақт меафзояд, рақобат барои об байни истеъмолкунандагон шиддат мегирад ва албатта, ин раванд дар ҳавзаҳои дарёҳое, ки марзҳои сиёсию маъмуриро убур мекунанд, паёмади ноустувор дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолат зарурати тақсимоти обҳои фаромарзӣ дар байни минтақаю кишварҳо на танҳо боиси низоъҳои ошкоро намегардад, балки боиси ҳамкориҳои ғайричашмдошт мешавад. Зеро тибқи ҳисобҳои олимони Донишгоҳи Орегон дар кураи арз 263 ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ мавҷуд буда, дар ҳудуди онҳо 40%-и аҳолии ҷаҳон зиндагӣ ва қариб нисфи сатҳи хушкии сайёраро фаро меги-

ранд, ки 60%-и оби тозаро ташкил медиҳанд. Ин дарёҳо марзи 145 кишварро фаро гирифта, қаламрави 21 кишвар пурра дар ҳудуди ин ҳавзаҳо ҷойгир аст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷаҳон, ки бо тағйирёбии глобалии иқлим ва коҳиши захираҳои об марбут аст, истифодаи захираи обҳои фаромарзӣ аст. Давоми 50 соли охир барои истифодаи ин обҳо беш аз 3000 созишнома қабул гардида, дар ҳамин давра зиёда аз 500 мунoқиша рух додааст, ки 21 низоъ ба амалиёти низомӣ расонидааст. Аз ҷумла, барои тақсимоти оби дарёҳои Рио-Гранде, Амур, Ҳинд, Ганг, Браҳмапутра, Даҷла, Фурот, Нил, Лимпопо, Меконг ва дигар кӯлу дарёҳо мунoқишаҳои хушунатбор рух додаанд. Бо вуҷуди печида будани мушкилоти мазкур, Президенти мамлакат ҷомеаи ҷаҳониро мутақоид сохтанд, ки ин масоилро метавон тавассути дипломатия ҳал кард. Аз ин ҷост, ки ташаббуси сеюми ҷониби Тоҷикистон, яъне, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об низ мақбули ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Ҳалли мушкилоти глобалии об ба афзоиши сармоягузорӣ дар бахши об, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои инфрасохтор зич алоқаманд аст. Ин далел барои идоракунии оқилонаи захираҳои об ва пешниҳоди хидматрасонӣ оид ба таъминоти об хеле зарур буда, барои таъмини суръати баланди рушди иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ аҳаммияти бузург дорад. Вале 60%-и экосистемаҳои табиии ҷаҳонӣ, ки ба ин ё он тарз бо захираҳои об алоқамананданд, бар асари шиддати равандҳои таъсироти антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим харобгардида ҳисобида мешаванд. Раванди мазкур ба ҳаҷм, ҳолат ва самаранокии захираи обҳо, пеш аз ҳама, оби нӯшокӣ таъсири ногувор дорад. Зиёда аз ин, ҳамбастагии зичи об, муҳити зист ва иқлим зудтағйирёбанда гардида, ба афзоиши офатҳои гидрометеорологӣ мусоидат менамояд. Махсусан, тағйирёбии иқлим, ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти бузург - обшавии босуръати пиряхҳо рӯ ба рӯ кардааст. Ин мушкилот дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла, Ватани мо, ки кишвари кӯҳсор ва дорои захираҳои бузурги глятсиологӣ аст, монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд.

Мушкилоти коҳишёбии пиряхҳо ва камшавии майдони яхбандиҳо на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи ҳавзаи баҳри Арал ва умуман, кураи арз масъалаи хатарнок ва ҳалталаб мебошад. Ҳарчанд далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки суръати тағйирёбии майдони яхбандиҳо дар давраҳои гуногуни геологӣ яксон нест, вале обшавии пиряхҳо имрӯзҳо суръати бесобиқа гирифтааст. Тадқиқоти яхшиносӣ собит мекунанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули глятсиологию климатологии сайёра давраҳои таҳаввул ва таназзули зиёди яхбандӣ ҷой доштааст. Мувофиқи маълумоти яке аз намунаҳо гармшавии иқлим ба камшавии захираҳои оби минтақа меорад, вале тибқи арзёбиҳои дигар коҳиши яхбандиҳо бо афзоиши миқдори боришот ҷуброн мешавад, ки дар натиҷаи он маҷрои оби дарёҳо бештар мегардад. Чунин гуногунии арзёбиҳои тағйирёбии маҷрои об аз мушкилоти ҳалли масъалаи мазкур ва зарурати тадқиқи тағйирёбии иқлиму динамикаи пиряхҳои минтақаҳои яхбаста гувоҳӣ медиҳад. Маҳз бо дарназардошти ин нукта Пешвои миллат зимни суханронии хеш дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масоили об ва иқлим (соли 2021) қайд карданд: **Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряхҳои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд. Тибқи ҳисоботи «Баҳодиҳии Ҳимолой дар Ҳиндукуш» бошад, мо аллакай то охири садсолаи ҷорӣ метавонем, зиёда аз се ду ҳиссаи пиряхҳои Ҳимолойро аз даст диҳем. Вазъи ба ин монанд дар пиряхҳои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст, ки обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад.**

Суханони Президенти ҷумҳурии моро, ки арзёбии комилан дақиқ мебошанд, Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим низ собит менамояд. Зеро ба андозаи 1,5°С афзудани ҳарорати ҳаво, олимону коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки ҳадди ақал нисфи пиряхҳои имрӯза то соли 2100 аз байн меравaнд. Аз соли 1990 инҷониб дар лавҳаи

азими яхбандии Гренландия 4,890 миллиард тонна ва давоми солҳои 1992-2020 дар майдони бузурги яхистони Антарктика 2,670 миллиард тонна об шудани ях далели бармалои коҳиши пиряхҳо дар минтақаҳои қутбии сайёраи Замин аст.

Пешбинии гармшавии миёна ҳам нишон медиҳад, ки то охири асри XXI дар ноҳияҳои баландкӯҳи Осиё 50% ва дар минтақаҳои яхистони Осиёи Марказӣ ва Ғарбӣ анқариб 70%-и пиряхҳо об мешаванд. Тибқи арзёбиҳо то соли 2100 дар сеяки 56 ҳавзаи пиряхҳои бузург маҷрои солонаи оби дарёҳо беш аз 10% коҳиш меёбанд, ки камшавии зиёдтарин ба навоҳии кӯҳсори Осиёи Марказӣ ва Анд рост меояд.

Дар ноҳияҳои кӯҳии Аврупо низ коҳиши пиряхҳо бо мурури замон, бо афзоиши ҳарорати ҳавои атмосфера ва кам шудани боришот дар фасли сармо суръат гирифта, давоми солҳои 2016-2021 ҳаҷми ях 12% кам шудааст. Айнан чунин манзараро дар яхистони Қафкози Бузург ошкор намудаанд, ки давоми солҳои 1986-2014 майдони пиряхҳо аз 692 то 590 км2 кам шудаанд. Ба андешаи олимон, бо чунин суръати баланд обшавии пиряхҳо аз баландшавии ҳарорат, зиёдшавии радиатсияи офтоб ва бартарӣ пайдо кардани антисиклонҳои тобистона вобастагӣ дорад.

Ба гузориши Созмони Ҷаҳонии Обуҳавошиносӣ обшавии босуръати пиряхҳои Африқо низ ба баланд шудани ҳарорати ҳаво алоқаманд буда, дар 30 соли охир гармшавӣ дар ин қитъа назар ба ду сисолаи қаблӣ (1931-1960 ва 1961-1990) зиёд шудааст. Аз ин рӯ, пиряхҳои ҳар се минтақаи асосии яхистони ин қитъа: Кения, Килиманҷаро ва Рвензор то соли 2040 эҳтимолан аз байн раванд, зеро гармшавии иқлим дар Африқо нисбат ба суръати миёнаи гармшавии Замин тезтар рух медиҳад.

Муқоисаи далелҳо аён месозад, ки тамоми пиряхҳои ноҳияҳои яхистони Замин дар ҳоли таназзул қарор доранд ва омили асосии он гармшавии глобалӣ ва омилҳои тезонандаи он мебошад. Маҳз ҳамин бухрон ва хатари паёмадҳо аз обшавии босуръати пиряхҳо дар тамоми манотиқи ҷаҳон Сарвари Тоҷикистонро ҳамчун шахсияти ташаббускору созанда водор намуд, ки ҷиҳати пешгирӣ аз ин мушкилот дар сатҳи миллию байналмилалӣ тадбирҳои саривақтиро пешбарӣ намоянд.

Дар сатҳи миллӣ, бо мақсади ҳифзи пиряхҳо, бо раҳнамоии бевоситаи Сарвари давлат дар Тоҷикистон «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» (2.09.2010, №417) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» (3.01.2024, №2026) қабул гардид, ки дар раванди амалишавӣ қарор доранд. Ҳадаф аз қабули ин санадҳо омӯзиши пайвастаи пиряхҳо, банақшагирӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо, мониторинги доимии ҳолати пиряху барфҳо ҷиҳати ба таври фаврӣ қабул намудани тадбирҳо оид ба паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо ва тамоми соҳаҳо мебошад.

Дар сатҳи байналмилалӣ Роҳбари давлат бо мақсади ҷалби бештари диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи пиряхҳо, се ташаббуси муҳим, яъне, соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро пешниҳод намуданд. Албатта, иқдомҳои навбатӣ идомаи мантиқии ташаббусҳои қаблии Президенти Тоҷикистон буда, онҳоро дар самти расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор тақвият мебахшанд.

Ҳамин тавр, ҳар як ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзишшиносии воқеӣ ва заминаҳои амалӣ падид омада, баҳри бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи глобалӣ роҳҳалҳои дақиқеро нишон медиҳад ва дар худ ҳадафҳои меҳвариеро таҷассум менамояд. Гузашта аз ҳама, ҳадафи асосии ин пешниҳодот хушдор додани ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хавфи бузурге мебошад, ки дар сурати муносибати нодуруст ба табиат ва истифодаи ноокилонаи захираҳои табиӣ дар наздиктарин фурсатҳо мувоҷеҳ ба он мешавад. Ин мушкилот ва унсурҳои алоҳидаи онҳоро дарк намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ташаббускори масъалаҳои ҷаҳонии обу иқлим дар ҳамҷоягӣ барои ҳалли проблемаҳои ҷиддии экологӣ мусоидат кардан мехоҳад. Ва бо ин ҳама тасмимот ҷомеаи ҷаҳониро барои қазоват ва масъулият даъват менамояд.

**Шавкат КАРИМЗОДА,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии Вазорати маориф ва илм**



# ҲАДАФ АЗ ҚАБУЛИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ЧИСТ?




Таҳсилот ҳамчун пояи рушд ва омили асосии ташаккули ҷомеаи мутамаддин ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлатдорӣ қарор дорад. Дар ҷаҳони имрӯза, ки таҳаввулоти илмию фаннӣ ва техникиву технологӣ бо суръати баланд пеш меравад, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот на танҳо барои рушди миллии кишвар, балки барои рақобатпазирии он дар арсаи байналмилалӣ низ аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст.

Дар ин замина, Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, як қадами муҳим ба сӯи такмил ва баланд бардоштани сифати таълим дар кишвар ба шумор меравад. Ин ҳуҷҷати муҳим, ки 28 феврали соли 2025, дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баррасӣ ва тасдиқ қарор гирифт, ба таъмини шароити мусоид барои рушди низоми таҳсилот, мутобиқсозии он бо меъёрҳои байналмилалӣ ва беҳбуди сифати таълим нигаронида шудааст.

Дар замони муосир, ки дониш ва маърифат калиди пешрафти давлатҳо мебошад, Ҳукумати мамлакат бо ҳидоятҳои хирадмандона ва татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурбинона таъмини таҳсилоти босифатро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор додааст. Бо қабули Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон заминаи устувор барои рушди низоми маорифро фароҳам оварда, тадбирҳоеро амалӣ намуда истодааст, ки ҳадафи онҳо ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ намудани сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ин иқдом собит месозад, ки Ҳукумати кишвар таъмини рушди давлатро дар асоси дониш ва маориф эълон намудааст, ки дар он таҳсилоти баландсифат ҳамчун сармояи бузург барои рушди миллат ва ҷомеа хидмат менамояд.

Бо ташаббусҳои пайвастаи Роҳбарияти Олии кишвар низоми маорифи Тоҷикистон дар як марҳилаи нав қарор гирифта, ба сӯи стандарти байналмилалӣ қадамҳои устувор мегузорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ва мусоидат ба иштироки Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналмилалии таҳсилот, ҳама аз тадбирҳои муҳими давлат барои таъмини таҳсилоти рақобатпазир маҳсуб меёбанд. Ҳукумати кишвар бо дарки амиқи зарурати тағйирот, раванди арзёбии сифати таҳсилотро низ шаффоф ва самаранок гардонида, бо ин васила, барои ҳар як фарзанди миллат шароити мусоиди таҳсилро фароҳам меорад. Ин иқдом на танҳо ояндаи равшани ҷавононро таъмин мекунад, балки рушди устувори ҷомеа ва ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар низоми ҷаҳонии таҳсилот таҳким мебахшад.

Таҳия ва қабули чунин стратегияи дарозмуддат аз нигоҳи зарурат ва аҳаммияти таъмини таҳсилоти босифат, ки ҷавобгӯи талаботи ҷаҳони муосир бошад, ниҳоят муҳим аст. Стратегия равандҳои арзёбии сифати таҳсилотро такмил медиҳад ва барои баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва қобилиятҳои хонандагон заминаи устувор мегузорад.

Стратегияи мазкур дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунии соҳаи маорифи мамлакат таҳия шуда, ҷиҳати такмили системаи арзёбии сифати таълим равона гардидааст. Ба ин васила, имкониятҳои фароҳамоварӣ барои арзёбии воқеии дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон ба таври шаффоф ва одилона таъмин мегардад. Ҳадафи аслии ин стратегия баланд бардоштани сифати таҳсилот тавассути ҷорӣ намудани усулҳои пешқадам, самаранок ва таъсирбахши арзёбӣ мебошад.

Аҳаммияти стратегияи мазкур дар он аст, ки он на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва донишҷӯён мусоидат мекунад, балки омӯзгоронро низ ташвиқ менамояд, ки дониши касбии худро такмил дода, усулҳои нави таълимро истифода баранд. Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар арзёбӣ таълимро самаранок ва мутобиқ ба талаботи замон мегардонад. Дар натиҷа, низоми таҳсилот натанҳо ба талаботи дохилӣ ҷавобгӯ хоҳад шуд, балки ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид мегардад.

Яке аз самтҳои муҳимми стратегия мутобиқ кардани низоми таълим ба стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Барои таълимгирандагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ муҳим аст, ки онҳо дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд. Имрӯз, бо пешрафти технология ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, талабот ба мутахассисони соҳибкасб ва дорои малакаҳои муосир афзоиш меёбад. Агар низоми таҳсилоти кишвар ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ бошад, хатмкунандагони мактабҳо ва донишгоҳҳои Тоҷикистон метавонанд, бомуваффақият дар бозори байналмилалӣ фаъолият намоянд.

Стратегия, инчунин, ба ҷорӣ намудани низоми шаффоф ва одилонаи баҳодиҳӣ равона шудааст. Дар гузашта, дар раванди арзёбии сифати таҳсилот мушкилоти зиёде ба назар мерасид, ки яке аз онҳо набудани низоми баҳогузории объективӣ буд. Акнун, бо ҷорӣ намудани усулҳои нав, имкон фароҳам меояд, ки сатҳи дониш ва малакаи таълимгирандагон бо усулҳои илмӣ ва бо истифодаи технологияи рақамӣ баҳо дода шавад. Ин раванд эътимоди ҷомеаро ба низоми маориф зиёд намуда, ба рушди соҳаи таълим мусоидат мекунад.

Яке аз самтҳои муҳими татбиқи ин стратегия баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон мебошад. Омӯзгорон бояд ҳамеша бо тағйироти нави соҳаи худ ошно бошанд ва усулҳои инноватсионии таълимро истифода баранд. Бо ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси такмили ихтисос омӯзгорон метавонанд,

малакаҳои худро такмил дода, бо усулҳои нави таълим ва арзёбӣ шинос шаванд. Ин раванд ба самаранокии раванди таълим таъсири мусбат расонда, сатҳи дарки хонандагонро баланд мебардорад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим ва арзёбӣ яке аз унсурҳои муҳимми ин стратегия мебошад. Дар асри рақамӣ, вақте ки технологияи иттилоотӣ дар ҳама соҳаҳо ворид шудааст, таҳсилоти босифат наметавонад бе истифодаи технологияҳои муосир рушд кунад. Барномаҳои рақамии таълимӣ, тестҳои интерактивӣ ва системаҳои автоматиконидашудаи баҳодиҳӣ метавонанд раванди таълимро самаранoктар гардонанд. Дар натиҷа, таълимгирандагон метавонанд, дониш ва малакаҳои худро дар муҳити инноватсионӣ рушд дода, ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ шаванд.

Татбиқи ин санади муҳим на танҳо ба рушди соҳаи маориф, балки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар низ таъсири мусбат мерасонад. Чӣ қадаре, ки сатҳи таҳсилот баланд бошад, ҳамон қадар шаҳрвандони кишвар дар рушди ҷомеа ва Ватани худ бештар саҳм гузошта метавонанд. Маълум аст, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба таҳсилоти босифат диққати ҷиддӣ медиҳанд ва онро асоси рушди худ мешуморанд.

Боиси тазаккур аст, ки тибқи стратегия бо мақсади баҳои воқеӣ додан ба сифати таҳсилот Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналмилалии таълим, ба монанди **PISA**, **TIMSS** ва **PIRLS** ширкат менамояд. Ин арзёбиҳо сатҳи дониш ва малакаҳои таълимгирандагони кишварро бо стандартҳои ҷаҳонӣ муқоиса намуда, нишон медиҳанд, ки дар кадом самтҳо камбудиҳо мавҷуданд ва бахри ислоҳи онҳо чӣ чораҳо бояд андешида шаванд.

Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар чор марҳила амалӣ хоҳад шуд. Дар марҳилаи аввал таҳлил ва омодасозии низоми баҳодиҳӣ сурат мегирад. Марҳилаи дуюм ба озмоиши усулҳои нав ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ равона мешавад. Дар марҳилаи сеюм таҷрибаҳои пешқадам ва стандартҳои байналмилалӣ ба низоми таҳсилот мутобиқ карда мешаванд. Дар марҳилаи ниҳоӣ, натиҷаҳои бадастомада арзёбӣ гардида, низоми таҳсилот такмил дода мешавад.

Барои таъмини самаранокии татбиқи ин стратегия мониторинг ва арзёбии доимии натиҷаҳо пешбинӣ шудааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута, натиҷаҳои татбиқи стратегияро ҳар сол таҳлил намуда, барои такмили минбаъдаи он тадбирҳои муассир меандешад.

Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот яке аз қадамҳои муҳимми Тоҷикистон дар роҳи таъмини таҳсилоти босифат ва рақобатпазирии байналмилалӣ мебошад. Бо ҷорӣ намудани низоми баҳодиҳии бисёрсатҳӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, сифати таҳсилот ба сатҳи нав баромада, имкониятҳои воқеӣ барои мутобиқшавии низоми маориф ба талаботи ҷаҳонӣ фароҳам мегардад. Ин раванд на танҳо ба шаффофияти арзёбии дониш ва малакаҳои таълимгирандагон мусоидат мекунад, балки ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Илова бар ин, чунин низоми баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки ҳар як таълимгиранда дар тӯли таҳсили худ аз арзёбиҳои гуногун гузашта, на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалии худро низ сайқал диҳад. Дар навбати худ ин ба самаранокии раванди таълим, баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ва мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, стратегия на танҳо барои беҳбудии сифати таҳсилот, балки барои рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва иқтисоди кишвар низ аҳаммияти бузург дорад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои он, ҳамкории тамоми ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла, давлат, омӯзгорон, падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Танҳо дар сурати амалисозии ҳамаҷониба ва самараноки ин стратегия, мо метавонем, низоми таҳсилоти рақобатпазир ва инноватсиониро ташаккул диҳем, ки ҷавобгӯи талаботи асри нав бошад.

**Насибулло ЗУЛФОНЗОДА,**
**омӯзгори Коллеҷи политехникии ноҳияи Зафаробод, вилояти Суғд**



# ЭКСТРЕМИЗМУ ТЕРРОРИЗМ - ТАҲДИД БА ҲАР ЯК СОКИНИ САЙЁРА

**Террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад.**
**Эмомалӣ Раҳмон**




Ҷомеаи муосири асри XXI, ки раванди ҷаҳонишавии босуръатро сипарӣ дорад, дар баробари пешрафту муваффақиятҳо онро таҳдидҳои гуногуни харобиовар ва рухдодҳои манфӣ низ фаро гирифтаанд, ки ин ҳама дар натиҷаи муносибати бешууронаи инсон ба табиат ва оянддаи худи ӯ ба вуҷуд омадаанд. Ба ин таҳдидҳо, пеш аз ҳама, терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, афзоиши бемории сироятии СПИД, фурӯши одамон, масоили экологӣ ва ғайра, дохил мешаванд. Масъалаи аслӣ он аст, ки ин хатарҳо амсоли бомбаҳои соатӣ буда, ҳар лаҳза метавонанд, ба сари инсоният фоҷеаҳои зиёдро ба вуҷуд оранд. Агар мавзуи интихобнамудаамонро аз лиҳози мубрамият таҳлил кунем, пеш аз ҳама, терроризму экстремизм имрӯзҳо хавфу хатарҳои зиёдеро ба сари ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳмил намуда, дар саросари ҷаҳон ба масъалаи доғи рӯз табдил ёфта, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо он тамоми сокинони сайёраро ба ташвиш андохтааст. Мо кӯшиш намудем, ки дидгоҳи худро доир ба ин масъала манзур намоем.

Экстремизм ва терроризм аз шаклҳои паҳншудатарини таҳдиду хатарҳои замони муосир ба ҳисоб мераванд, ки ҳамчун вабои аср ба амнияти тамоми сайёра ва сокинони он таҳдид мекунанд. Барои дарки ҳамаҷонибаи мафҳумҳои экстремизму терроризм шарху тавзеҳи онҳо аз аҳаммият холӣ нест.

Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) - фаъолияти сиёсӣ - ақидатии гурӯҳест, ки барои расидан ба мақсадҳои худ аз ягон чиз рӯй нагардонида, зӯроварии ҷисмонӣ, фиреб ва террорро истифода мебарад.

Терроризм (тарс, ваҳм, даҳшат) як навъ идеология ё амали иборат аз таҳдид, фишороварӣ, зӯрӣ нисбат ба ашхоси алоҳида, гурӯҳи одамон, ҷомеа, ҳокимият ва давлат буда, ҳадафи асосии он ғасби ғайриқонунии ҳокимият ва тағйири сохти конститутсионӣ мебошад.

Ҳамасола дар сайёраи замин ҳазорон нафар аз амалҳои террористӣ ва ҳаракатҳои экстремистӣ ба ҳалокат расида, бо инфиҷор, таркиш, даҳшатафкании гурӯҳҳои террористию экстремистӣ миллионҳо инсони дигар бо тарсу ваҳм зиндагӣ мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳиби-

стиқлол, ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бахри пешгирии гароиш ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ чораҳои зарурӣ андешида меша-ванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мубориза бо терроризм ба яке аз бахшҳои муҳимми си-ёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин қадар азму талошҳо, ҳастанд бархе аз ашхоси камсаводу хурофот-зада, ки бо корҳои ношоистаи худ ба номи миллати сулҳҷӯй ва фарҳангсолори мо доғ ме-оваранд. Барои дарки амиқи мазмуну моҳия-ти экстремизм ва терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҳаёти ҷомеа омилҳои мусоидатку-нандаи воридшавии афроди ҷомеаро ба онҳо қайд кардан зарур аст, ки аз инҳо иборатанд:

**1) Паст будани ҷаҳонбинии илмӣ ва на-доштани тафаккури интиқодӣ дар руҳияи солим;**

**2) Надоштани маърифати фарҳангию ҳуқуқӣ;**

**3) Надоштани маърифати комили динӣ ва ғайра.**

Қайд кардан бамаврид аст, ки гурӯҳҳои ифротгаро бо мақсади ҷалби аҳолӣ нуқтаҳои заъфи онҳоро истифода намуда, бахри пиёда сохтани ҳадафҳои нопоки худ аз тамоми воси-таҳои дарихтиёрдошта истифода мебаранд.

Дар баробари омилҳои мусоидаткунандаи шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистиву тер-рористӣ боз омилҳои пешгирикунанда аз ин хавфу хатарҳо низ мавҷуданд. Аз ҷумла:

1) Ташаккули ҷаҳонбинии илмии аҳолӣ яке аз омилҳои асосии мубориза бо экстремизму терроризм ба ҳисоб меравад. Зеро хусуси-ятҳои асосии ҷаҳонбинии илмӣ дар он аст, ки ҳодиса ва зуҳуроти оламро ба андешаҳои илмии далелбунёд, асосҳои мантиқӣ ва исбот такя намуда, арзишгузорӣ менамояд. Маъ-лум аст, ки гурӯҳҳои тундгаро бахри даъват ва ҷалби қишрҳои ҷомеа на танҳо онҳоро маблағгузорӣ мекунанд, балки дин ва дигар унсурҳои эътиқодии ҳаёти ҷамъиятиро низ ҳамчун ниқоб истифода карда, ба нуқтаи заъ-фи онҳо таъсир мерасонанд, ки дар ин ра-ванд ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури интиқодӣ ва арзишгузории солими муҳит нақши асосӣ доранд. Агар имрӯз ҳар як фарди ҷомеа ба тамоми зуҳуроти ҷамъиятӣ бо тафаккури ин-тиқодӣ назар карда, ба онҳо дуруст арзишгу-зорӣ намояд, ҳеҷ гоҳ фирефтаи гурӯҳҳои ир-тиҷоӣ нахоҳад шуд.

2) Баланд бардоштани маърифати динӣ аз омилҳои дигари муқовимат ба муқобили экс-тремизму терроризм мебошад. Зеро дар ҷо-меаи муосир бештар гурӯҳҳои иртиҷоӣ дар зери ниқоби дин амал мекунанд ва аз ҳама хатарноктарин шакли зуҳури терроризм бо идеологияи динӣ пайвастани он аст. Аз ин рӯ, баҳри баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ ҳамчун роҳи пешгирӣ аз воридшавии қишрҳои ҷомеа ба гурӯҳҳои тундгаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳ-силоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳси-лоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) ва олии касбӣ (донишкадаву донишгоҳҳо) омӯзиши фанҳои таърихи дин ва диншиносӣ роҳандозӣ шуда-аст.

3) Омӯзонидани маданияти баланди ис-тифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ низ яке аз роҳҳои мубориза бо терроризму экстремизм мебошад. Имрӯзҳо шабакаҳои интернетӣ ба майдони асосии таблиғи ғояҳои экстремистӣ табдил ёфтаанд. Зеро ташкилоти террористӣ ҷаҳони интернетро метавонанд, барои амалиёти харобиовари худ васеъ исти-фода намоянд ва бо ин роҳ, мардуми камса-воду хурофотзадаро ба доми худ андохта, дар корҳои хатарноки хеш истифода баранд.

Хулоса, экстремизм ва терроризм зуҳуроти манфии ҳаёти ҷомеа буда, ҳудуди муайян на-доранд ва дар ҳақиқат, вабои аср мебошанд. Зеро моҳияти асосии ин зуҳуроти номатлубро фитна, хушунатангезӣ, тарсонидани аҳолӣ, ваҳм, даҳшат, зӯроварӣ, қатл, ғайриқонунӣ сарнагун кардани ҳокимият ташкил медиҳад, ки ин ҳама дар замони муосир тамоми марду-ми оламро ба ташвиш андохтаанд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва мубориза бо терроризму экстре-мизм вазифаи ин ё он сохтор ва ё халқу мил-лати алоҳида набуда, ҳар як сокини сайёраро мебояд, ба муқобили ин гуна зуҳуроти нангин мубориза бурда, бахри решакан кардани он тамоми чораҳои заруриро андешанд.

**Санавбар ШАРИФОВА,**
**корманди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**



# НАҚШИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОИЛА ДАР ОМОДА НАМУДАНИ КӮДАК БА МАКТАБ

## Дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак"



Яке аз масъалаҳои муҳимми таълим дар шароити ҳозира муттасилии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои он мебошад. Омили асосии рушди системаи ягонаи таҳсилоти муттасил, пеш аз ҳама, алоқамандии таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ дар ҳамкорӣ бо хонавода аст.

Вобаста ба талаботи замон, пешрафти ҷомеа, тағйирёбии шуур ва фарҳанги ҳуқуқии одамон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ такмил меёбанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ соли 2024 такмил ёфта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» табдил ёфт. Ин қонун омили муҳимми баланд бардоштани масъулияти маънавӣ ва ҳуқуқии ҳар як фард бояд гардад. Мардуми кишвар, кормандони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ иброз медоранд, ки ин қонун ба пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, махсусан, болоравии сатҳи фарҳанги психологии волидон таъсир мусбат мерасонад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (2013) моделу шаклҳои гуногуни таълими пешазмактабиро қонунӣ ва эътироф намуд. Бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ таҳия ва қабул гаштааст. Зимни суханронии

хеш Президенти кишвар оид ба лоиҳаи қонуни мазкур 14 декабри соли 2010 қайд намудаанд: **Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни мо ба тарбияи фарзанд аҳаммияти хосса зоҳир намуда, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш мекарданд**.

Пиронсолон гуфтаанд: «Фарзанд азиз, одобаш азизтар», аз ин рӯ, тавлиди фарзанд ҳанӯз оғози кор аст. Кори асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Ин вазифаи муҳим ба оила вобаста мебошад ва тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ, пеш аз ҳама, вазифаи падару модар аст. Кӯдаки маъсуми навзод, ки баъзан ӯро ба ниҳоли наврас, лой ё хамири хоми навшурида монанд мекунанд, дар оила чашм кушода, оламро мебинанд, табассум кардан, хестану қадам гузоштан, давидану афтидан меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроти ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар, бо таъсири бевоситаи онҳо шакл мегирад, вобаста ба манфӣ ё мусбат будани хислати онҳо нек ё бад мешавад. Роҷеъ ба ин Абушакури Балхӣ фармудааст:

**Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,**
**Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.**
**Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон**
**Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.**
**Чу гардад калон боз натвонадаш,**
**Ки аз каҷжию хам бигардонадаш.**

Тарбияи ахлоқии фарзандон дар асоси он меъёрҳое, ки мардуми мо тӯли асрҳо андӯхта, аз насл ба насл то даврони мо расидааст, сурат мегирад. Волидон анъанаҳои беҳтарини халқ ва панду ҳикматҳои ниёгонамонро истифода намуда, дар фарзандон ҳисси эҳтиром ба калонсолон, муҳаббат ба диёру ватанро тарбия менамоянд.

Мақсаду вазифаҳои кории тарбияи муассисаҳои томактабӣ, оила ва мактаб ягона буда, таъмин намудани ягонагии талаботро ба шахсияти кӯдак танзим мекунанд. Имрӯзҳо дар қаламрави кишвар намудҳои алтернативии омода кардани кӯдак ба мактаб таъсис ёфтааст, ки маълумтаринашон инҳоянд:

**1. Маркази инкишофи кӯдак (4-7-сола),**

**2. Гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб (6-7-сола, дар назди МТМУ)**

**3. Гурӯҳҳои кӯтоҳмуддати омодагии пешазмактабӣ (дар назди кӯдакистонҳо).**

Бо кӯдакон омӯзгорон метавонанд, машғулиятҳои амалӣ гузаронанд ва ба ин тариқ, кӯдаконро ба раванди таълим тайёр кунанд. Бо қоидаҳои талабагӣ, яъне, тарзи нишаст, тарзи истифодаи қаламу дафтар, риояи одоби муошират, инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ (дарки рангу бузургӣ, нутқи бурро, ҳавасманд кардани кӯдакон нисбат ба мактаб, ҳалли муаммоҳо, таассуроти одитарини математикӣ ва ғайраҳо) кӯдаконро шинос намуда, барояшон кори саводомӯзиро ҳангоми таҳсил дар мактаб осон мегардонанд.

Фаъолияти таълимии марказҳои инкишофи кӯдакон вазифаҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд. Фаъолиятҳо аз рӯйи реҷаи рӯз, ҷадвали машғулиятҳо ва пайдарҳамии мазмуни кори таълим, алоқамандии мантиқии самтҳои барномаро ба инобат гирифта, миқдори онҳоро барои як ҳафта ва сол муайян мекунад. Мураббиён гузаронидани машғулиятҳоро дар нимаи якуми рӯз афзал медонанд.

### Бо кӯдакон чӣ тавр бояд хонд!?

Ба кӯдак бо овози баланд хондани китоб хеле муҳим аст. Матнро пешакӣ ба чанд қисм ҷудо намуда, дар ҳар як қисми он лаҳзае дам гирифтан лозим аст, то ки кӯдакон мазмуни онро пурра дарк намоянд. Инчунин, имкони пешгӯӣ кардани мазмуни матнро медиҳад.

### Ба кӯдакон чиро бояд хонд?

Оид ба омӯзиши кӯдакони томактабӣ дар бораи консепсия ва мафҳумҳое, ки кӯдаконро дар омӯзиш дастгирӣ мекунанд. Ақидаҳои нав оид ба омӯзиши кӯдак диққати калонсолонро ба таҷрибаҳои ҳаррӯзаи кӯдакон ва мафҳумҳое, ки дар ҷараёни омӯзиш аз худ мекунад, ҷалб менамоянд. Кӯдакон дар ин синну сол малакаҳои дурусти тақсимкунию ҳисобкуниро бояд дошта бошанд. Калонсолон метавонанд, дар ин ҷода ба кӯдак ёрӣ расонанд. Шумо метавонед, ягон ҳикояро хонед. Ҳикоя ва нақл кардан роҳҳои беҳтарини хондани матн ба шумор меравад. Онҳо фаромӯшнашаванда буда,

тасаввуроти кӯдакро мустаҳкам менамоянд ва қалбан пешгӯикардашуда мебошанд.

### Хониши қисматкардашуда чист?

Хонише мебошад, ки кӯдакон бо матн шинос ҳастанд. Матн бо ҳарфҳои калон навишта мешавад, то ки ҳама кӯдакон онро якҷоя дида тавонанд. Мисол, адабиёту матне, ки дастрас аст ё якҷоя таҳия кардаед, метавонед онҳоро ҳар рӯз дар марказ истифода баред. Кӯдакони хурдсол такрор карданро нағз мебинанд ва аз матн дилзада намешаванд.

Барои чӣ хониши қисматкардашуда истифода мешавад? Он кӯдаконро ҳавасманд карда, тамоми гурӯҳро ҷалб мекунад. Фарқ надорад, ки маҳорати кӯдакони то чӣ андоза инкишоф ёфтааст. Омӯзгор метавонад, хониши ифоданокро намуна карда, чанд стратегияро барои донандаи хуб шудан намоиш диҳад (мисол - истифодаи роҳҳои шинохтани калимаҳои нав). Ҳангоми хониши қисматкардашуда омӯзгор метавонад, барои кӯдакон хусусиятҳои гуногуни матнро нишон диҳад. Ин мавқеи матн (аз чап ба рост), мустаҳкам намудани захираи луғавӣ, нуқтагузорӣ, намунаи калимаҳо ва намунаи ҳарфҳоро дар бар мегирад.

### Таълими шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ

Вазифаи асосии таълими шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ ташаккули нутқи мураттаб ва васеъ гардондани ҷаҳонбинии маънавии кӯдак ба ҳисоб меравад. Ҳамаи кӯдакон ба хондани ин ё он матн ҷалб мешаванд. Илова бар ин, матнро ба чанд қисм ҷудо мекунанд. Кӯдакон метавонанд, қаҳрамонҳои дӯстдоштаи худро дар машғулиятҳои расмкашӣ тасвир намоянд.

### Истифодаи шеър, суруд ва қофиябандӣ

Шеъру сурудхонӣ яке аз муҳимтарин қисми барномавии ташаккули нутқ, мустаҳкам намудани зеҳну хотираи кӯдак мебошад. Шеъру суруд бояд ҳаҷман хурд бошанд. Омӯзгор бояд кӯдаконро ҳавасманд кунад, ки бо истифода аз калимаҳои шеър бозӣ кунанд. Шеърҳоро ба воситаи тасвир ба кӯдакон пешниҳод намоед ё дар варақаи калон онҳоро навишта, дар даруни қуттӣ, дар марказ нигоҳ доред. Кӯдакон мувофиқи хоҳиш ҳама вақт онҳоро гирифта мехонанд.

### Омӯзонидани баёни фикр ва гӯш кардан

Ба кӯдакон барои машғул шудан бо фаъолиятҳои баёни фикр ва гӯшкунӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам меоранд. Онҳо бояд аз рӯйи қисмҳои барнома амалӣ шаванд. Барои мисол: нақли ҳикоя, ҳодиса, қироати шеър, замзамаи суруд, ташкили бозиҳои варзишӣ ва якҷоя кор кардан дар машғулиятҳо, ҳисоб ва санъати тасвирӣ, боварӣ ҳосил намоед, ки кӯдакон ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ сухан меронанд, нақл кардани ҳикояҳо, фаҳмондани қоидаҳо барои дигар кӯдакон, фаҳмондани кори иҷрошуда, нақл дар бораи фаъолияҳои худ, муҳити зист ва одамони гирду атроф.

### Баҳогузорӣ ба нутқи кӯдакон

Баҳогузорӣ ба маҳорати забонии кӯдакон бояд раванди давомдор бошад. Баҳодиҳӣ на танҳо ба маҳорату фаҳмиши кӯдакон аст, балки ба натиҷаи фаъолияти кории омӯзгор низ мебошад ва дар тартиб додани нақшаҳои кории минъбадаи таълим ёрӣ мерасонад.

Чӣ тавр муайян мекунанд, ки кӯдакон қадом малакаҳои забондониро доранд? Роҳҳои зиёди баҳогузорӣ ба инкишофи нутқи кӯдак мавҷуданд:

**- Мушоҳидаи кори фардӣ ва гурӯҳии кӯдакон ҳангоми ба итмом расонидани супоришҳои инкишофи нутқ;**

**- Мушоҳидаи кӯдакон ҳангоми муошират бо ҳамсолон ва омӯзгорон ҳангоми машғулиятҳо;**

**- Гӯш додан ба нутқи кӯдакон ҳангоми муошират бо ҳамсолон, омӯзгорон ва ҳангоми машғулиятҳо;**

**- Назорати кӯшишҳои кӯдакон барои навиштан ва омодагӣ ба навиштан;**

**- Гӯш кардан ба хониши кӯдак ва қайд намудани стратегияҳое, ки онҳо барои хондан истифода мебаранд.**

Дар маҷмуъ, ҳар як стратегия барои рушди маънавиёти кӯдак пешбинӣ шуда, мураббиён ва омӯзгорони синфҳои ибтидоиро лозим аст, ки дар тарбияи фарзандони миллат аз усулҳои гуногуни санҷидашуда истифода намуда, кӯдаконро, киояндаи ин сарзамини хуршедӣ мебошанд, дар руҳияи баланди ватандӯстию хештаншиносӣ тарбият кунанд.

**Шаҳноз КАРИМӢ,**
**мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФДЧТИБКСМ дар вилояти Суғд**



# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР РАВАНДИ ДАРС

Маориф соҳаи афзалиятноки ҷомеа ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замон неруи пешбарандаи ҷомеаи тамаддунсоз ва маҳаки фарҳангсолорию маърифатнокии аҳли ҷомеа мебошад. Муҳаққиқон, мутахассисон, навоварон ва омӯзгорони соҳибтаҷриба пайваста дар андешаи он мегарданд, ки чӣ тавр хонандагонро ба мустақилона кор кардан, ба эҷодкорӣ раҳнамун сохтан, маводи омӯхташударо дар амал татбиқ кардан ҳидоят созанд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои пурсамар гардонидани раванди таълим роҳандозӣ намуда, гузариш ба ислоҳоти навини таълим-муносибати босалоҳият ба таълимро татбиқ намудааст, ки аз соли 2016 кулли омӯзгорони синфҳои ибтидоии мамлакат аз он бахрабардорӣ намуда, дар фаъолияти хеш бо шавқи беандоза истифода мебаранд. Қобили қайд аст, ки муносибати босалоҳият ба таълим, аслан, сарчашмаро ҳанӯз аз назарияҳои илмии педагогии пешин гирифта, аз ҷониби бархе омӯзгорону педагогҳои муосир истифода шуда истодааст. Дар таълими муносибати босалоҳият навиштани нақшаҳо шакли дигар дорад.

Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи фанҳои таълимӣ ва ҳаҷми вақти таълимро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ давоми соли хониш муқаррар менамояд. Нақшаи таълимӣ барои синфҳои 1-4 ба хотири аз худ кардани барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии умумӣ, аз рӯи меъёри 4 соли таҳсил бо ҳафтаи 5-рӯзаи таълим пешбинӣ шудааст. Давомнокии соли таҳсил барои синфи як 34 ҳафтаи хониш ва барои синфҳои ду-чаҳор на кам аз 35 ҳафтаи хониш муқаррар гардидааст. Давомнокии дарсҳо дар синфи якум 35 дақиқа то нимсола ва дар синфҳои 2-4-ум 45 дақиқа муқаррар шудааст. Дар таркиби нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ба бахши фанҳои ҳатмӣ чунин фанҳо дохил мешаванд: филология (забони модарӣ, забони русӣ, забони англисӣ), математика, табиатшиносӣ, технология (санъат ва меҳнат), суруд ва мусиқӣ, тарбияи ҷисмонӣ. Дар нақша бахши фанҳои давлатӣ, ки онҳоро Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, пешниҳод гардидаанд. Мувофиқи он директори мактаб сарбории ҳар як омӯзгорро муайян мекунад ва муовини директор оид ба таълим ҷадвали дарсӣ месозад. Дар ҷадвал номи фан бояд пурра навишта шавад. Аз рӯйи соатҳои дарсии дар нақшаи таълим додашуда, омӯзгорон дар асоси "Роҳнамо" оид ба ташаккули малакаҳо нақшаи дарсӣ месозанд.

Дар таълими муносибати босалоҳият диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳо равона шуда, мавзуъ ва мундариҷа ҳамчун воситаи ёрирасон истифода мешаванд. Чуноне ки зикр шуд, салоҳиятҳо таҷрибаро инъикос мекунанд ва онҳо барои марҳалаи дарозтари таълим (на дарс, на боби таълим, балки соли таҳсил ё зинаи таҳсил) муқаррар карда мешаванд. Барномаи таълим дар муносибати таълими салоҳиятнокӣ ба таври спиралӣ тарҳрезӣ мешавад. Ташаккули салоҳият аз нуқтаи оғоз (сифр) ба нақша гирифта шуда, давра ба давра ташаккул дода мешавад. Дар раванди ташаккули салоҳиятҳо мазмун, мундариҷа ва стратегияҳои таълим мураккабтар гардонда мешаванд. Моҳияти асосии ин усули тарҳрезии барномаи таълимӣ дар он аст, ки ба хонанда имкони зиёди машқ кардан фароҳам мешавад.

**Нақшаи 1. Тарзи спиралии (даврагӣ) тарҳрезии барномаи таълим**




Аз нақша маълум мешавад, ки салоҳиятҳоро дар як ё ду дарс ташаккул додан ғайриимкон аст. Салоҳиятҳо тадриҷан ташаккул меёбанд ва мундариҷаи таълим (мавзуъҳо) ҳамчун воситаҳои ғанӣ ва гуногун гардондани раванди таълим, машқи салоҳиятҳо дар шароиту вазъиятҳои нав ёрӣ мерасонанд.

**Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо**

Тарзи банақшагирии спиралӣ ва технологияи таълими фаъол бо мақсади ба низом даровардан ва ба қолаби ягона ҷо додани талаботи муносибати салоҳиятнок, ки рукнҳои

асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок мебошанд, дарсҳо мувофиқи марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешаванд. Мусаллам аст, ки ташаккули салоҳият машқи зиёд ва пайдарпайиро талаб мекунад. Ҳангоми банақшагирии дарсҳо ба эътибор гирифтани ҳар як марҳалаи ташаккули салоҳиятҳо зарур аст. Дар нақшаи зерин марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба тавri аёнӣ нишон дода шудааст:




Чигунагии баррасии ҳар як марҳила ба омӯзгорон дар курси такмили ихтисос фаҳмонида мешавад, ки онҳо раванди фаъолиятро бояд дуруст ба роҳ монанд.

Дар маҷмуъ, баъд аз ворид гардидан ба муносибати босалоҳият ба таълим аз ҷониби омӯзгорони навомӯз ва ҷавон суолҳои бисёре ба миён меояд, ки дар раванди курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои махсус посухҳои мушаххас ба саволҳояшон бо намунаҳои аёнӣ дода мешавад.

**Абреза НИЯТБЕКОВА,**
**мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси ДДОТ ба номи С. Айнӣ**



# ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ

Паёми солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон принсипи демократии идораи кишварро инъикос намуда, таҳрикбахши тамоми соҳаҳо, махсусан, соҳаи маориф ва илми ҷумҳури мебошад. Сарвари давлат аз рӯзҳои нахустини давлатдории миллӣ ба масъалаи илму маориф таваҷҷуҳ намуда, ҳанӯз 28-уми августи соли 1995 дар Анҷумани ҷумҳуриявии омӯзгорон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъкид карда буданд: Бо ба даст овардани истиқлолияти халқи тоҷик зарурати муайян намудани роҳи мустақилона ба сӯйи ояндаи мутамаддин, замони бунёди низоми маориф дар асоси арзишҳои бебаҳои маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ фаро расидааст. Мо бояд тафаккури мардуми худ ва педагогикаи миллиро бо дарназардошти талаботи замон ва арзишҳои умумибашарӣ инкишоф диҳем. Албатта, барои ба сатҳи ҷаҳонӣ расидан, мо бояд заминаи моддию техникӣ, аз ҷумла, таҷҳизоти ҳисоббарор, воситаҳои ҳозиразамони оптикӣ, асбобҳои техникӣ ва таҷрибавӣ ба вуҷуд орем.

Омӯзгорони муосир эътироф мекунанд, ки технологияи иттилоотӣ дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти зеҳнӣ имконияти зиёдеро фароҳам меорад. Технологияҳои иттилоотӣ раванди таълимро дар бисёр соҳаҳои илм, дар шароити гуногуни таълим ва дар ҳама сатҳу зинаҳо фаъол мегардонад. Ин ба таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони русӣ низ дахл дорад.

Омӯзиши инноватсионии ҳатмӣ хонандаро ба фаъолият, шаклҳои коллективии кор ва мубодилаи афкор раҳнамоӣ менамояд, хонандаро водор месозад, ки аз пайи ҷустуҷӯ шавад. Технологияҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки яке аз ҳадафҳои асосии таълими забон ва адабиёти рус - фароҳам овардани имконият аз омӯзиши фан ҳамчун таълими системавӣ-структурӣ ба омӯзиши он ҳамчун воситаи муоширату тафаккур ва интиқол додани фаъолияти таълимию маърифатӣ, амалӣ карда шавад.

Дар дарси забони русӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон бояд усулҳои гуногун истифода шаванд: кластерҳо, инсерт (ҳангоми мустақилона омӯхтани маводи назариявӣ), пур кардани ҷадвалҳо, мутолиаи ботаваққуф, ҷустуҷӯи муштарак, баҳси байниҳамдигарӣ, мизи мудаввар, татбиқи унсурҳо (технологияҳо барои ҳалли масъалаҳои ихтироъкорӣ) ва ғайра.

Ҳангоми хондани матн тарҷумаи ҳоли нависанда, омӯзиши лексияи классикӣ, омӯзиш бо истифода аз воситаҳои аудиовизуалии техникӣ, тестҳо, методи лоиҳавӣ хонандаро бамаротиб фаъол месозад. Истифодаи технологияи лоиҳа таваҷҷуҳи кӯдаконро зиёд ва амиқтар мекунад; рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути ташаккули салоҳият дар фаъолияти мустақили маърифатӣ, инкишоф додани кунҷковӣ, ба васеъ намудани доираи тафаккури интиқодӣ замина мегузорад. Он ба мактаббачагон барои пайдо кардани малакаҳои кор бо миқдори зиёди иттилоот, малакаҳои тадқиқотӣ (дидани мушкилот ва муайян кардани роҳҳои ҳалли он) ва малакаҳои муошират (кор дар гурӯҳҳо) ёрдам мекунад. Муносибати мутақобила бо гурӯҳ дар дохил ва берун аз дарс, таъмини ҳамкории хонандагон дар раванди дарс хеле муҳим аст. Омӯзгор вазифадор аст, ки дар байни худ ва хонандагон фазои эътимод, якдигарфаҳмӣ, эҳтироми ҳамдигарро ба вуҷуд оварад, хонандагонро ба кори мустақилонаи фаъол ҷалб намояд.

Дар вақти дарсҳо корҳои гурӯҳӣ гузарондан мумкин аст, ки он ба рушди коллективизм ёр-

дам расонда, барои ошкор шудани хислатҳои фардии хонандагон шароит фароҳам меоварад ва нутқи онҳоро дар талаффузи калимаҳои русӣ равон мегардонад. Илова бар ин, чунин дарс фазои ҳамкории “хонанда-хонанда”-ро ба вуҷуд оварда, иштироки мушовирон ва ассистентҳоро дар марҳилаи санҷиш, ҳамкории омӯзгору хонандаро таъмин мекунад.

Истифодаи интернет дар таълим дигар падидаи нав набуда, он аз ибтидои солҳои 90-ум дар доираи равишҳои гуногуни таълимӣ истифода мешаванд. Бо истифода аз он, ҳам донишомӯз ва ҳам омӯзгор имкон пайдо мекард, ки новобаста аз вақт ва макон мубодилаи иттилоот кунад. Технологияҳои нави рақамӣ тафаккури инсонро барои иҷрои вазифаҳои эҷодӣ омода менамояд, ки ба рушди шахсият мусоидат мекунад. Он ба хонанда имкон медиҳад, ки бо ҳамсинфон ва бо устоди худ ба таври эҷодӣ муошират кунад.

Интернет ба шумо имкон медиҳад, ки муҳити воқеии иттилоотии мобилиро ташкил кунед, ки дар он шумо на танҳо иттилоотро ба даст меоваред, балки бисёр мушкилоти дигари коммуникатсиониро ҳал карда метавонед. Истифодаи он барои баланд бардоштани ҳавасмандии донишомӯзон мусоидат мекунад. Интернет ба шумо имкон медиҳад, ки усулҳои гуногунро дар раванди дарс амалӣ созед, коркардҳои методиро пешниҳод кунед, раванди таълимро диверсификатсия (калимаи лотинӣ буда, diversus – гуногун ва facere – кардан) кунед, онро ҷолибтар гардонед, талабот ва манфиатҳои фанни таълим, сатҳи омодагии хонандаро ба назар гиред, кори шогирдонро сари вақт ва мақсаднок назорат кунед.

Истифода аз интернетро дар раванди дарс муҳаққиқон муҳим мешуморанд, зеро маводи таълимӣ, китобҳои гӯё, сабти суҳбату муколамаҳо бо забони русӣ мустақилона ва бе мушкилӣ ба даст оварда мешавад. Бояд қайд кард, ки барои дастрасии дурусту ҳадафмандона ба шабакаҳои интернетӣ бисёр вақт мушкилот мушоҳида мешавад. Ин нуқсонро метавон тавассути роҳнамоии хонанда ба бахшҳои мушаххаси интернет вобаста ба мавзуъҳои омӯхташаванда бартараф кард.

Бо чунин равиш аз технологияи рушди тафаккури интиқодӣ дар кори худ истифода бурда, усулҳои мубоҳисаро (тадқиқот, таҳлил, муҳокимаи масъала) бароям қобили қабул медонам, чунки ин тарзи кор қобилияти зеҳнии хонандаро такмил медиҳад. Ҳамзамон, барои омӯзгорони ҷавон низ истифодаи ин усулро тавсия мекунам.

Аҳаммияти тарбиявию омӯзишии семинару конференсияҳо, маҳфилҳо, нишастҳо, викторинаҳо муҳимму зарурист, зеро хонандаҳо бо адабиёти илмӣ мустақилона кор карданро меомӯзанд, презентатсияҳои худро мувофиқи нақшаи пешниҳодшуда ташкил мекунанд ва муаррифӣ менамоянд, ки ин шогирдонро барои таҳсил дар донишгоҳ тайёр мекунад. Дар баробари ин, чунин ҳамоишҳо нутқи шифоҳии хонандагонро такмил медиҳанд, фикрронии онҳоро ривоҷ медиҳанд, хонанда бе ягон мамоният дар назди одамони зиёд озодона баромад карда метавонад. Аз ин рӯ, чунин иқдомҳоро аз давраи кӯдакистон оғоз кардан зарур ва дуруст аст.

Яке аз талаботи муосир барои дарси забони русӣ кор бо матн мебошад. Дар ин бобат, ман дар тадриси амалии худ аз шакли “дарс-тадқиқот” истифода мебарам. Мақсад ва вазифаи «дарс-тадқиқот» омӯхтани маводи забони русӣ дар асоси матнҳо ба ҳисоб меравад. Дар вақти тайёрӣ ба чунин намуди дарс ба интихоби матн диққати махсус додан лозим аст. Матн бояд дараҷаи баланди бадеӣ дошта бошад, ҳамчунин, хусусиятҳои синнусолии талабагон ва ҳам ҳаҷми маводи омӯхташавандаро ба назар гирифтан лозим аст. Барои таҳлил аз матнҳои муаллифони гуногун, ки бо як мавзуи умумӣ муттаҳид шудаанд, матнҳои услубшиносиро барои баррасӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст, то ки минбаъд барои таҳлили муқоисавӣ заминаи хуб пайдо шавад.

Хулоса, имрӯзҳо консепсияи таҳсилоти муосир ҳадафи фаъолияти касбии омӯзгорро муайян кардааст, ки он ташаккул додани қобилиятҳои иҷтимоии муваффақонаи хонандагон дар ҷомеа ва мутобиқшавии фаъолонаи онҳо дар бозори меҳнат мебошад. Биноан, асоси расидан ба ин мақсаду ҳадафҳои нек истифодаи ҳадафманду фаъоли технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим мебошад.

**Ибодулло АБДУЛЛОЕВ,**
**омӯзгори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**



# ВАРАҚАҲОИ САНҶИШӢ - ВОСИТАИ МУҲИММИ АРЗЁБИИ ДОНИШ

Насли ояндасоз бидуни омӯзиши техникаю технология ва эҷодкорию навоварӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ба дастовардҳои назаррас ноил шуданашон ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дар Паёми навбатияшон Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳаматарафаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон карда шавад. Бинобар ин, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ менамоем.

Мақсад аз амалӣ сохтани ин иқдоми созанда, пеш аз ҳама, рушди илму маориф, баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии сокинони мамлакат, беҳтар гардонидани сифати таълиму тарбия ва омода шудани мутахассисони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад. Ҷавобан ба ин таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат бояд мо - омӯзгорон донишу маҳорати худро ба он равона созем, ки насли оянда аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки масъулияти баланди худро дар назди ҷамъият ва

**Варақаи санҷишӣ**

Мавзуъ:______________________________

_______ МТМУ №__________ Хонандаи синфи
______________ Ному насаби хонанда
______________________________

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Б | | | | + | | | | | | | + | | | + | | | | |
| В | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Г | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Д | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Е | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |

Ҷадвали 1.

давлат дарк карда тавонанд. Аз ҳамин сабаб, омӯзгорони фанни нақшакаширо лозим аст, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои истеҳсолӣ донишомӯзонро фаҳмонда тавонанд, ки танҳо ба дониши назариявӣ мусаллаҳ будан кифоя нест, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳои муҳимтарин ва воситаҳои нави таълим дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Яке аз воситаи муҳимми арзёбии дониши графикии хонандагон ташкил ва истифодаи варақаҳои санҷишӣ мансуб меёбад.

Қисми муҳимтарини барномаи синфи 8-ро аз фанни нақшакашӣ тарзу усулҳои проексиясозӣ дар ҳамвориҳои проексионӣ ва проексияҳои аксонометрӣ ташкил медиҳад. Бинобар он, баҳри дурусту босамар гузаронидани раванди таълим ва густариши арзёбии ташаккулдиҳандаи хонандагон аз варақаҳои санҷишӣ истифода бурдан лозим аст. Тарзу усулҳои тартиб додани варақаҳои санҷишӣ доир ба сохтани проексияҳои росткунҷагӣ дар се ҳамвориҳои проексионӣ дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст. Нигаред ба ҷадвали 1.




Расми 1

Дар тарафи чапи ҷадвали зикршуда ҳарфҳои А, Б, В, Г, Д ва Е дарҷ шудааст, ки ба 6 тасвири аксонометрии ҷузъҳои техникӣ тааллуқ дорад, ки дар ҷадвали 1 акс ёфтааст. Дар қисми поёнии ҷадвали 1 рақамҳои тартибии аз 1 то 18 ҷойгир карда шудаанд, ки проексияҳои фронталӣ, уфуқӣ (горизонталӣ) ва паҳлуии (профили) ҷузъҳои техникиро ташкил медиҳад. Ба ҳар як хонанда дар як вақт ҳам варақаҳои санҷишӣ (ҷадвали 1) ва ҳам тасвири изометрию проексияҳои детал дар се ҳамвориҳои проексионӣ (расмҳои 1 ва 2)




Расми 2

супорида мешавад. Барои иҷро кардани варақаҳои санҷишӣ (ҷадвали 1) ҳамчун намуна тасвири аёнии Б бо аломати + нишон дода шудааст. Ба ҳамин шакл, бо истифода аз расмҳои 1 ва 2 (ҷадвали 1) ба тариқи ҷустуҷӯ катакҳое, ки бо тасвирҳои изометрии ҷузъҳои А, В, Г, Д ва Е пур карда мешавад, дар натиҷаи санҷиши омӯзгор дониши графикии хонандагон ба таври шаффоф арзёбӣ карда мешавад.

Тавассути истифодаи варақаҳои санҷишӣ чунин хусусиятҳои омӯзишии хонандагон ташаккул дода мешавад:

**1. Ташаккули донишҳои графикӣ ва техникии хонандагон;**

**2. Дарки намуди ҷузъҳо дар ҳамвориҳои проексионӣ;**

**3. Муқоиса ва дарки тасвирҳои аксонометрӣ дар ҳамвориҳои проексионӣ;**

**4. Таҳқиқи ақидаҳо ва пурра кардани фаҳмиши графикии хонандагон;**

**5. Ҷустуҷӯ ва дарки ақидаҳо тавассути интихоби тасвири нақшаҳо.**

Хулоса, варақаҳои санҷишие, ки аз тарафи омӯзгор бо вариантҳои гуногун ба шогирдон пешниҳод карда мешавад, барои инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва маърифати техникию фазогии хонандагон аҳаммияти махсус дорад ва тайёрии пешакиро талаб мекунад.

**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори фанни химияи Литсейи №3**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ПЕШНИҲОДИ ЯК НАМУНАИ ДАРСИ ЭҶОДӢ ДАР МАВЗУИ “МУСИҚИИ РАНГҲО: АЛХИМИЯИ САДО ВА РАНГ”

Ҳар гоҳ ки мо ба олами мусиқӣ ворид мешавем, дили мо бо нағмаҳои гуворо ором мегирад ва эҳсосот рангу таровати нав пайдо мекунанд. Оё то ба ҳол андеша кардаед, ки ҳамин мусиқии зебо бо илми дақиқ – химия чӣ алоқамандӣ дорад? Ба назар мерасад, ки мусиқӣ ва химия ҳарду бар асоси назарияи қолиби табиат сохта шудаанд. Ҳар як оҳанг аз нотаҳо иборат аст, ҳамон тавр, ки моддаҳо аз атомҳо ташкил ёфтаанд. Вақте ки асбобҳои мусиқӣ садо мебароранд, ларзиш ва мавҷҳо тавассути молекулаҳо паҳн мешаванд, ки дар ин лаҳза химия нақши муҳимро мебозад. Аслан, химия ва мусиқӣ ду соҳаи гуногун ҳастанд, аммо онҳо метавонанд, ба ҳам алоқамандии аҷибе дошта бошанд. Биёед, якчанд ҷиҳати робитаи байни химия ва мусиқиро дида мебароем:




**1. Химияи садо ва мусиқӣ:**

Садо ва мусиқӣ дар натиҷаи ларзишҳо дар муҳит (масалан, ҳаво) ба вуҷуд меоянд. Ин ларзишҳоро метавон бо қонунҳои физикӣ ва химиявӣ фаҳмид – мисли сохтори молекулаҳое, ки садо истеҳсол мекунанд ё ба он таъсир мерасонанд (масалан, дар созҳои мусиқӣ).

**2. Химия дар сохтани созҳо:**

Бисёр созҳои мусиқӣ аз моддаҳои химиявӣ (мисли металл, чӯб, пластик ва ғайра) сохта мешаванд. Ин ки садои онҳо чӣ гуна мебарояд, ба хусусиятҳои химиявии ин моддаҳо вобаста аст – масалан, зичӣ, сахтӣ ё қобилияти резонанс.

**3. Химияи ҳиссиёт ва таъсири мусиқӣ:**

Вақте ки мо мусиқӣ мешунавем, моддаҳои химиявӣ дар майнаи сари мо фаъол мешаванд. Масалан, дофамин ва серотонин, ки “ҳормонҳои хушҳолӣ” ҳастанд - зиёд мешаванд. Яъне, мусиқӣ метавонад, ба воситаи химия руҳияро тағйир диҳад.

**4. Мусиқӣ дар лаборатория:**

Баъзе олимон барои беҳтар кардани муҳити кори худ дар лабораторияҳо мусиқӣ мешунаванд. Ин метавонад таваҷҷуҳро зиёд ва хастагиро кам кунад.

**5. Лоиҳаҳои эҷодӣ:**

Масалан, агар бо хонандагон дарс гузаред, метавонед, лоиҳаи эҷодӣ созед: дар як гӯша рангкунии матоъ бо моддаҳои табиӣ, дар гӯшаи дигар садои мусиқӣ ва ба хонандагон метавон нишон дод, ки чӣ гуна ҳарду ба эҳсос ва муҳити инсон таъсир мерасонанд.

Ин ҷо мо нақшаи муфассали як дарси эҷодии химияро барои хонандагони синфҳои 8-9 (ва ё дигар синфҳо дар ҳолати зарурат) пешниҳод менамоем. Дар ин нақша мо ба ҳамаи ҷузъиёти муҳимми дарс-матни таҷриба, вақти гузариши ҳар қисмати дарс ва саволҳои муҳокимавие, ки фаҳми хонандаро амиқ мекунанд, таваҷҷуҳи махсус додем. Ҳадаф аз ин нақша он аст, ки дарс, ҳамзамон, омӯзанда, шавқовар ва пурмазмун бошад.

Дар ин дарси эҷодӣ мо мекӯшем, ки тавассути гӯш додан ба мусиқӣ ва мушоҳидаи аксуламалҳои рангин, робитаи нозуки миёни илми химия ва санъати мусиқиро эҳсос кунем. Шояд тааҷҷуб кунед, ки химия на танҳо формулаҳо ва ҷадвалҳост, балки метавонад, бо рангу мусиқӣ як ҷаҳони пурмаъно ва илҳомбахшро биофарад – омӯзанда, зинда ва пур аз эҳсос!

**Номи дарс: “Мусиқии рангҳо: Алхимияи садо ва ранг”.**

**Ҳадаф:**

- хонандагон бояд фаҳманд, ки чӣ гуна моддаҳои химиявӣ ба ранг таъсир мерасонанд;
- муайян кунанд, ки мусиқӣ чӣ гуна эҳсос ва ҳосили кори эҷодиро иваз мекунад;
- робитаи химия ва мусиқиро ҳис кунанд.

**Вақтбандӣ:** ба маҳорати омӯзгор вобаста карда мешавад, чунки ин дарс берун аз дарсҳои таълимӣ гузаронида мешавад, яъне, ба корҳои берунасинфӣ мансуб аст.



**1. Муқаддима ва нишон додани мақсад**

Ҳангоми сар кардани дарс ба хонандагон савол диҳед: “Мо имрӯз чӣ гуна метавонем, мусиқиро бо химия пайваст кунем?”;

Мақсад ва ҳадафро шарҳ диҳед.

**2. Таҷриба: Ранг кардани матоъ бо моддаи табиӣ.**

***Мавод:***

Баргҳои исфаноҷ (сабз);

Пӯсти пиёз (зард/қаҳвагӣ);

Анори сурх ё лаблабу (ранги гулобӣ);

Матои сафед (агар пахтагӣ бошад, хуб аст);

Зарфҳо, об, дегчаҳо (табақ), косаҳо (мискаҳо).

***Қадамҳо:***

1. Омода кардани моддаҳои рангӣ (бо ҷӯшонидан дар об);
2. Гирифтани матоъ ва афкандан ба маҳлули ранг;
3. Ба хонандагон шунавонидани 2 навъи мусиқӣ (ором ва шод) дар вақти кор;
4. Сабт кардани эҳсосот ва тафовути рангҳо.

***Қисми мусиқавӣ:***

5 дақиқа мусиқии ором (мусиқии классикӣ);

5 дақиқа мусиқии шод ва фаъол (масалан, мусиқии хатлонӣ, суғдӣ, ё бандарӣ).

***Саволҳо барои муҳокима:***

• Кай ба шумо ранг кардан шавқовар шуд?

• Кай эҳсоси эҷодиёт бештар буд?

• Оё мусиқӣ ба эҳсоси шумо дар вақти кор таъсир кард?

**3. Қисмати муҳокимаронӣ**

Омӯзгор савол медиҳад – хонандагон ҷавоб медиҳанд (фардӣ ё гурӯҳӣ).

***Таъсири мусиқӣ:***

• Вақте шумо ранг мекардед, кадом мусиқӣ ба шумо бештар маъқул шуд – ором ё шод?

• Оё ҳисси шумо ҳангоми гӯш кардани мусиқӣ тағйир ёфт?

***Ранг ва эҳсос:***

• Ба фикри шумо, оё мусиқӣ ба он ки шумо чӣ гуна рангҳоро интихоб кунед, таъсир кард?

• Оё хонандае буд, ки чеҳрааш зеботар шуд, вақте мусиқии шод садо медод?

***Илм ва эҷодиёт:***

• Химияро, одатан, илм мешуморанд, аммо имрӯз мо онро бо санъат омехта кардем. Ба фикри шумо, оё илм метавонад, шавқовар бошад?

• Кадом қисмати дарс ба шумо писанд омад?

***Андешаи шахсӣ:***

• Агар боз чунин як таҷриба бошад, шумо чӣ гуна ранг ё мусиқиро интихоб мекардед?

• Оё шумо мехоҳед, ки боз дарсҳои химия бо эҷодиёт ва мусиқӣ гузаронда шаванд?

**4. Хулосаи дарс**

Дар дарси имрӯза, мо фаҳмидем, ки химия ва мусиқӣ ба ҳам алоқамананд ва метавонанд, якҷоя барои сохтани таҷрибаҳои эҷодии ҷолиб истифода шаванд. Мо ранг кардани матоъ бо истифода аз моддаҳои табиӣ ва таъсири мусиқиро бар ҳисси эҷодӣ ва рангҳо мушоҳида кардем.

Химия ба рангсозии моддаҳо ва таъсири ранг ба матоъ таъсир мерасонад. Мо омӯхтем, ки чӣ гуна рангҳо метавонанд, тавассути химияҳои табиӣ, ба монанди баргҳои исфаноҷ ё пӯсти пиёз ба вуҷуд оянд.

Мусиқӣ бар эҳсос ва руҳияи мо таъсир мекунад. Ҳангоми кор бо рангҳо, мусиқии ором ва шод метавонад, ба роҳатӣ ё фаъол шудан таъсир гузоранд, ки инро шогирдонамон таҷриба карданд.

Робитаи байни химия ва мусиқӣ нишон медиҳад, ки илм ва санъат метавонанд якҷоя, дар



як муҳити эҷодӣ истифода шаванд. Ҳарду метавонанд ба фикр, эҳсос ва муҳити мо таъсир расонанд.

**Арзёбии дарс.**

Хонандагон фикрҳояшонро ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ изҳор мекунанд:

1. Ман аз дарси имрӯз омӯхтам, ки...
2. Бештар ба ман маъқул шуд, ки...
3. Маро ҳайрон кард, ки...
4. Агар ин таҷрибаро такрор кунам, мехоҳам...

**Охирсухани дарс**

Имрӯз дарк кардем, ки илм на танҳо барои фикр кардан, балки барои эҳсос кардан ва офаридан низ зарур ҳаст. Химия – забони табиат аст, ки ба мо имкон медиҳад, рангҳоро бифаҳмем ва бо табиат муошират кунем. Мусиқӣ – забони дил аст, ки ба мо ёрӣ медиҳад, эҳсосотамонро баён кунем. Вақте ки химия ва мусиқӣ якҷо мешаванд, мо на танҳо меомӯзем, балки натиҷаҳои наву зеборо ҳосил хоҳем кард. Бигзор, ҳар як хонанда фаҳмад, ки илм танҳо дар китобҳо нест - он дар ҳаёт, дар ранги барг, дар садои борон, дар шодии тифл ва дар завқи эҷод аст. Ҳар кӣ илмро бо шавқу ҳавас, бо қалб омӯзад, ҳамеша онро дӯст хоҳад дошт, муҳаббат ба илм падидаҳои нави илмию эҷодӣ хоҳад буд.

Мавзуи “Алоқамандии химия бо мусиқӣ” нишон медиҳад, ки илми химия ва санъати мусиқӣ, новобаста аз тафовути зоҳирии худ, дар асл бо ҳам пайванди амиқ доранд. Ин ду соҳа метавонанд, якдигарро мукаммал намоянд ва бо ҳам таҷрибаҳои шавқовар ва омӯзишҳои ҷолиброба бор оранд.

Дар ҷараёни омӯзиши ин мавзуъ маълум гардид, ки:

Маводи химиявӣ дар сохтани созҳои мусиқӣ нақши калидӣ доранд. Масалан, торҳои дутор, гитор ва рубоб аз маводи синтетикӣ ва табиӣ тайёр мешаванд, ки ҳар кадом хусусиятҳои хоси акустикӣ дорад. Чӯб, металл ва лакҳое, ки дар сохтани пианино, скрипка ва дигар созҳо истифода мешаванд, ҳама аз доираи омӯзиши химия мегузаранд.

Химия дар истеҳсоли CD, навор, микрофон ва таҷҳизоти сабт зиёд истифода мешавад. Масалан, омехтаҳои магнитию пластикӣ, ё истеъмоли маводи махсус барои беҳтар кардани сифати сабт ва интиқоли овоз – ин ҳама аз натиҷаҳои татбиқи химия дар мусиқӣ ба шумор мераванд.

Мусиқӣ ба равандҳои химиявӣ таъсир мерасонад. Дар таҷрибаҳои илмӣ дида шудааст, ки гӯш додан ба мусиқии ором ё мусиқии классикӣ метавонад, ба суръати баъзе реаксияҳои химиявӣ таъсири мусбат расонад. Яъне, байни эҳсосот, садо ва равандҳои биохимиявии инсон иртиботи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ вуҷуд дорад.

Фаҳмидани сохти молекулавии садо ва садохонӣ низ як самти ҷолиби омехта байни химия ва физикаи акустикӣ мебошад. Бо истифода аз компютер ва спектроскопия метавон спектри садо ва таъсири он ба моддаҳоро таҳлил намуд.

Ҳамин тариқ, ба таври умум метавон гуфт, ки химия ва мусиқӣ на танҳо ду соҳаи ҷудогонаи зиндагии инсон мебошанд, балки дар бисёр самтҳо ба ҳамдигар вобаста ва такмилдиҳандаи якдигаранд. Омӯзиши ин мавзуъ на танҳо хонандагонро бо маълумоти ҷолиб ошно мекунад, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки ҷаҳонро тавассути дидгоҳи ҳам илмӣ ва ҳам зебоишиносӣ фаҳманд.

**Зиёдамо АМИРОВА,**
**омӯзгори фанни математикаи Литсейи №2**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**

# НАҚШИ КАБИНЕТИ ФАННӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Кабинети фаннӣ дар раванди таълиму тарбия яке аз воситаҳои асосӣ ба шумор меравад. Кабинети корӣ ячейкаи хурди таълимии муассиса мебошад, ки бо асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълим ва мебелу таҷҳизоти баркӣ таъмин шуда, дар он корҳои таълиму тарбия, корҳои инфиродӣ ва беруназсинфӣ бо хонандагон дар асоси талаботи барномаи давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Дар шароити системаи кабинетӣ таълими дилхоҳ фан босамар ва ба мақсад мувофиқ гузаронида мешавад, яъне, дар системаи кабинетӣ омӯзгор ба он мушарраф мешавад, ки дарсро бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим гузаронад. Ҳамзамон, кабинети корӣ ҳуҷраи озмоишӣ ба ҳисоб рафта, дар он баҳри осонии кори омӯзгор шароит фароҳам оварда мешавад. Ин ҷо номгӯи ҳуҷҷат ва воситаҳои аёниро ҳамчун намуна баҳри осонии кори ҳамкасбон манзур медорам.

Дар ҳуҷраи корӣ зарур аст, ки шароити зерин муҳайё бошад:

**1) Воситаҳои таълим: китобҳои дарсӣ, илмӣ ва методӣ аз фанни математика, барномаҳои таълимӣ ва адабиёти иловагӣ доир ба ин фан;**

**2) Воситаҳои техникии ҳозиразамон: компютер, тахтаи электронӣ;**

**3) Асбобҳои аёнӣ: плакату овезаҳо бо формулаҳои математикӣ.**

Кори кабинети математика дар 5 самт ба роҳ монда мешавад:

**1) Таҷҳизонидани кабинети математика бо нақшаю ҷадвалҳои математикӣ;**

**2) Ҷиҳозонидани кабинети корӣ бо асбобҳои техникӣ ва таъмини равшании синфхона;**

**3) Ташкили китобхонаи кабинети корӣ;**

**4) Ҷамъоварии асбобҳои аёнӣ ва дидактикии таълим аз фанни математика;**

**5) Ташкил намудани шиносномаи синф.**

Ҳамин тавр, дар асоси ташкил ва дуруст ба роҳ мондани ин самтҳо дар ҳар кабинети муассисаҳои таълимӣ барои таълиму тарбия шароит фароҳам мешавад. Кори кабинети математика ва умуман, кабинетҳои фаннӣ дар асоси оинномa, низомномаи муассиса ва фармоиши директори муассиса ба роҳ монда мешаванд. Мутассадии кабинети корӣ дар асоси фармоиши директори муассиса таъйин гардида, ба раванди кори он пурра ҷавоб мегӯяд.

Дар таҷҳизонидани ҳуҷраи кории математика бояд талаботи зерини меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шавад:

**1) Муҳофизати меҳнат (тавсияҳо доир ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ);**

**2) Талаботи ҳолати санитарӣ-гигиенӣ;**

**3) Барномаҳо доир ба фанни таълимӣ ва дарсҳои иловагӣ, нақшаҳои тақвимӣ;**

**4) Фаъолияти муштарак.**

Ин банд аз чанд зербанд иборат аст:

***а) Мавод доир ба тайёрӣ ба аттестатсияҳои хатм ва мавод барои имтиҳонҳои марказонидашудаи тестӣ;***

***б) Бурдани корҳои инфиродӣ бо хонандагони сустхон;***

***в) Маводи озмун ва олимпиадаҳои фаннӣ;***

***г) Корҳои илмӣ ва эҷодии хонандагон;***

***д) Нақшаи гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот.***

Кабинети математика ба фазоҳои зерин ҷудо карда мешавад:

**1) фазои кории омӯзгор**

**2) фазои корӣ барои таълимгирандагон**

**3) фазо барои воситаҳои таълим**

**4) фазо барои васоити техникӣ**

**5) фазо барои фаъолияти инфиродии таълимгирандагон**

Ҷадвали 1.

Ҳуҷҷатҳое, ки барои кори кабинети математика заруранд:

- Ҷадвали 1. Шиносномаи синф




| № | Номгӯи ҷорабиниҳо | Шумора | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Мизи омӯзгор | 1 | |
| 2. | Миз барои хонанда | 17 | |
| 3. | Курсӣ барои хонанда | 34 | |
| 4. | Курсӣ барои омӯзгор | 1 | |
| 5. | Компютер | 1 | |
| 6. | Тахтаи электронӣ | 1 | |
| 7. | Проектор | 1 | |
| 8. | Ҷевони китоб | 2 | |
| 9. | Тахтаи синф | 3 | |
| 10. | Гармидиҳии марказӣ | 2 | |
| 11. | Кондитсионер | 1 | |

**- Ҷадвали 2. Рӯйхати ашё барои дарси математика**

| № | Номгӯи ашёҳо | Микдор | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷадвал | 2 | |
| 2. | Ҷадвали секунҷа | 3 | |
| 3. | Транспортир | 2 | |
| 4. | Сиркул | 2 | |
| 5. | Намунаи асбобҳои геометрӣ | 2 | |
| 6. | Асбобҳои аёнии худсохти хонандагон | 20 | |
| 7. | Плакат ва банерҳо | 15 | |

**Воситаҳои аёнӣ ва нақши онҳо дар раванди дарсу машғулиятҳои математика**

Воситаҳои аёнӣ он воситаҳо ва маводест, ки барои беҳтар фаҳмидани консепсияҳо ва ар-

Ҷадвали 3. Нақшаи намунавии кори кабинет

**Фасли 1. Кори ташкилӣ**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муддати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Тайёр намудани кабинети корӣ барои қабули хонандагон | Роҳбари кабинет | Август |
| 2. | Ҷо ба ҷо намудани плакату овезаҳо | Роҳбари кабинет | Август |
| 3. | Тартиб додани нақшаи солонаи кори кабинет | Роҳбари кабинет | Август |
| 4. | Назорати ҳолати санитарӣ-гигиении синфхона | Роҳбари кабинет | Мунтазам |
| 5. | Кабудизоркунии синфхона | Роҳбари кабинет | Мунтазам |
| 6. | Ташкил ва гузаронидани корҳои инфиродӣ бо хонандагон барои тайёрӣ ба олимпиада ва озмунҳо | Роҳбари кабинет | Мунтазам |
| 7. | Сохтани шаклҳо ва асбобҳои геометрӣ | Роҳбари кабинет | Мунтазам |

**Фасли 2. Корҳои эҷодии хонандагон**

| № | Номгӯи корҳои иҷрошаванда | Муҳлати иҷро | Шахси масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Корҳои эҷодии хонандагон | Дар давоми сол | Р/кабинет |
| 2. | Реферат ва маърӯзаҳое, ки хонандагон навиштаанд | Дар давоми сол | Р/кабинет |
| 3. | Маводи дидактикӣ | Давоми сол | Р/кабинет |
| 4. | Тест ва саволномаҳо | Сентябр | Р/кабинет |
| 5. | Корҳои беруназсинфӣ | Давоми сол | Р/кабинет |
| 6. | Дастуру пешниҳодҳо | Сентябр | Р/ кабинет |
| 7. | Кори маҳфили математика | Давоми сол | Р/кабинет |

**Фасли 3. Корҳои таълимӣ-методӣ**

| № | Намуди кор | Шахси масъул | Муҳлати иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Ба танзим даровардани барнома ва нақшаҳои кории кабинет | Роҳбари кабинет | Вобаста ба зарурият |
| 2. | Ташкил намудани гӯшаи методӣ | Роҳбари кабинет | Сентябр |
| 3. | Ҷамъ овардани китобҳо ва адабиёти гуногун доир ба фанни математика | Роҳбари кабинет | Мунтазам |

зишҳои математика бо истифода аз тасвирҳо, графика, намунаҳо ва рамзҳо ёрӣ мерасонад. Воситаҳои аёнӣ дар математика барои илова кардани ҷузъиёти зарурӣ, таҷриба ва ташаккули фаҳмиши амиқу дақиқи таълимгирандагон хеле муҳим аст.



**Нақши воситаҳои аёнӣ:**

1. ***Ташаккули фаҳмиш.*** Воситаҳои аёнӣ, ба монанди диаграммаҳо, графикҳо, ҷадвалҳо ва тасвирҳои геометрӣ ёрӣ медиҳанд, ки хонандагон конструксияҳои абстрактии математикӣ, ба монанди фигураҳои геометрӣ ё функсияҳоро осонтар ва равшантар дарк кунанд.

2. ***Таъсири ҷузъӣ ва ёддошт.*** Воситаҳои аёнӣ ба ёддошт ва такрор кардани мавод ёрӣ мерасонад, зеро донишомӯзон ба воситаи тасвиру графикаҳо метавонанд, маводро беҳтар ва дурусттар фаҳманд.

3. ***Гузариш аз абстраксия.*** Воситаҳои аёнӣ имкон медиҳанд, ки донишомӯзон аз фаҳмишҳои назариявӣ комилан ба таҷрибаҳои амалии аёнӣ гузаранд.

4. ***Қувваи таъсиррасонӣ.*** Воситаҳои аёнӣ як воситаи муҳим барои таълимдиҳандагон мебошад, ки барои беҳтар нигоҳ доштани мавод дар хотири таълимгирандагон қудрати бештарро дорост.

5. ***Ҷалби диққат.*** Воситаҳои аёнӣ ба раванди омодасозӣ ва фаъол намудани диққати донишомӯзон ёрдам мекунад. Бо ёрии тасвирҳо, графикҳо ва шаклҳои аёнӣ донишомӯзон метавонанд, худро дар муҳити таълим фаъолтар ҳис намоянд.

Дар маҷмуъ, кабинети фаннӣ дар таълим ва омӯзиши фанни математика нақши муҳим ва муассир дорад, зеро онҳо шароити мусоидро барои донишомӯзон фароҳам меоваранд, то таълиму омӯзиши математика осонтару фаҳмотар бошад.

**Маҳмадлатиф МИРЗОЗОДА,**
**омӯзгори математикаи Литсейи №4**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# МЕТОДҲОИ ИСБОТИ НОБАРОБАРИҲО

Дар математика усулҳои гуногуни исботи нобаробариҳо мавҷуданд, ки ҳар яки онҳо дар ҳолатҳои гуногун истифода мешаванд. Ин ҷо мо якчанд методи асосии исботи нобаробариҳоро баррасӣ намуда, онҳоро бо мисолҳо ва тавзеҳоти дақиқ пешниҳод мекунем. Ин методҳо на танҳо барои олимон ва муҳаққиқон, балки барои омӯзгорони ҷавон, донишҷӯён ва довталабоне, ки мехоҳанд, сатҳи дониши худро дар математика боло баранд, муфид хоҳанд буд.

***1. Исботи нобаробариҳо бо тарзи ба нобаробарии эквивалентиаш иваз намудан***

*Яке аз методҳои исботи дурустии нобаробариҳо ин нобаробариро ба нобаробарии эквиваленти он иваз намудан мебошад. Якчанд нобаробариро бо ин усул исбот менамоем.*

***Мисоли 1.*** *Нобаробарии зеринро исбот кунед:*

$$\frac{a+b}{c}+\frac{b+c}{a}+\frac{c+a}{b}\geq 2\left(\frac{a}{\sqrt{bc}}+\frac{b}{\sqrt{ac}}+\frac{c}{\sqrt{ab}}\right), \qquad (abc\neq 0)$$

*ки дар ин ҷо $a, b, c$ ададҳои дорои аломати якхела мебошанд.*

***Исбот:*** Ин нобаробариро ба нобаробарии эквиваленташ иваз менамоем:

$$\frac{a+b}{c}+\frac{b+c}{a}+\frac{c+a}{b}-2\left(\frac{a}{\sqrt{bc}}+\frac{b}{\sqrt{ac}}+\frac{c}{\sqrt{ab}}\right)\geq 0.$$

Тарафи чапи нобаробариро табдил медиҳем:

$$\frac{a+b}{c}+\frac{b+c}{a}+\frac{c+a}{b}-2\left(\frac{a}{\sqrt{bc}}+\frac{b}{\sqrt{ac}}+\frac{c}{\sqrt{ab}}\right)=\left(\frac{a}{b}-2\sqrt{\frac{a}{b}}\sqrt{\frac{a}{c}}+\frac{a}{c}\right)+\left(\frac{b}{a}-2\sqrt{\frac{b}{a}}\sqrt{\frac{b}{c}}+\frac{b}{c}\right)+$$

$$+\left(\frac{c}{a}-2\sqrt{\frac{c}{a}}\sqrt{\frac{c}{b}}+\frac{c}{b}\right)=\left(\sqrt{\frac{a}{b}}-\sqrt{\frac{a}{c}}\right)^2+\left(\sqrt{\frac{b}{a}}-\sqrt{\frac{b}{c}}\right)^2+\left(\sqrt{\frac{c}{a}}-\sqrt{\frac{c}{b}}\right)^2\geq 0.$$

Ҳамин тавр,

$$\frac{a+b}{c}+\frac{b+c}{a}+\frac{c+a}{b}-2\left(\frac{a}{\sqrt{bc}}+\frac{b}{\sqrt{ac}}+\frac{c}{\sqrt{ab}}\right)\geq 0,$$

ё ки

$$\frac{a+b}{c}+\frac{b+c}{a}+\frac{c+a}{b}\geq 2\left(\frac{a}{\sqrt{bc}}+\frac{b}{\sqrt{ac}}+\frac{c}{\sqrt{ab}}\right).$$

Аломати баробарӣ танҳо ҳангоми $a=b=c$ будан ҷой дорад.

***Мисоли 2.*** *Нобаробарии зеринро исбот кунед:*

$$x^2+2xy+3y^2+4x+16y+22\geq 0.$$

***Исбот:*** Қисми чапи нобаробарии додашударо табдил медиҳем:

$$x^2+2xy+3y^2+4x+16y+22=(x^2+2xy+y^2)+2(y^2+6y+9)+4x+4y+4=$$

$$=[(x+y)^2+4(x+y)+4]+2(y+3)^2=(x+y+2)^2+2(y+3)^2.$$

Дар натиҷаи ин табдилдиҳӣ нобаробарии додашуда ба нобаробарии эквивалентии зерин оварда мешавад: $(x+y+2)^2+2(y+3)^2\geq 0.$

Ҳамин тавр, нобаробарии ҳосилкардаамон барои дилхоҳ қиматҳои $x$ ва $y$ ҷой дорад, аммо аломати баробарӣ танҳо дар ҳолати $x=1$ ва $y=-3$ будан ҷой дорад.

**2. Исботи нобаробариҳо бо методи индуксияи математикӣ**

***Таъриф.*** *Методи индуксияи математикӣ гуфта, методи муҳокимаронии аз мисолҳои хусусӣ ба ягон хулосаи умумӣ оварданро меноманд.*

Индуксия аз калимаи лотинии ***«Induction»*** гирифта шуда, маънояш ***«ҷорикунӣ»*** мебошад. Бо ин метод якчанд теорема ва нобаробариҳои муҳимро исбот менамоем.

***Теоремаи 1.*** *Агар ҳосили зарби $n$ ададҳои мусбати $a_1, a_2, a_3, \dots, a_n$ баробари 1 бошад, пас суммаи онҳо аз $n$ хурд нест, яъне,*

$$a_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_n = 1 \quad \Rightarrow \quad a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_n \geq n.$$

***Исбот:*** Бо методи индуксияи математикӣ ин теоремаро исбот менамоем. Барои ин аввал дурустии теоремаро ҳангоми $n = 2$ будан месанҷем, яъне, исбот мекунем, ки агар $a_1 \cdot a_2 = 1$ бошад, пас $a_1 + a_2 \geq 2$ мешавад. Ду ҳолатро дида мебароем:

*а)* Ҳангоми $a_1 = a_2 = 1$ будан, $a_1 + a_2 = 2$ мешавад.

*б)* Ҳангоми $0 < a_1 < a_2$ будан, дар ин маврид $a_1 < 1$ ва $a_2 > 1$ мебошад. Аз баробарии $(1 - a_1)(a_2 - 1) = a_1 + a_2 - a_1 a_2 - 1$ чунин бармеояд:

$$a_1 + a_2 = a_1 a_2 + (1 - a_1)(a_2 - 1) + 1.$$

Дорем $a_1 \cdot a_2 = 1,$ бинобар ин, $a_1 + a_2 = (1 - a_1)(a_2 - 1) + 2.$ Ҳангоми $a_1 < 1 < a_2$ будан аз баробарии охир бармеояд, ки $a_1 + a_2 > 2$ аст. Аломати баробарӣ бошад, танҳо дар ҳолати $a_1 = a_2$ будан ҷой дорад. Теорема ҳангоми $n = 2$ будан исбот шуд.

Акнун фарз мекунем, ки теорема ҳангоми $n = k$ будан ҷой дорад, яъне, фарз менамоем, ки агар $a_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_k = 1$ бошад, пас, $a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k \geq k$ мешавад.

Ҳангоми $n = k + 1$ будан исбот мекунем, ки $a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k + a_{k+1} \geq k + 1$ аст, агар $a_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_k = 1$ бошад.

Аз шарти теорема маълум аст, ки $a_1 > 0,\ \ a_2 > 0,\ \ a_3 > 0,\ \dots\ a_k > 0,\ \ a_{k+1} > 0$ мебошад. Пеш аз ҳама, қайд менамоем, ки агар $a_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_k = 1$ бошад, пас ду ҳолат ҷой дорад:

1. *Ҳамаи зарбшавандаҳо бо ҳам баробар мебошанд, яъне,*

$$a_1 = a_2 = a_3 = \ \dots = a_k = a_{k+1}.$$

Дар ин ҳолат ҳамаи зарбшавандаҳо баробари 1 буда, суммаи онҳо ба $k + 1$ баробар аст, яъне, $a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k + a_{k+1} = k + 1.$

2. *На ҳамаи зарбшавандаҳо бо ҳам баробаранд.* Дар ин маврид дар байни зарбшавандаҳо ҳам адади калон аз як ва ҳам адади хурд аз як мавҷуд аст. Фарз мекунем, ки $a_k < 1$ ва $a_{k+1} > 1$, пас, $a_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_k = 1.$

Ишораи $x_1 = a_1 a_{k+1}$ –ро дохил карда ҳосил менамоем: $x_1 \cdot a_2 \cdot a_3 \cdot \ \dots \cdot a_k = 1.$ Маълум аст, ки агар ҳосили зарби $k$ адади мусбат баробари як бошад, пас суммаи онҳо аз $k$ хурд нест, яъне $x_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k \geq k.$ Пас,

$$a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k + a_{k+1} = (x_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k) + a_{k+1} - x_1 + a_1 \geq$$
$$\geq k + a_{k+1} - x_1 + a_1 = (k + 1) + a_{k+1} - x_1 + a_1 - 1 = (k + 1) + (a_{k+1} - 1)(1 - a_1)$$

мешавад. Аз фарзияи дар боло кардаамон ($a_k < 1,\ \ a_{k+1} > 1$) бармеояд, ки $(a_{k+1} - 1)(1 - a_1) > 0,$ бинобар ин,

$$a_1 + a_2 + a_3 + \ \dots + a_k + a_{k+1} \geq (k + 1) + (a_{k+1} - 1)(1 - a_1) > k + 1.$$

Теорема исбот шуд.

***Мисоли 3.*** *Нобаробарии зеринро исбот мекунем:*

$$\frac{1}{2} \cdot \frac{3}{4} \cdot \frac{5}{6} \cdot \ \dots \cdot \frac{2n - 1}{2n} \leq \frac{1}{\sqrt{3n + 1}}.$$

***Исбот:*** Ҳангоми $n = 3$ дурустии нобаробарӣ аён мебошад, яъне,

$$\frac{1}{2} \cdot \frac{3}{4} \cdot \frac{5}{6} \leq \frac{1}{\sqrt{3 \cdot 3 + 1}}, \qquad \frac{15}{48} \leq \frac{1}{\sqrt{10}}.$$

Фарз мекунем, ки ҳангоми $n = k$ нобаробарии додашуда дуруст аст:

$$\frac{1}{2}\cdot\frac{3}{4}\cdot\frac{5}{6}\cdot\ldots\cdot\frac{2k-1}{2k} \le \frac{1}{\sqrt{3k+1}}. \qquad (1)$$

Дурустии нобаробарии додашударо, ҳангоми $n = k + 1$ будан, исбот менамоем:

$$\frac{1}{2}\cdot\frac{3}{4}\cdot\frac{5}{6}\cdot\ldots\cdot\frac{2k-1}{2k}\cdot\frac{2k+1}{2k+2} \le \frac{1}{\sqrt{3k+4}}.$$

Барои ин ҳар ду тарафи нобаробарии (1) – ро ба $\frac{2k+1}{2k+2}$ зарб мекунем:

$$\frac{1}{2}\cdot\frac{3}{4}\cdot\frac{5}{6}\cdot\ldots\cdot\frac{2k-1}{2k}\cdot\frac{2k+1}{2k+2} \le \frac{1}{\sqrt{3k+4}}\cdot\frac{2k+1}{2k+2}.$$

Акнун бояд исбот кунем, ки

$$\frac{1}{\sqrt{3k+1}}\cdot\frac{2k+1}{2k+2} \le \frac{1}{\sqrt{3k+4}} \qquad (2)$$

аст. Ҳарду тарафи нобаробарии охирро ба ифодаи мусбати $(2k+2)\sqrt{3k+1}\cdot\sqrt{3k+4}$ зарб карда, баъдан ба квадрат мебардорем:

$$(2k+1)\sqrt{3k+4} \le (2k+2)\sqrt{3k+1}, \qquad (2k+1)^2(3k+4) \le (2k+2)^2(3k+1),$$

$$12k^3 + 28k^2 + 19k + 4 \le 12k^3 + 28k^2 + 20k + 4, \qquad k \ge 0.$$

Дурустии нобаробарии (2) исбот шуд, пас нобаробарии

$$\frac{1}{2}\cdot\frac{3}{4}\cdot\frac{5}{6}\cdot\ldots\cdot\frac{2n-1}{2n} \le \frac{1}{\sqrt{3n+1}}$$

барои дилхоҳ қиматҳои натуралии $n$ ҷой дорад.

***Мисоли 4.*** *Исбот кунед, ки барои дилхоҳ* $\{a_k\}_{k=\overline{1,n}}$ *нобаробарии зерин ҷой дорад:* $|a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_n| \le |a_1| + |a_2| + |a_3| \ldots + |a_n|.$

***Исбот:*** Ҳангоми $n = 2$ дурустии нобаробариро месанҷем:

$$|a_1 + a_2| \le |a_1| + |a_2|.$$

Маълум аст, ки барои дилхоҳ қиматҳои $a_1$ ва $a_2$ нобаробариҳои зерин ҷой доранд:

$$-|a_1| \le a_1 \le |a_1|, \qquad -|a_2| \le a_2 \le |a_2|.$$

Тарафҳои мувофиқи ин нобаробариҳоро ҷамъ менамоем:

$$-(|a_1| + |a_2|) \le a_1 + a_2 \le |a_1| + |a_2|.$$

Аз ин ҷо нобаробариҳои зерин ҳосил мешаванд:

1) $a_1 + a_2 \le 0$; $\quad -(|a_1| + |a_2|) \le a_1 + a_2$, $\quad -(a_1 + a_2) \le |a_1| + |a_2|$.

2) $a_1 + a_2 \ge 0$; $\quad a_1 + a_2 \le |a_1| + |a_2|$.

Ҳар дуи ин нобаробариҳоро якҷоя карда, нобаробарии $|a_1 + a_2| \le |a_1| + |a_2|$ – ро ҳосил мекунем. Ҳангоми $n = 2$ дурустии нобаробарӣ исбот шуд.

Фарз мекунем, ки ҳангоми $n = k$ будан нобаробарии додашуда дуруст аст, яъне, $|a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_k| \le |a_1| + |a_2| + |a_3| \ldots + |a_k|$.

Акнун ҳангоми $n = k + 1$ будан дурустии нобаробариро исбот мекунем:

$$|a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_k + a_{k+1}| = |(a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_k) + a_{k+1}| \le$$
$$\le |a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_k| + |a_{k+1}| \le |a_1| + |a_2| + |a_3| \ldots + |a_k| + |a_{k+1}|.$$

Дурустии нобаробарии додашуда исбот шуд.

***3. Исботи дурустии нобаробариҳо бо истифодаи хосиятҳои асосии нобаробариҳо ва нобаробариҳои маъмул.***

Дурустии баъзе нобаробариҳоро бо истифодаи хосиятҳои асосии нобаробариҳо ва нобаробариҳои маъмул исбот менамоем.

***Теоремаи 2.*** *Миёнаи арифметикии $n$ ададҳои ғайриманфӣ аз миёнаи геометрии ин ададҳо хурд нест, яъне,*

$$\frac{a_1 + a_2 + a_3 + \ldots + a_n}{n} \ge \sqrt[n]{a_1 a_2 a_3 \ldots a_n}.$$

***Исбот:*** Барои исботи ин теорема аввал ишорати зеринро дохил мекунем:

$$\sqrt[n]{a_1 a_2 a_3 \ldots a_n} = x.$$

Ҳарду тарафи ин баробариро ба $x$ тақсим карда, баробарии зеринро ҳосил менамоем:

$$\sqrt[n]{\frac{a_1}{x}\cdot\frac{a_2}{x}\cdot\frac{a_3}{x}\cdot\ \dots\ \cdot\frac{a_n}{x}}=1, \qquad \frac{a_1}{x}\cdot\frac{a_2}{x}\cdot\frac{a_3}{x}\cdot\ \dots\ \cdot\frac{a_n}{x}=1.$$

Аз теоремаи 1 бармеояд, ки агар $\frac{a_1}{x}\cdot\frac{a_2}{x}\cdot\frac{a_3}{x}\cdot\ \dots\ \cdot\frac{a_n}{x}=1$ бошад, пас

$$\frac{a_1}{x}+\frac{a_2}{x}+\frac{a_3}{x}+\ \dots+\frac{a_n}{x}\geq n \qquad (3)$$

мешавад. Акнун нобаробарии (3) –ро дар шакли зерин менависем:

$$\frac{a_1+a_2+a_3+\ \dots\ +a_n}{x}\geq n, \qquad \frac{a_1+a_2+a_3+\ \dots\ +a_n}{n}\geq x.$$

Дар боло ишораи $x=\sqrt[n]{a_1a_2a_3\ \dots\ a_n}$ –ро дохил карда будем, акнун ин ишораро истифода бурда, нобаробарии ҳосилшударо дар шакли зерин меорем:

$$\frac{a_1+a_2+a_3+\ \dots\ +a_n}{n}\geq\sqrt[n]{a_1a_2a_3\ \dots\ a_n}.$$

Теорема исбот шуд.

***Мисоли 5.*** *Исбот кунед, ки агар* $a_1, a_2, a_3, \dots, a_n$ *ададҳои мусбат бошанд, пас,* $\frac{a_1}{a_2}+\frac{a_2}{a_3}+\frac{a_3}{a_4}+\ \dots+\frac{a_{n-1}}{a_n}+\frac{a_n}{a_1}\geq n$ *мешавад.*

***Исбот:*** Ин нобаробариро бо чунин тарз исбот менамоем.

*Маълум аст,* ки $\frac{a_1}{a_2}\cdot\frac{a_2}{a_3}\cdot\frac{a_3}{a_4}\cdot\ \dots\cdot\frac{a_{n-1}}{a_n}\cdot\frac{a_n}{a_1}=1$, бинобар ин, мувофиқи теоремаи 2 дорем:

$$\frac{\frac{a_1}{a_2}+\frac{a_2}{a_3}+\frac{a_3}{a_4}+\ \dots+\frac{a_{n-1}}{a_n}+\frac{a_n}{a_1}}{n}\geq\sqrt[n]{\frac{a_1}{a_2}\cdot\frac{a_2}{a_3}\cdot\frac{a_3}{a_4}\cdot\ \dots\cdot\frac{a_{n-1}}{a_n}\cdot\frac{a_n}{a_1}},$$

$$\frac{\frac{a_1}{a_2}+\frac{a_2}{a_3}+\frac{a_3}{a_4}+\ \dots+\frac{a_{n-1}}{a_n}+\frac{a_n}{a_1}}{n}\geq 1, \qquad \frac{a_1}{a_2}+\frac{a_2}{a_3}+\frac{a_3}{a_4}+\ \dots+\frac{a_{n-1}}{a_n}+\frac{a_n}{a_1}\geq n.$$

Аломати баробарӣ танҳо дар ҳолати $a_1=a_2=a_3=\ \dots\ =a_n$ будан ҷой дорад.

***Мисоли 6.*** *Исбот кунед, ки нобаробарии зерин барои дилхоҳ* $n\geq 0$ *ҷой дорад:*

$$n!\leq\left(\frac{n+1}{2}\right)^n.$$

***Исбот:*** Теоремаи 2–ро истифода карда, меёбем:

$$\sqrt[n]{n!}=\sqrt[n]{1\cdot 2\cdot 3\cdot\ \dots\cdot n}\leq\frac{1+2+3+\ \dots+n}{n}=\frac{n(n+1)}{2n}=\frac{n+1}{2},$$

яъне $\sqrt[n]{n!}\leq\frac{n+1}{2}$. Ҳарду тарафи ин нобаробариро ба дараҷаи $n$ бардошта, нобаробарии матлубро ҳосил менамоем: $n!\leq\left(\frac{n+1}{2}\right)^n$.

***4. Исботи нобаробариҳои бо шартҳои иловагӣ додашуда.***

*Исботи нобаробариҳоеро дида мебароем, ки ҳамроҳашон шартҳо дода шудааст. Барои исботи ин навъ нобаробариҳо бояд ҳамаи шартҳои додашударо истифода намуд.*

***Мисоли 7.*** *Исбот кунед, ки агар* $a, b, c$ *чунин ададҳои ҳақиқие бошанд, ки баробарии* $a^2+b^2+c^2=1$ – ро *қаноат кунанд, он гоҳ барояшон нобаробарии зерин ҷой дорад:*

$$-\frac{1}{2}\leq ab+bc+ac\leq 1.$$

***Исбот:*** Аввал дурустии нобаробарии $ab+bc+ac\geq-\frac{1}{2}$ – ро нишон медиҳем. Мувофиқи шарти масъала $a^2+b^2+c^2=1$ аст, пас

$$(a+b+c)^2\geq 0, \qquad a^2+b^2+c^2+2(ab+bc+ac)\geq 0,$$

$$1+2(ab+bc+ac)\geq 0, \qquad ab+bc+ac\geq-\frac{1}{2}.$$

Акнун нобаробарии $ab+bc+ac\leq 1$ – ро исбот мекунем. Азбаски $a^2+b^2+c^2=1$ аст, пас

$$(a-b)^2+(\mathrm{b}-\mathrm{c})^2+(\mathrm{a}-\mathrm{c})^2\geq 0,$$

$$2(a^2+b^2+c^2)-2(ab+bc+ac)\geq 0, \qquad 2\cdot 1-2(ab+bc+ac)\geq 0,$$

$$ab+bc+ac\leq 1.$$

Аз ҳар ду нобаробариҳои ҳосилнамудаамон бармеояд, ки $-\frac{1}{2} \leq ab + bc + ac \leq 1.$

***Мисоли 8.*** *Ададҳои $a_1, a_2, \dots, a_n$ мусбат буда, $a_1 \cdot a_2 \cdot \dots \cdot a_n = 1$ мебошад. Исбот кунед, ки $(1 + a_1)(1 + a_2)\dots(1 + a_n) \geq 2^n$ мешавад.*

***Исбот:*** Маълум аст, ки $\frac{a_1+a_2}{2} \geq \sqrt{a_1 a_2}$, бинобар ин,

$$\frac{1+a_1}{2} \geq \sqrt{a_1}, \quad \frac{1+a_2}{2} \geq \sqrt{a_2}, \quad \dots, \quad \frac{1+a_n}{2} \geq \sqrt{a_n},$$

$$1 + a_1 \geq 2\sqrt{a_1}, \quad 1 + a_2 \geq 2\sqrt{a_2}, \quad \dots, \quad 1 + a_n \geq 2\sqrt{a_n}$$

мешавад. Тарафҳои мувофиқи нобаробариҳои охирро зарб мекунем:

$(1 + a_1)(1 + a_2)\dots(1 + a_n) \geq 2^n\sqrt{a_1 \cdot a_2 \cdot \dots \cdot a_n}$, $\quad (1 + a_1)(1 + a_2)\dots(1 + a_n) \geq 2^n$.

***5. Исботи нобаробариҳо бо ёрии пайдарпаиҳо.***

Дурустии баъзе нобаробариҳоеро, ки қисмҳои чапу росташон функсияҳои аргументашон натуралӣ мебошанд, бо усули зерин исбот кардан мумкин аст: нобаробарии додашударо ба нобаробарии эквивалентие, ки қисми росташ доимӣ буда, қисми чапаш функсияи аргументаш натуралӣ мебошад, табдил дода мешавад. Он гоҳ функсияи аргументаш натуралии қисми чапи нобаробариро ҳамчун аъзои умумии ягон пайдарпаӣ муоина карда, дурустии нобаробариро ба воситаи тадқиқи хосиятҳои ин пайдарпаӣ исбот кардан мумкин аст.

***Мисоли 9.*** *Исбот кунед, ки нобаробарии $2^{n-1} \leq n!$ барои дилхоҳ ададҳои натуралии $n$ дуруст аст.*

***Исбот:*** Нобаробарии додашударо ба нобаробарии баробарқувваи $\frac{2^{n-1}}{n!} \leq 1$ табдил медиҳем. Пайдарпаии $\{x_n\}$ – ро, ки бо формулаи аъзои умумиаш $x_n = \frac{2^{n-1}}{n!}$ дода шудааст, дида мебароем:

$$x_{n+1} - x_n = \frac{2^n}{(n+1)!} - \frac{2^{n-1}}{n!} = \frac{2^n - 2^{n-1}(n+1)}{(n+1)!} = \frac{2^{n-1}(1-n)}{(n+1)!} \leq 0, \quad \forall\, n \geq 1.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки пайдарпаии $\{x_n\}$, ҳангоми $n \geq 1$ будан, пайдарпаии афзуннашаванда мебошад, бинобар ин, аъзои калонтарин аъзои якумаш буда, ба $1$ баробар аст, яъне, $\frac{2^{n-1}}{n!}$ аз $1$ калон нест $\left(\frac{2^{n-1}}{n!} \leq 1\right)$.

***Мисоли 11.*** *Нобаробарии зеринро исбот кунед:* $\quad n! \leq \left(\frac{n+1}{2}\right)^n, \quad n \epsilon \mathbb{N}.$

***Исбот:*** Ҳар ду тарафи нобаробарии додашударо ба $n!$ $(n \in \mathbb{N})$ тақсим намуда, нобаробарии эквивалентии зеринро ҳосил менамоем:

$$\frac{\left(\frac{n+1}{2}\right)^n}{n!} \geq 1, \qquad \frac{(n+1)^n}{2^n n!} \geq 1.$$

Акнун пайдарпаии $\{x_n\}$ – ро, ки бо формулаи аъзои умумиаш $x_n = \frac{(n+1)^n}{2^n n!}$ дода шудааст, дида мебароем:

$$x_{n+1} - x_n = \frac{(n+2)^{n+1}}{2^{n+1}(n+1)!} - \frac{(n+1)^n}{2^n n!} = \frac{(n+2)^{n+1} - 2(n+1)^{n+1}}{2^{n+1}(n+1)!} \geq 0, \quad \forall n \geq 0.$$

Пас пайдарпаии $\{x_n\}$, ҳангоми $n \geq 0$ будан, пайдарпаии монотонии камнашаванда мебошад, бинобар ин, $x_0$ аъзои хурдтаринаш буда, ба $1$ баробар аст $\left(x_0 = \frac{(0+1)^0}{2^0 \cdot 0!} = 1\right)$, яъне, $\frac{(n+1)^n}{2^n n!}$ аз $1$ хурд нест $\left(x_n \geq x_0, \quad \frac{(n+1)^n}{2^n n!} \geq 1\right)$.

***Мисоли 12.*** *Исбот кунед, ки барои дилхоҳ $n \neq 0$, $n \epsilon \mathbb{N}$ нобаробарии* $(n!)^2 \geq n^n$ ҷой дорад.

***Исбот:*** Ин нобаробариро ба нобаробарии эквивалентии $\frac{n^n}{(n!)^2} \leq 1$ табдил медиҳем. Пайдарпаии $\{x_n\}$ – ро, ки бо формулаи аъзои умумии $x_n = \frac{n^n}{(n!)^2}$ дода шудааст, дида мебароем:

$$x_{n+1} - x_n = \frac{(n+1)^{n+1}}{[(n+1)!]^2} - \frac{n^n}{(n!)^2} = \frac{(n+1)^2[(n+1)^{n-1} - n^n]}{[(n+1)!]^2} \leq 0, \quad \forall n \geq 1.$$

Пайдарпаии $\{x_n\}$, ҳангоми $n \geq 1$ будан, пайдарпаии монотонӣ афзуннашаванда буда, $x_1$ аъзои калонтарини он мебошад, ки ба 1 баробар аст $\left(x_1 = \frac{1^1}{(1!)^2} = 1\right)$, яъне, $\frac{n^n}{(n!)^2}$ аз як калон нест $\left(x_n \leq x_1, \quad \frac{n^n}{(n!)^2} \leq 1\right)$. Нобаробарӣ исбот шуд.

**Ҷавонмеҳр ИСМАТОВ,**
**омӯзгори кафедраи фанҳои тахассусии Коллеҷи тибби шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**



# ХОСИЯТИ ДАВОИИ ШИРАИ МЕВАЮ САБЗАВОТ ВА ҲИФЗИ ОНҲО

Меваю сабзавот дар саломатии инсон нақши басо муҳим доранд. Бояд тазаккур дод, ки яке аз омилҳои сар задани бемориҳои дилу рагҳои хунгард ва саратон аз нарасидани моводи зидди оксидӣ, аз қабили каротоидҳо, витамини С ва Е мебошад. Ғайр аз ин, ҳангоми вайроншавии мубодилаи моддаҳо, миқдори холестерин ва липопротеинҳои зичиашон паст зиёд шуда, вайроншавии хусусияти эластикии дохили рагҳои хунгард ба назар мерасад. Дар натиҷа, липопротоинҳои зичиашон паст метавонанд, ба деворҳои он часпида, ба пайдошавии бемории отеросклероз мусоидат кунанд. Бемории дигаре, ки қисми зиёди занону кӯдаконро мубтало месозад, камхунӣ аз норасоии оҳан мебошад. Барои рафъ ва пешгирии чунин бемориҳо истеъмоли меваю сабзавот, ки манбаи аксари витамин ва барои буния заруранд, аз фоида холӣ нест.

Таркиби аксари меваю сабзавот аз витамини С бой аст. Истеъмоли ин гуна витаминҳо бо дигар ғизоҳои аз оҳан бой, аз ҷумла, лӯбиё, наск ба ҷаббидашавии оҳан дар буния мусоидат мекунад ва омили сар задании камхунӣ аз нарасидани оҳанро пешгирӣ менамояд. Оҳан, инчунин, дар таркиби карам, турб ва исфаноқ зиёд аст. Ғайр аз ин, меваю сабзавот дар таркиби худ унсурҳои калий, магний калсий ва ғайра, доранд.

Меваю сабзавот, ҳамчунин, манбаи витаминҳои гурӯҳи В, аз ҷумла, кислотаҳои фолат ва витамини В6 мебошанд. Нақши кислотаи фолат дар пешгирии камхунӣ ва осебҳои найчаи асаб ниҳоят калон аст. Аз ин лиҳоз, ба духтарҳои болиғ, хусусан, занҳои ҳомила ва то ҳомила шудан, дар баъзе мамлакатҳо истеъмоли кислотаи фолатро тавсия медиҳанд. Манбаи хуби ин кислота лӯбиёи сурх, наск, чормағз, нахӯд, арахис, нон, меваҳои ситрусӣ, исфаноқ, карам ва ғайра, мебошанд. Ғайр аз ин, дар таркиби меваю сабзавот стеринҳо, флавоноидҳо, равғанҳои атрӣ, кумаринҳо ва ғайра, мавҷуданд. Онҳо ба кам шудани холестерини таркиби хун, флавоноидҳо омил мебошанд ва ба кам шудани лахтбандии хун, ҳангоми агрегатсияи тромбоситҳо, кам кардани шиддати илтиҳоб ва ғайра, мусоидат мекунанд. Равғанҳои атрӣ ба кам шудани миқдори холестерини таркиби хун, баланд шудани миқдори липопротеинҳои зичиашон баланд, зиёдшавии кислотаҳои дохили талха, беҳтар гардидани мубодилаи моддаҳои дохили буния оварда мерасонанд. Аз ин лиҳоз, одамони калонсол бояд дар як шабонарӯз то 400-600 грамм меваю сабзавот истеъмол намоянд. Меъёри зарурӣ барои кӯдакон 200 граммро ташкил медиҳад. Барои ҳамин дар бисёре аз ноҳияҳои ҷумҳурӣ меваю сабзавот аз рӯйи ин меъёрҳо намерасад. Барои қисман қонеъ гардонидани он истеъмоли афшура ва шираю шарбатҳои мевагиро истифода бурдан зарур аст.

Шираи меваҳо. Олучабандак, қоти сиёҳ, тамашк дар баробари ранги зебо доштанашон, боз накҳати хуб ҳам доранд. Ин шарбатҳоро бо шарбатҳое, ки рангу накҳаташон суст аст, аз ҷумла, себ, нок, хорангур ҳамроҳ кардан айни муддаост. Шираи қоти сафед, хорангур, олучабандак, олу миқдори зиёди туршӣ ва моводи экстративӣ доранд, ки ин омил сифати онҳоро ҳамчун нӯшоба пасттар мекунад. Шарбати ноку гелос бошад, миқдори ками кислота дорад, ки барои консерва кардан матлуб нест. Аз ин рӯ, чунин шираҳоро бо шираҳои меваҳои туршиашон баланд омехта мекунанд.

Омехтакунӣ боз ба софшавии шираи меваҳо мусоидат мекунад. Мисол: шираи себро бо ҳамроҳ кардани ширааи нокҳои тумч, ки миқдори зиёди моддаҳои даббоғӣ доранд, то 19-25% соф кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, барои беҳтар намудани маззаи шираҳо онҳоро ба об омехта карда, миқдори кам шакар ҳамроҳ мекунанд, ки тамаркузи он аз 20% боло набошад. Ба як идда шираҳои туршиашон кам барои хушмазза намудани онҳо ҷавҳари

лиму (2 г ба 1л. шарбат) ва ба шираи помидор 0,6-1% намаки ош ҳамроҳ мекунанд. Омехтани шираҳои гуногунро беҳтараш то тамиз додан амалӣ кард. Обу шакарро бошад, пеш аз истеъмоли шираҳо бояд истифода намуд.

Ба шираи сабзавот, аз қабили сабзӣ, карафс, лаблабу, ки миқдори кислотаҳояшон кам аст, шираи турши меваҳоро ҳамроҳ мекунанд, то дар онҳо бактерияҳои касалиовар афзоиш наёбанд. Агар шираи чунин меваҳо набошанд, чавҳари лимуро аз ҳисоби 5-7 г. дар 1 л. об истифода мебаранд. Усулҳои омехтани шираҳо гуногунанд. Ин амал, пеш аз ҳама, ба муҳити зист, ҳам обу ҳавои минтақа вобастагии зич дорад. Дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон, ки анвои меваю сабзавот ниҳоят зиёданд, метавонанд, омехтаҳои гуногуни меваҳоро тайёр кунанд. Аз ҷумла, шираи олучабандаку гелос, олучаю олу, себу олу, гелосу олуро метавонанд, бо шираи шакар ва бе он ҳам тайёр кунанд. Ҳангоми омехтан агар меваҳои рангашон сурх: олучабандак, қоти сурх, сиёҳ, тамашк, марминҷон ва ғайраро бо ҳам омехта, шираю шарбат тайёр кунад, на танҳо шарбати рангаш зебо, балки бонакҳату хушмазза мешавад. Барои баланд бардоштани хосияти шифоии шарбатҳо ба онҳо 1-2 дона ҳабби аскорбинро дар 1 литр шарбат ҳамроҳ мекунанд.

**Тайёр намудани шарбатҳои омехта ва меъёрҳои онҳо**

| Номгӯйи шираҳо | Меъёрҳои ҳар як шарбат | Бо қанд |
|---|---|---|
| Себу ангур | 4:1 | |
| Ангуру себ | 3:1 | |
| Ноку себ | 4:1 | |
| Олучабандак-гелос | 5:3 | |
| Қоти сиёҳ-себ | | 16:3:7 |
| Олуча-себ | | 4:2:1 |
| Себу ангур | | 8:8:1 |
| Себу ангат | | 8:1:1 |
| Себ-олучабандак | | 5:1:2 |
| Себ-олуча-шафтолу | | 0,5:1, 5:2 |
| Себ-ноку зардолу | | 2:1:2 |
| Себ-ноку ангат | | 2:2:2 |
| Себ-ангур-қоти сиёҳ | | 8:2:1 |

Омехтакунии шираҳо моҳияти ғизоии онҳоро боз баландтар мекунад. Ҳангоми таҳияи шира ва шарбатҳои лаҳмдори себ, нок, олу метавон шираи асосии шарбати зардолу, биҳӣ, шафтолу, қоти сиёҳ ва ғайраро ҳамроҳ намуд. Дар вақти омехта намудани шираҳо ба онҳо, албатта, шакар ҳамроҳ мекунанд. Дар нусхаи зер меъёри тайёр кардани шираҳо ва шакар нишон дода шудааст.

**Нусхаи шираҳои омехтаи лаҳмдор**

| Номгӯйи шарбатҳо | Меъёри омехтаи шираҳо |
|---|---|
| Себу қоти сурх | 2,5:1,5:1 |
| Себу қулфинай | 1:1:1 |

| | |
|---|---|
| Себу қоти сиёҳ | 6:2:4,5 |
| Себу олуча | 3:1:2,5 |
| Себу зардолу | 2,5:1,5:4 |
| Себу нок | 2:1:2 |
| Себу олу | 2:1,5:1,5 |
| Себу олучабандак | 3:2:2 |

Ғайр аз ин, бо омехтаи шираи лаҳмдори як мева ва шираи софи меваи дигар аз шираи шакар шарбатҳо тайёр мекунанд. Мисол: шарбати софи ангуру полидаи олу 1,5:2:1,5, олучабандаку қоти сиёҳ 1:2:1, олучабандаку қулфинай 1:1:1. Бояд тазаккур дод, ки шарбатҳои омехтаро, инчунин, аз чанд шираи лаҳмдор тайёр намудан мумкин аст. Аз ҷумла: себ, қоти сиёҳ, зардолу (аз ҳарсеяшон пюре тайёр намуда, ба он қиём ҳамроҳ мекунанд). 2:1:2:2,себ, олуча, шафтолу (пюре қиёми қанд) 0,5:1,5:2,0 себ, нок, зардолу (пюре + қиёми қанд) 2:1:1:4 ва ғайра.

Ҳар як шахс метавонад, ин нусхаро дигар намояд ё нусхаи нав сохта, шарбати дилхоҳ тайёр кунад. Ғайр аз ин, нусхаҳои дар боло додашударо барои тайёр намудани шарбатҳои асил истифода барад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми тайёр намудани шираю шарбатҳо коргарон дар истеҳсолот ё кадбонуҳо дар шароити хона бояд ҳама шартҳои назофатро риоя намоянд. Агар ин гуна шартҳо риоя нашаванд, шираҳо метавонанд, манбаи асосии микробҳои касалиовар гарданд. Аз ин лиҳоз, коркарди термикӣ бо роҳи гармидиҳӣ барои нобуд сохтани микробҳо ва занбурӯғҳои касалиовар ниҳоят зарур аст. Муайян шудааст, ки аксари меваҳо дар таркибашон туршӣ (кислотаҳо) доранд ва микробҳои онҳо бо андаке гарм намудани шира тез нобуд мешаванд, аммо хамиртуршҳо ва занбурӯғҳои зараровар дар муҳити туршӣ ҳам дар пайвастагӣ бо оксиген зуд афзоиш меёбанд. Онҳо на танҳо дар рӯйи шираҳо, ки он ҷо оксиген зиёд аст, балки дар дохили он ҳам хуб афзоиш мекунанд. Қисме аз онҳо дар ҳарорати 65-70° С ва спораҳои онҳо дар ҳарорати 70-75°С нобуд мешаванд. Занбурӯғҳои мағорӣ бошанд, танҳо бо иштироки оксиген афзоиш меёбанд. Аз ин рӯ, барои онҳо танҳо қабати болоии шираҳо муфид аст.

Занбурӯғҳои мағорӣ нисбат ба хамирмояҳо ба баландшавии ҳарорат тобовар мешаванд. Дар шароити истеҳсолот, ки қоидаҳои технологӣ риоя мешавад, шираю шарбатҳо аз лиҳози сифат қобили қабуланд. Дар шароити хона бошад, шираҳоро танҳо бо роҳи гармидиҳӣ аз вайроншавӣ эмин доштан мумкин аст, вале ҳангоми гармидиҳӣ гармиро набояд аз ҳад зиёд истифода бурд, чунки он ба сифати шираю шарбатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Азбаски дар таркиби шираи сабзавот миқдори кислотаҳои органикӣ, 0,2-0,3% мавҷуданд ва дар шираи меваҳо, аз ҷумла, гелос, нок, зардолу, шафтолу ва тут низ каманд, метавонанд, бактерияи ниҳоят хавфноки ботулин афзоиш ёбад, ки он танҳо дар ҳарорати аз 100°С зиёд нобуд мешавад. Чунин ҳароратро дар шароити хона таъмин намудан мушкил аст. Аз ин ҷиҳат, ба чунин шираҳо пеш аз гарм кардан кислотаҳо (ҷавҳари лиму) ҳамроҳ кардан лозим аст.

Хулоса, ҳангоми таҳияи шираҳо тарзи тайёр кардани онҳо нақши муҳимро мебозад. Аз ҷумла, шираҳоро бояд бе кашолкорӣ дар оби ҷӯш нағзакак стерилизатсия карда, ба зарфҳои шишагин рехта, бо сарпӯши тунукагии тамизшуда маҳкам кардан лозим аст, чунки бо сабаби ба муддати дароз кушода нигоҳ доштан шарбатҳо зери таъсири оксиген зуд турш шуда, миқдори витаминҳояшон кам ва рангашон хира мегардад. Пас, барои таъмини ҳамешагии аҳли хонавода бо витаминҳои фоидаовар моро зарур аст, ки дар мавсими меваҳо ҳосилро босамар истифода бурда, захираи солонаи ғизоии худро таъмин намоем.

**Абдурозиқ ШАРИФОВ,**
**омӯзгори МТМУ №47-и ноҳияи Рӯдакӣ**



# ҚУВВАИ СОИШ ДАР ТАБИАТ ВА ҶИҲАТҲОИ МУСБАТУ МАНФИИ ОН

Дарси физика яке аз асоситарин ҷузъи фанҳои дақиқ дар низоми таълим ба шумор рафта, дар тафаккури насли наврас шавқро нисбат ба техникаву технология ташаккул медиҳад. Дар ин нигошта мавзуи "Қувваи соиш" баррасӣ шудааст, ки метавонад, барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маводи иловагии методӣ хидмат кунад.

***Мақсади дарс:*** фаҳмонидани ҳолатҳои пайдоиши чунин қувва, аҳаммияти қувваи соиш дар табиат, тавассути таҷриба муайян кардани он, ки бузургии қувваи соиш аз чӣ вобаста аст, фароҳам овардани шароит барои ташаккули малакаи гузарондани таҷрибаҳои таълимӣ, рушди зеҳни илмӣ, тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ва хулосабарорӣ аз рӯйи таҷрибаҳои таълимӣ.

***Таҷҳизонидани дарс барои як гурӯҳ***: динамометр (дастгоҳ барои чен кардани қувва), тахтача, маҷмуи ашёи вазндор, тахтачаи резинӣ, тахтаи бо лента (скотч) печонидашуда.

***Барои таҷрибаҳои намоишӣ***: динамометр, нимҳалқаи пояи магнитӣ, вараќи коғазӣ, вараќи филизӣ (металлӣ).

***РАФТИ ДАРС***

**1. Омода кардани синф ва ташкили гурӯҳҳо.**

**2. Такрори мавзуи гузашта бо ҳадафи навсозии дониши хонандагон**

Дарс ба шакли пурсишу посух сурат мегирад. Омӯзгор ба шогирдон муроҷиат карда, чанд савол медиҳад: Қувваи соиш чист? Қувва ба кучо равона карда шудааст? Он барои чӣ ба кор бурда мешавад? Қувваи соиш аз чӣ вобаста аст? Кадом формуларо барои ҳисоб кардани бузургии қувва метавон истифода кард? Дар идома омӯзгор ин мавзуъро бо саволҳои зерин дар зеҳни шогирдон навсозӣ ва мустаҳкам мекунад:

Саволи 1: Қувваи соиш чист?

Ҷавоб: Соиш қувваест, ки ҳангоми ба ҳам расидани ду ҷисм ба амал меояд ва ба ҳаракати нисбии онҳо халал мерасонад.

Саволи 2: Қувваи соиш кай ба амал меояд?

Ҷавоб: Қувваи соиш дар натиҷаи таъсири мутақобилаи ҷисмҳои ҳаракаткунанда ё ором, ки бо ҳам алоқа доранд, ба амал меояд.

Саволи 3: Қувваи соиш ба чӣ таъсир мекунад?

Ҷавоб: Дар сатҳи як ҷисм ба нуқтаи расидан бо ҷисми дигари ба ҳам таъсиркунанда.

Саволи 4: Қувваи соиш ба кучо равона шудааст?

Ҷавоб: Ба муқобили суръати ҳаракат (бадан) равона шудааст.

Саволи 5: Қувваи соишро чӣ тавр чен кардан мумкин аст?

Ҷавоб: Бо чен кардани қуввае, ки динамометр дар вақти ҳаракати якхелаи он ба ҷисм таъсир мерасонад, мо бузургии қувваи соишро чен мекунем.

Сипас, яке аз хонандагон ба назди тахта даъват мешавад, то чӣ гуна чен кардани қувваи соишро нишон диҳад ва дар тахта он қувваеро, ки аз ҳолати соиш ба ҷисм таъсир мерасонад, тасвир кунад.

**3. Муайян кардани ҳадафи дарси нав**

Ҳангоми омӯзиши қувваи соиш аз рӯи

нақша мо дар нуқтаи «Қувва ба чӣ вобаста аст?» дарсро ба поён расондем. Дар ин дарс мо кӯшиш мекунем, ба таври таҷрибавӣ бифаҳмем, ки бузургии қувваи соиш аз чӣ вобаста аст.

Саволи 1: Ба фикри шумо, бузургии қувваи соишро чӣ муайян мекунад?

Саволи 2: Мафҳуми «миқдори физикӣ» чӣ маъно дорад ва он аз чӣ вобаста аст?

Саволи 3: Мо чӣ тавр маълум мекунем, ки бузургии қувваи соиш аз масса ва намуди сатҳ вобаста аст?

Хонандагон бо ёрии омӯзгор ба ин саволҳо посух дода, ба хулосае меоянд, ки барои фаҳмидани он ки оё бузургии қувваи соиш аз ягон параметр вобастагӣ дорад ва оё ин параметрро тағйир додан лозим аст, дар ҳоле ки ҳамаи параметрҳои дигаре, ки қувваи соиш низ аз онҳо вобаста аст, бояд боқӣ монанд.

Дар ин бахш омӯзгор худи мафҳуми параметрро шарҳ дода, таърифи онро мегӯяд: Параметр - хосият ё нишондиҳандаи объект ё система буда, онро чен кардан мумкин аст; натиҷаи ченкунии параметри система рақам ё арзиши параметр аст. Дар ин бахши дарс хонандагон ба 4 гурӯҳ тақсим шуда, барои гузаронидани таҷрибаҳои омӯзишӣ омода мешаванд.

**4. Иҷрои таҷрибаи таълимӣ**

Ҳангоми кори гурӯҳӣ хонандагон тибқи дастурамал ҷадвалро дар варақаҳои алоҳида пур мекунанд.

Дастурҳо барои кор:

1. Андозаи қувваи соишро, ҳангоми ҳаракати тахтачаи дорои вазн, як бор рӯйи миз ҳаракат медиҳанд; аввал болои лента; баъд дар рӯйи резина. Натиҷаашро чен мекунанд.
2. Маълумотро дар ҷадвал менависанд.
3. Андозаи қувваи соишро, ҳангоми ҳаракати тахтачаи ба он ду ашёи вазндор боршуда, рӯйи миз ҳаракат дода, андозаи соишро чен мекунанд; аввал дар лента; сипас, дар резина.
4. Маълумотро дар ҷадвал менависанд.
5. Ниҳоят, андозаи қувваи соишро, ҳангоми ҳаракати тахтачаи дорои се вазн, дар рӯйи миз чен мекунанд; дар лента; сипас, дар резина.

Маълумоти ҳосилшударо дар ҷадвал менависанд.

| Миқдори борҳо | Миз | Лента | Резина |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Натиҷа: ...

Аз ҳар гурӯҳ якнафарӣ ба назди тахта баромада, ҷадвали ҷамъбастиро пур мекунанд. Пас аз пур кардани ҷадвал, донишомӯзон ба ҷойҳои худ мешинанд ва ҳар як шахс мустақилона натиҷаҳои ҳосилшударо дар варақҳои худ пур мекунад: мақсад, таҷҳизот, хулоса. Баъд аз ин онҳо варақҳоро ба омӯзгор месупоранд.

**5. Муҳокимаи натиҷаҳо**

Бо дарназардошти натиҷаҳои андозагирӣ, метавон ба хулосае омад, ки бузургии қувваи соиш аз намуди сатҳҳое, ки ба ҳам таъсир мерасонанд, инчунин, аз массаи ҷисм вобаста аст. Ба андозае, ки массаи ҷисм (бор) зиёд бошад, қувваи соиш ҳамон қадар афзоиш меёбад.

**6. Таҷрибаи намоишӣ**

Омӯзгор пас аз эълони натиҷаҳои таҷриба ба хонандагон муроҷиат карда, мегӯяд:

- Биёед, боз як озмоиши дигар мегузаронем. Барои ин коғаз ва тахтачаро мегирем. Аввал, қувваи соиши байни блок ва коғазро чен мекунем. Дуюм, дар таги коғаз вараки филизиро мегузорем (барои он ки хонанда-

гон натиҷаро дуруст пайхас кунанд, қувваи соишро бори дигар чен мекунем).

Саволу ҷавоб мекунем.

Савол: Чаро дар ҳолатҳои якум ва дуюм нишондиҳандаҳои динамометр ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд, гарчанде ки вазни бор ва намуди сатҳҳои ба ҳам таъсиркунанда як хел мемонанд?

Ҷавоб: Дуруст нест, гӯем, ки бузургии қувваи соиш аз масса вобаста аст, зеро он ба қувваи фишордиҳӣ, яъне, ба қуввае, ки ҷисм ба сатҳи он пахш мешавад, вобаста аст. Чӣ қадаре, ки ҷисм ба рӯи сатҳ фишор диҳад, ҳамон қадар бештар қувваи соиш ба вуҷуд меояд.

Нақшаи вобастагии қувваи соишро аз қувваи реаксияи такякунанда (ки мувофиқи қонуни сеюми Нютон ба бузургии қувваи ҷойгиранда баробар аст) тартиб медиҳем. Дар нақшаи додашуда аломатҳо чунин маъно доранд:




$\alpha$ – кунҷи моили графикӣ

$\mu = tg\alpha$ (маънои геометрии коэффисиенти соиш)

$\mu = F_{тр}/N$ (маънои физикии коэффисиенти соиш)

Хулосаи пешинаро ислоҳ мекунем:

Андозаи қувваи соиш аз инҳо вобаста аст:

1) қувваи фишор.

2) намуди сатҳҳои ба ҳам муқобил.

**7. Муттаҳидшавӣ**

Иҷрои босифати вазифаҳо.

Вазифаи №1. Чаро дар шароити яхбандӣ ба роҳҳои пиёдагард қум мепошанд?

Вазифаи №2. Тахтача ба тарафи рост кӯчонида мешавад. Қувваи соиши лағжиш нисбат ба тахтача ба куҷо равона мешавад; ба тахтача, ба сатҳе, ки тахтача ҳаракат мекунад?

Вазифаи №3. Дар дарси тарбияи ҷисмонӣ писарбача аз ресмон баробар ба поён меҷаҳад. Ин ҳаракати ӯ бо ресмон дар зери кадом қувваҳо ба амал меояд? Ин қувваҳо ба куҷо ва чӣ гуна равона шудаанд?

Вазифаи №4. Оё пас аз борон роҳи хокӣ лағжонак аст?

**8. Вазифаи хонагӣ**

Аз ҳаёт мисолҳоеро ёфта, ба дафтар нависед, ки дар онҳо кадом вақт фоидаовару зараровар будани қувваи соиш сабт ёфта бошад.

Дар қисмати ҷамъбаст дарсро ба шакли бозӣ идома медиҳем.

**9. Санҷиши дониши ҳосилшуда дар 60 сония**

Он дар шакли «Як дақиқаи шуҳрат» баргузор мешавад. Дар 60 сонияи ҳисобӣ ҳар як талаба дар бораи мазмуни дарс чизҳои наву шавқовар омӯхтаашро мухтасар нақл мекунад. Ҳар нафар бояд кӯшиш намояд, ки бо маълумоти дақиқ ва сухани нав гуфтаҳои ҳамсинфашро такмил диҳад. Масалан: имрӯз дар синф мо ба таври таҷрибавӣ муайян кардем, ки бузургии қувваи соиш аз ду параметр вобаста аст: қувваи фишор, намуди сатҳҳо...

Нафари дигар дар бораи шаклҳои соиш, зараровару фоидаовар будани баъзе аз навъҳои он маълумот медиҳад.

Дар охир, омӯзгор дарсро ҷамъбаст карда, қувваи соишро яке аз ҳолатҳои барои табиат ва ҳаёти инсонҳо муҳим арзёбӣ мекунад. Таваҷҷуҳи хонандагонро ба он равона месозад, ки дар зиндагии рӯзмарра мушоҳидакор бошанд ва дар вақти ба мушоҳида гирифтани ин ё он навъи соиш доир ба тарафҳои мусбату манфии ин рӯйдод фикр карда, хулосаи мантиқӣ бароранд.

**Шамшод ДИЛШОДЗОДА,**
**омӯзгори Муассисаи таълимии хусусии ғайридавлатии “Мактаби ҷаҳон”,**
**Муҳаммад ҒАНИЗОДА,**
**магистранти факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# АНДЕШАҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР ОСОРИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ




Аз рӯзе, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хираду тафаккур вуҷуд дорад, тарбия ва одобу ахлоқ яке аз мавзуъҳои асосӣ дар ҳаёти ӯ буданд. Таълиму тарбия барои рушди шахсият ва камолоти оиндаи ӯ нақши бориз дошта, одами бетарбия ва ноогоҳ натанҳо ба худ зиён меорад, балки як ҷамъиятеро аз байн мебарад. Аз ин хотир, аксари бузургони мо осори худро ба панду насиҳат дар хусуси ростӣ, дурустӣ, некуӣ, некукорӣ, адлу инсоф, беозорӣ, эҳсон ва мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯй ва ғайра бахшидаанд. Яке аз ҳамин гуна адибоне, ки кулли осорашро ба тарбия ва таълими башар бахшидааст, Саъдии Шерозӣ мебошад.

Дар «Гулистон» ва умуман, дар ҳамаи эҷодиёти Саъдӣ тавсифу тарғиби илму ҳунар ҷои намоёнро дорад. Саъдӣ дар илму ҳунар воситаҳоеро мебинад, ки мамлакатро равнақ дода, дунёи маънавии инсонро сафо мебахшанд. Азбаски ривоҷи илму ҳунар ба фаъолияти инсон вобаста аст, Саъдӣ ба тарбия ва сабзиши олимону ҳунармандон аҳаммияти махсус медиҳад. Ба ақидаи ӯ, қадру эътибори илму ҳунар ба иззату обрӯи соҳибони онҳо меафзояд. Ҳар қадар олим ё ҳунарманд нисбат ба касби худ ҷиддӣ ва бо ҳисси баланди масъулият муносибат намуда, онро ривоҷу равнақ диҳад, донишу ҳунари ӯ афзун мегардад. Аз ин ҷиҳат олиму ҳунарманд вазифадоранд, ки пеш аз ҳама, дараҷаи илмӣ ва маҳорати касбии худро баланд бардоранд. Ӯ дар ин хусус фармудааст:

**Вуҷуди мардуми доно мисоли зарри тиллост,**
**Ки ҳар куҷо биравад, қадру қиматаш донанд.**

Саъдӣ ҳамеша таъкид менамояд, ки қадру қимати инсон дар илму ҳунари ӯст, на дар аслу насабаш. Аммо илму ҳунар бидуни таълиму тарбия ҳосил намешавад. Аз ин ҷиҳат, Саъдӣ ба масъалаҳои тарбия ва таълим аҳаммияти зиёд медиҳад. Вай боби ҳафтуми «Бӯстон»-ро «Дар оламӣ тарбият» номида, ба боби ҳафтуми «Гулистон» «Дар таъсири тарбият» унвон гузоштааст. Мувофиқи ақидаи Саъдӣ, инсон гавҳарест, ки дар натиҷаи таълиму тарбия комил мегардад. Зикр мекунад, касе, ки аслаш аз азал зишт бошад, бо тарбият онро нек гардондан имкон надорад:

**Оқибат гургзода гург шавад,**
**Гарчи бо одамӣ бузург шавад.**

Саъди ирсиятро дар рушди шахсият инкор накардааст, вале ташаккули онро дар тарбия мебинад. Саъдӣ борҳо ба ҳамин мазмун дар "Гулистон" ҳикояҳо меорад ва дар ғазалиёташ низ онро бисёр такрор мекунад:

**Абр агар оби зиндагӣ борад,**
**Ҳаргиз аз шохи бед бар нахӯрӣ.**
**Бо фурумоя рӯзгор мабар,**
**К-аз найи бӯрё шакар нахӯрӣ.**

Саъдӣ масъалаҳои тарбия ва ахлоқро дар «Гулистон» ба тарзи хулосаҳои илмӣ баён кардааст, ки ин мазмун аз ҳар сафҳаи он маълум мегардад. Номбурда дар «Гулистон» бо се роҳ андешаҳои тарбиявии худро ба қалам оварда, афкори инсондӯстонаи хешро талқин менамояд. Якум, бо роҳи тасвири амалиёту ҳаракати мушаххаси қаҳрамонҳои ҳикоятҳояш. Хонанда аз хислатҳои неки қаҳрамонҳои мусбат ибрат мегирад, кирдори ношоистаи персонажҳои манфиро маҳкум намуда, ба зуҳуроти номатлуб ҳисси оштинопазирӣ пайдо мекунад. Дувум, Саъдӣ масъалаҳои тарбия ва ахлоқро дар «Гулистон» ба воситаи натиҷагирӣ аз воқеаҳои ибратбахши зиндагӣ ва хулосабарорӣ аз рафтори қаҳрамонҳои ҳикоятҳо баён мекунад. Ин натиҷагириҳо ва хулосабарориҳо дар шакли муколамаҳои кӯтоҳ, шеър ва мақолу зарбулмасалҳо сурат мегиранд. Сеюм, нависанда фалсафаи зиндагиро дар шакли ҳикматҳои барҷаста ба миён мегузорад. Дар ин мавридҳо ба назар чунин мерасад, ки гӯё нависанда аз нақли ҳикоятҳо сарфи назар карда, фақат натиҷаю хулосаро гирифтааст.

Дар «Гулистон» ҳикоятҳои кӯтоҳи пурмазмуни воқеӣ, нақлу ривоятҳои таърихӣ, латифаҳои дилангези ахлоқӣ, мутоибаҳои зариф, тамсилҳои марғуби иҷтимоӣ, панд ва мавъиза ҷамъ оварда шудааст. Ин ҳикояту ҳикматҳо сиёсат ва одоби зиндагиро меомӯзонанд. Муаллиф дар «Гулистон» бар замми мушоҳидаҳои шахсии хеш аз қиссаю ривоятҳо ва маълумоти таърихие истифода бурдааст, ки онҳоро ба тарзи ёддошт тамоми умр ҷамъ мекардааст ва ё дар хотир нигоҳ медоштааст. Аз ин ҷиҳат, дар «Гулистон» ба ғайри ҳикоятҳое, ки соф зодаи тахайюли нависанда мебошанд, навъҳои дигари ҳикоятҳо низ ҳастанд. Як қисми онҳо ҳикоятҳои воқеие мебошанд, ки бо мазмунҳои баланди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ороста шуда, саргузашту ёддоштҳои худи муаллифро фаро мегиранд. Ривояту мутоибаҳое, ки асоси халқӣ доранд, низ дар асар кам нестанд. Ривоятҳо ва ҳикояҳои таърихие, ки ба саргузашти шахсони таърихӣ вобастаанд, шояд манбаъҳои китобӣ дошта бошанд.

Саъдӣ тарбияву таълим, илму дониш ва муҳитро муҳим шуморидааст. Ӯ тарбияро яке аз омилҳои асосии инкишофи шахсият шуморида, чунин гуфтааст:

**Одамиро, ки тарбият накунанд,**
**То ба садсолагӣ харе бошад!**

Бояд зикр кард, ки фикрҳои Саъдӣ дар бораи тарбия мутафовитанд ва ба андешаи ӯ на ҳама касро тарбият кардан имкон дорад. Дар ин бора ӯ чунин гуфтааст:

**Нокас ба тарбият нашавад, эй ҳаким, кас!**

Ба ҳамин монанд дар «Гулистон» ҳикояте овардааст: Подшоҳе писари худро ба мураббӣ месупорад, то ин ки дар қатори фарзандонаш тарбия намояд. Мураббӣ ин хоҳиши подшоҳро ба ҷо овард. Баъди гузаштани замоне фарзанди мураббӣ хушахлоқ ва хирадманд шуд ва писари подшоҳ чизе надид. Подшоҳ аз ин воқеа ғамгин шуда, мураббиро сарзаниш мекунад. Мураббӣ ба подшоҳ ин гуна ҷавоб медиҳад: Ба руҳи Худованди замин пӯшида намонад, ки тарбия яксону якранг, аммо табиатҳо гуногунанд:

**Писарро наку дору роҳат расон,**
**Ки чашмаш намонад ба пеши касон.**

Саъдӣ накукориро беҳтарин сутуни тарбияи инсонӣ мепиндорад. Вай инсониятро як организми бутун, башариятро бошад, узвҳои ҷудогонаи он ба шумор овардааст. Гузашта аз инҳо, Саъдӣ дар ашъори худ дар бораи навъҳои тарбия сухан ронда, барои дуруст тарбия намудани насли наврас се навъи тарбияро зарур шуморидааст: тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ. Аммо барои рушди шахсияти инсон тарбияи фикриро Саъдӣ дар ҷои аввал гузошта, таъкид кардааст, ки дигар навъи тарбияҳо бастагӣ ба тарбияи фикрӣ доранд.

Саъдӣ тавассути осори панду насиҳатомези худ насли наврасро дар руҳияи хушахлоқӣ, хушрафторӣ, хушгуфторӣ, адабу муомилаи нек, рафтору гуфтори шоиста, хоксорӣ, фурутанӣ, дӯстию рафоқат ва дигар идеалҳои ахлоқӣ тарбия намудааст. Масъалаи тарбия ва навъҳои он дар осори Саъдӣ хеле доманадор аст ва мо ба овардани баъзе намунаҳо иктифо кардем.

**Файзулло ҚУРБОНОВ,**
**Аълочии маорифи Тоҷикистон,**
**Сафарбӣ ҚАРАЕВА,**
**омӯзгори Коллеҷи муҳандисиву омӯзгории шаҳри Душанбе**

# САДРИДДИН АЙНӢ ВА АҲАММИЯТИ АСАРҲОИ ВАТАНДӮСТОНАИ Ӯ ДАР ЗАМОНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ






Вақте ки Олмони фашистӣ ба хоки собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (22. 06. 1941) ҳуҷум кард, тамоми мардуми ин давлат аз рӯзҳои нахустини ҷанг зери шиори «Ғалаба бо мост!» ба мудофиа бархестанд... Тоҷикон низ мисли дигар халқҳои Шуравӣ дар торумори фашистон ҳиссаи худро гузоштанд. 54 нафар бо унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардида, 13 997 нафар ба ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар ақибгоҳ низ тоҷикон камари ҳиммат баста, барои ғалаба меҳнат мекарданд ва Артиши Сурхро бо ғизову либос таъмин мекарданд.

Адибони тоҷик низ дар фронту ақибгоҳ бо яроқу бо қалам мубориза бурданд, корнамоиҳои фарзандони далери тоҷикро дар асарҳояшон ситоишу васф намуданд. Мавзуи мудофиаи Ватан дар ин давра калидӣ маҳсуб мешуд. Адибон тавассути эҷод ҷанговаронро ба корнамоӣ, ҷоннисорӣ даъват менамуданд ва дар тарғиби руҳияи ватандӯстии халқи Шуравӣ саҳми шоиста мегузоштанд. Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода дар ҷабҳа бар зидди фашистон меҷангиданд. Лутфулло Бузургзода ва Ҳабиб Юсуфӣ қаҳрамонона дар майдони ҷанг ҳалок шуданд.

Махсусан, устод Садриддин Айнӣ дар ин марҳила эҷодиёти худро бар зидди фашизм равона карда, ҳамзамон, чеҳраҳои таърихии миллати тоҷикро, ки дар дифоъ аз ватан қаҳрамонӣ кардаанд, эҳё намуд. Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи «Садриддин Айнӣ» чунин менависад: Асарҳои илмӣ-тадқиқотии Айнӣ дар бораи ҳа-

ёту эҷодиёти Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Саъдӣ, Навоӣ, Бедил ва Восифӣ дар адабиётшиносии мо мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аз каломи ӯ танҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ғайр аз як қатор очеркҳо, «Исёни Муқаннаъ», «Темурмалик» барин ду асари адабӣ-таърихии муҳим ба вуҷуд омадаанд. Хеле характернок аст, ки Айнии куҳансол солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ боз як бори дигар (чун соли 1918) бо «Суруди интиқом» ба майдон баромада, инсониятро ба несту нобуд кардани душмани ашадӣ-фашистони одамхӯр даъват намуд...

Устод Айнӣ дар очерки таърихии «Исёни Муқаннаъ» замони истилои араб ва муборизаи қаҳрамононаи халқи тоҷик, хусусан, Муқаннаъро ба қалам дода, дар хусуси вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр, шӯришу исёнҳои Яздак, Ғурак, Абумуслиму дигарон маълумоти пурарзиш пешниҳод мекунад. Ӯ Муқаннаъро пайрави роҳи Абумуслим дониста, мақсади асосии муборизаи онҳоро озод кардани Ватани худ аз ҳузури аҷнабиён, ба даст овардани истиқлол ва ташкили як давлати мустақили миллӣ медонад.

Мутаассифона, орзуҳои Абумуслиму Муқанаъ ҷомаи амал напӯшида, шӯришҳои онҳо бераҳмона пахш карда мешавад, аммо ба ҳар ҳол, ба қавли устод Айнӣ «натиҷаи аввали исёни Муқаннаъ ҳамин буд, ки тухми умеди истиқлоли миллиро дар дили мардуми Хуросон кошт ва онҳоро ба ҳамин омӯхт, ки фурсати муносибе ёбанд ва ба муқобили арабҳои истилогар хуруҷ намоянд ва дар роҳи ба даст овардани истиқлоли миллӣ ҷангу ҷидол кунанд».

Дар ҳақиқат, ҳамин муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, бахусус, қаҳрамононе чун Абумуслиму Муқаннаъ, Яҳёи Бармакӣ ва дигарон буд, ки тоҷикон ба ташкили давлатҳои нисбатан мустақили миллӣ, аз ҷумла, Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён даст ёфтанд. Дар ин бора устод Айнӣ дар боби панҷи очерки «Исёни Муқаннаъ», ки «Натиҷаҳои исёни Муқаннаъ» ном дорад, чунин менависад: Фарзандони Асад бинни Сомон ва авлоди онҳо дар андак вақт бо кордонӣ, халқпарварӣ ва маданиятдӯстии худ дар байни аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр обрӯю эътибори бисёр калон пайдо карданд. Маданияти миллӣ ва забони миллиро ривоҷ доданд ва дар охир, дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон давлати миллии мустақили Сомониёнро барпо намуданд, ки марказаш Бухоро буд.

Айнӣ дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» аввал дар бораи аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданияти кишвардории Муҳаммад Хоразмшоҳ қабл аз ҳуҷуми Чингизхон ба ин сарзаминҳо, маълумот дода, махсусан, аз хиёнати Муҳаммад Хоразмшоҳ бо нафрату истеҳзо ва аз диловариҳои писараш бо ҳаяҷону ҳисси ифтихор ёд меоварад. Ба қавли ӯ Султон Муҳаммад ҳамеша мағрури худписанд, яъне, «хонашеру майдонғариб» буд.

Султон Муҳаммад, ки дар биёбон Тӯқтағанро ҷустуҷӯ мекард, ба қатлгоҳе расид, ки ӯро ба тамоми навкаронаш Ҷуҷӣ кушта будааст ва дар миёни Султон ва Ҷуҷӣ ҷанг воқеъ шуд. Муғулон ба қалби лашкари Султон, ки худаш ҳам дар онҷо буд, ҳуҷум оварда, аскарони ӯро кушта, пароканда карданд ва қариб буд, ки Султон дастгир шавад, дар ҳамин вақт писараш Ҷалолуддин, ки ҳақиқатан як муҷассамаи шуҷоат буд, аз дасти рост ба мадади падар расида, ӯро аз он таҳлука раҳо дод. Ҷалолуддин мардонавор ҷангро то шаб давом дод ва муғулон ба тарафи урдаи Чингиз рафтанду Султон ба Самарқанд баргашт.

Аввалин ва охирин муҳорибае, ки Султон Муҳаммад шахсан бо чингизиён рӯ ба рӯ шуда ҷангид, ҳамин вохӯрии тасодуфӣ буд. Ӯ ба ҳамин ҷанг на танҳо дили худро бой дод, ҳатто, ғururҳои забонии худро ҳам якбора тарк карда рӯирост дар паи гурез афтод. Ӯ на танҳо худ мегурехт, балки сардорони хос ва писари дилери худ Ҷалолуддинро ҳам ба гурехтан ташвиқ мекард. Аммо устод Айнӣ баръакси маълумоти боло, дар бораи азму иродаи қавии ҳокими Хуҷанд Темурмалик, ки ба дифои ватан, шарафу нангу номуси инсонию миллати хеш бархоста буд, ба хонанда чунин хабари ифтихоромези таҳсинбарангез медиҳад: «Шаҳри Хуҷанд монанди чандин шаҳрҳо ва районҳои дигари Мовароуннаҳр ва Хуросон дар ҳуҷуми Чингиз ба ҳоли худ гузошта шуда буд. Аҳолии ин ҷо ҳам монанди дигар аҳолӣ ба дасти тақдир супорида шуда буданд. Маслиҳате ҳам, ки

аз тарафи Султон ба онҳо дода шуда буд, ҳамон маслиҳат буд, ки ӯ дар вақти гурези худ ба аҳолӣ сари роҳ дода буд. Ин «маслиҳат» ҳамон буд, ки гуфт: Чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оред, то аз чанги ҳаводис ва навойиб эмин бошед. Чунонки ба аҳли Марв кард, фармон медод, ки агар гурехта натавонед таслим шавед!»

Аммо ҳокими Хуҷанд-қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ба ин маслиҳату фармони хоинона гӯш надод. Аз вақте ки ҳаракати Чингизи хунрезро ба тарафи Мовароуннахр шунид, дар паи мудофиаи Ватан кӯшид. Темурмалик аз аввал медонист, ки як душмани хунхори пурзӯр монанди Чингизхонро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода, нест карда наметавонад. Лекин виҷдонаш ӯро маҷбур мекард, ки то дар бадан ҷон ва аз ҷон рамақе дорад, вазифаи аз тарафи Ватан ба зиммаш гузошташударо адо намояд ва дар таърих номаш бо нафрат ёд нашавад. Ӯ ин нуктаро ба хубӣ медонист, ки агар Ватан аз даст равад, ӯ зинда намемонад ва агар зинда монад ҳам, қаҳрамонона дар мудофиаи Ватан кушта шудан ҳазор бор аз он гуна зиндагонии зиллатбор ва беномусона беҳтар аст. Аз ин рӯ, қарор дод, ки ба қадри қуввату имкон дар мудофиаи Ватан талош намояд.

Дар баробари ин, устод Айнӣ ҳамчун адиби нобиға ва равоншинос барои барҷаста нишон додани воқеаҳо, руҳи қаҳрамонон ва парвариши эҳсоси ватандӯстонаи хонандагон аз шеър, ки бузургтарин сармояи миллати мост, дар ин асари худ хеле моҳирона истифода менамояд. Шеърҳое, ки ӯ дар ин замина аз адибон (Фирдавсӣ, Хоқонӣ ...) меорад, имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд. Аз онҳо ҷавонони мо дарси ибрат ва ҷасорату далерӣ гирифта, барои ҳифзи Ватан омода мешаванд:

**Пароканда лашкар наояд ба кор,**
**Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.**

**Бимирем чун каму ноком мо,**
**Ҳамон беҳ, ки мирем бо ном мо,**

**Манеҳ дар миён роҳ бо ҳар касе,**
**Ки ҷосуси ҳамкоса дидам басе.**

**Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,**
**Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.**

Устод Садриддин Айнӣ дар ин очерк ҳам аз бисёр маводи таърихӣ истифода бурда, манзараҳои ҳаёти халқи тоҷикро дар давраи истилои муғулҳо равшан ва таъсирбахш инъикос намудааст. Ӯ дар асари худ образи Темурмаликро ба тарзи дигар нишон дода, хусусиятҳои асосии қаҳрамони худро, ки яке ватандӯстӣ, дигаре ҷасорату истеъдоди лашкаркашӣ мебошад, дар маркази диққат гузоштааст. Шуҷоат ва далерӣ, зиракӣ ва ботадбирии Темурмалик, ки дар мубориза бар зидди душман равшан намоён мегардид, бо ҳаяҷони баланде тасвир ёфтааст. Дар образи Темурмалик қаҳрамонӣ ва фидокорӣ дар роҳи мудофиаи Ватан чун беҳтарин аломати шарафи инсонӣ талқин мешавад.

Руҳияи ватанпарварии Темурмалик ҷанговарони ӯро дар мубориза бар зидди истилогарони муғул ба ғайрат меоварад. Як гурӯҳ ҷанговарони Темурмалик ба ҷанги душмани сершумор даромада, ин гуна суханони ибратбахшро вирди забон мекарданд:

**Ба номи наку кушта гаштан ба ҷанг,**
**Беҳ аз зиндагонии боайбу нанг.**

Тамоми очерки “Темурмалик” ба ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, нафрат нисбат ба истилогарони вахшӣ навишта шудааст ва дили хонандаро низ нисбат ба фашистон бо оташи ғазаб ва нафрат шуълавар мекард.

Устод Айнӣ дар замони ҷанг ба ҷуз ин очеркҳо боз як қатор ҳикояву асарҳои ҳаҷвӣ фелетон, очерк ва мақолаҳои публитсистӣ низ менависанд. Хонандагон аз онҳо доир ба корномаҳои мардуми Шуравӣ дар замони ҶБВ огоҳ мешаванд ва ҳисси ватандӯстии онҳо боло меравад. Барои мисол мақолаи «Модар-Ватан», ки соли 1942 навишта шуда, аз шоҳкориҳои адабиёти мост, ҳаргиз аҳамияти худро аз даст намедиҳад.

Дар фарҷом, бо боварӣ метавон гуфт, ки асарҳои арзишманди устод Айнӣ бузургтарин мавод дар тарбияи ахлоқӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва адабии ҷавонон буда, насли наврасу ҷавонро дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, дӯст доштани миллату забону фарҳанг, дифоъ аз арзишҳои миллӣ тарбият менамоянд.

**Зулайхо ИЗЗАТЗОДА,**
**муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**



# ХОНАВОДА – БУНЁДИ АСЛИИ ҶОМЕА



Оила муҳимтарин ниҳоди инсонсоз буда, дар шаклгирии шахсият, рафторҳои иҷтимоӣ, ахлоқ, боварҳо ва арзишҳои фард нақши бунёдӣ дорад. Ба ин мазмун, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: **Беҳтарин арзишҳои инсонӣ дар оила ташаккул меёбанд**.

Таҳлилҳо муайян кардааст, ки нақши калидии оила дар ҷомеа аз инҳо иборатанд:

1. **Тарбиятӣ**. Оила нахустин муҳитест, ки кӯдак дар он арзишҳо, қоидаҳо ва маҳоратҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, яъне, тарзи дурусти рафтору гуфтору кирдор ва муносибату муоширатро меомӯзад.

2. **Ҳимоятӣ**. Хонавода панохгоҳе отифӣ барои узви оила аст. Ҷоест, ки он ҷо муҳаббат, ҳамдилӣ, амнияти равонӣ ва ҳимояти ҳаяҷонӣ фароҳам оварда мешавад.

3. **Фарҳангӣ**, яъне, интиқоли фарҳангу арзишҳо. Хонаводаҳо забон, суннат, дин ва боварҳои ҷомеаро ба наслҳои оянда интиқол медиҳанд.

4. **Иҷтимоисозӣ**. Оила фарзандро барои вуруд ба ҷомеа ва ифои нақшҳои иҷтимоӣ омода месозад.

5. **Иқтисодӣ**. Дар хонавода ниёзҳои моддиву маишии узви хонавода чун ғизо, манзил, либос ва монанди инҳо таъмин мегардад.

Аҳаммияти оила дар рушди кӯдак бузург аст. Сарвари адабпарвару фарҳангдӯстамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки оила ҳамчун ячейкаи аввалияи ҷомеа ва муҳити асосии тарбияи инсон, мактаби муҳаббат, вафо, садоқат, эҳтирому меҳрубонӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу маънавӣ мебошад.

Абуалӣ ибни Сино бесабаб нафармудааст: **Оила тарбиятгоҳест, ки дар он фарзанд ахлоқ, одоб ва ҳунар меомӯзад.**

Ин гуфтаҳо барҳақ ҳастанд, зеро рушди шахсият, эътимод ба нафс, тавоноии ҳалли масъала, навъи нигариш ба зиндагӣ ва иртиботи иҷтимоии афрод то ҳадди зиёде дар оила шакл мегирад. Кӯдакон беш аз он ки аз гуфтори волидайн омӯзанд, аз рафтору кирдори онон меомӯзанд. Ин аст, ки мегӯянд: **Фарзандро не, худатро тарбия намо.**

Хонаводаи солим метавонад, макони муносиб барои парвариши афроди масъулиятпазир ва муассир дар ҷомеа бошад. Зеро оила пояи асосии устувории ҷомеа мебошад. Ҷомеае, ки дар он оилаҳо солим ва муттаҳиданд, имкони бештаре барои рушди устуворро доранд. Таҳқиқоти соҳаи иҷтимоиёт нишон медиҳанд, ки бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ реша дар ноустувории муҳити оилавӣ доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими оила ва ҳифзи арзишҳои он як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқиро қабул кардааст. Аз ҷумла, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” (с. 2013),

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд” (с. 2011), қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (с. 2015), “Дар бораи Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010”, “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” (с. 1999), «Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2027» ва амсоли инҳо. Ин санадҳо ба таҳкими оила, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои узви оила, пешгирии зӯроварӣ ва таъмини баробарии гендерӣ равона гаштаанд.

Аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани соли 2015 ҳамчун Соли оила аз беҳтарин иқдомҳо дар масъалаи пойдории оилаҳо ва тарбияи дурусти фарзандон ба шумор меравад. Зеро дар ин марҳила фаъолияти ҳамоҳанги мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ василаи боло бурдани маърифати оиладорӣ, пешгирии вайроншавии оилаҳо, ташаккули муносибатҳои созанда ва орӣ аз хушунат дар оила буда, имкони воқеии пойдории оилаҳоро таъмин намуд.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо оилаҳои муосир бо мушкилот ва таҳдидҳои гуногуне, аз қабили ҷаҳонишавӣ, фишорҳои иқтисодӣ, таъсири технологияву шабакаҳои иҷтимоӣ, тағйир дар арзишҳову коҳиши робитаҳои шахсӣ дучор гаштаанд. Омилҳои мазкур устувории хонаводаҳо ва нақши иҷтимоии онҳоро зери хатар гузошта, ин ҳолат метавонад, ба тафриқа ва ҳатто, пошхӯрии оилаҳо оварда расонад.

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи талоқ дар солҳои охир 25% афзоиш ёфта, дар бештари маврид сабаби аслии пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва аз ҷиҳати равонӣ омода набудани навхонадорон ба зиндагии оилавӣ мебошад. Маърифати нокифояи оилавӣ, набудани таҷрибаи муошırати солим ва нофаҳмии тарафҳо сабаби зуд ба ихтилоф печидани муносибатҳо мегардад. Таҳкими муносибатҳо дар оила на танҳо вазифаи падару модар, балки масъулияти ҷамъият, расонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ низ мебошад. Тарғиби арзишҳои инсонӣ, фарҳанги муошират, эҳтироми байниҳамдигарӣ ва таълиму тарбияи муосир метавонанд, ба таҳкими робитаҳои оилавӣ мусоидат намоянд.

Вобаста ба ин, моҳи апрели соли ҷорӣ дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бо ташаббусу роҳнамоии ректори донишкада Маҳмуд Назарзода маҳфили доимоамалкунандаи “Мактаби оиладорӣ” таъсис дода шуд. Ҳадаф аз таъсиси маҳфили мазкур баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омодасозии ҷавонон ба зиндагии мустақили оилавӣ, пешгирии ҷудошавии оилаҳо ва мунокишаҳои хонаводагӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, тарғиби баробарҳуқуқии зану мард ва масъулиятшиносӣ мебошад. Роҳбарияти донишкада дар роҳандозӣ намудани ин иқдоми наҷиб дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллатро сармашқи кори худ қарор дода, тасмим гирифтаанд, ки ҳар моҳе ду маротиба маҳфили “Мактаби оиладорӣ”-ро баргузор намояд. Маврид ба зикри хос аст, ки ташкили чунин маҳфил дар макотиби таҳсилоти олии кишвар бесобиқа буда, фаъолияти он бахри пиёда намудани андешаҳои созандаи Роҳбари давлат дар роҳи таҳкими оиладорӣ равона мегардад.

Баргузории маҳфили нахустини “Мактаби оиладорӣ” бо ҷалби коршиносон нишон дод, ки он метавонад, дар дигар муассисаҳои таҳсилоти миёна, донишгоҳҳо ва марказҳои саломатӣ ё ҷамъиятӣ таъсис ёфта, яке аз василаҳои муҳим барои беҳтар кардани фарҳанги зиндагии оилавӣ ва пешгирии вайроншавии хонаводаҳо гардад. Зеро ба таъкиди Пешвои миллат танҳо дар муҳити солими оилавӣ мо метавонем фарзандони солим, бонангу номус, меҳнатдӯст ва ватандӯстро тарбия намоем.

Дар маҷмуъ, оила ҳамчун пояи устувори ҷомеа на танҳо муҳити муҳаббат ва дастгирист, балки неруи таҳрикдиҳандаи рушди иҷтимоӣ ва маданист. Ҷомеаи солим аз оилаҳои солим ва муттаҳид оғоз меёбад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба таҳкими оила, тарбияи фарзанд, пуштибонии падару модарон, беҳсозии муҳити оилавӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ яке аз роҳҳои асосии таъмини пешрафт ва суботи ҷомеаи муосир мебошад. Ба ҳамин хотир, масъулияти ҳар як шахс, оила ва сохторҳои давлатӣ дар ин самт бузург ва тақдирсоз мебошад.

**Муҳаммадраҳим ТОШПӮЛОДОВ,**
**равоншиноси Литсейи №2**
**барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# СУХАНЧИНИ БАДБАХТ ҲЕЗУМКАШ АСТ

Агар ба адабиёти классикиамон назар кунем, мебинем, ки бисёр адибони бузург ба фитнаю иғвои суханчинон бархӯрда, ранҷу заҳмати зиёд дидаанд. Сардафтари адабиёти тоҷику форс устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ дар дарбори Сомонӣ назди шоҳ сазовори ҳурмату эҳтиром буд ва ашъори шоир кайҳо аз доираи дарбор баромада, сарҳади кишварро убур карда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуда буд. Дар ин бора худи устод Рӯдакӣ ишорате дорад:

**Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бишнуфт,**
**Шуд он замона, ки шоири Хуросон буд.**

Ҳамин нобиғаи замон бо сабаби фитнаи суханчинон аз нури басар маҳруму аз эҳтироми дарбориён навмед шуд ва дар пиронсолӣ оҷизу нотавон гардид...

Вақте ки “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ ба Султон Маҳмуд тақдим мешавад, ровӣ порчаҳо аз достонҳои онро мехонад, ба подшоҳ писанд меояд ва ҳар гоҳ ровиро даъват карда, мефармуд, ки идомаи достонҳоро бихонад. Ӯ аз суханҳои волои “Шоҳнома” ба ваҷд меомад ва аз доди суханро додани Фирдавсӣ дар шигифт мемонд. Ба шоҳ писанд омадани “Шоҳнома” шоирони дарбор, аз ҷумла, Фаррухию Унсуриро ба таҳлука меандозад. Агар Султон Маҳмуд Фирдавсиро маликушшуарои дарбор таъйин намояд, онҳо маҷбур мешаванд, ки зердасти шоири тӯсӣ бошанд. Ин ба онҳо маъқул набуд. Унсурӣ баъд аз андешаҳои зиёд “Шоҳнома”-ро ба шайх Маҳамшод, ки устоду пири султон буд ва сухани ӯро бешак мепазируфт, супорида хоҳиш кард, ки китобро мутолиа намояд, мабодо нуктаҳое хилофи суннат надошта бошад. Маҳамшод “Шоҳнома”-ро мутолиа намуда, эродҳои худро ба дафтаре қайд карда, ба назди султон медарояд ва иқтибосҳо аз “Шоҳнома” оварда, шоирро ба ақидаҳои фалсафию даҳрӣ доштан гунаҳгор мекунад. Ӯ ин фикрашро ба Унсурӣ низ мегӯяд. Унсурӣ пас аз шунидани ин гап безобита мешавад, чунки бо ин қадар туҳмат шоҳ Фирдавсиро ба қатл расониданаш мумкин буд, ӯ бошад, қатли шоирро намехост, фақат маликушшуаро шуданашро намепазируфт. Унсурӣ ба назди шоҳ даромада, ба ҳимояи Фирдавсӣ бармехезад. Ҳамин тавр, натиҷаи суханчинӣ, иғвогарӣ буд, ки Султон Маҳмуд “Шоҳнома”-ро бо дили сард қабул карда, ба заҳмати 35-солаи шоир баҳои ночиз медиҳад ва боиси ранҷиши хотири ӯ мегардад. Фирдавсӣ ба сабаби ҳадяи шоҳро қабул накарданаш ба ғазаби султон гирифтор шуда, 20 соли охири умраш дар гурезу фирор мегузарад.

Суханчинону фитнагарон дар асл мардуми дар ақида маҳдуд, камдониш ва дар биниш тангназар, нотавону нокора буда, ба одамони босаводу донишманд бо чашми ҳасад менигаранд ва онҳоро бад мебинанд. Аҳли таассуб ба алломаи замон Абуалӣ ибни Сино низ бо чашми кинаву ҳасад нигариста, ақлу заковат, донишу фаҳмиши баланд ва амалҳои ҷарроҳии ӯро дида, иғво меандохтанд, ки ӯ амалҳои куфрро ба ҷо меоварад. Сино ба онҳо ҷавоби муносиб медиҳад:

**Бо ин ду се нодон, ки чунон медонанд,**
**Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.**
**Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,**
**Ҳар к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд.**

Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ аз фитнаю иғвои суханчинон ранҷу заҳмати зиёд дида, оқибат фирорӣ шуда, ба деҳаи Юмгони Бадахшон паноҳ мебарад ва то охири умр бо бародараш дар ғарибӣ зиндагӣ мекунад. Носири Хусрав таъкид мекунад, ки аз суҳбати наммом, яъне, суханчин худро дур бояд гирифт:

**Ҳам аз наммом парҳез, эй бародар,**
**Ки аз наммом ҷон афтад дар озар.**

Суханчин бо хабаркашию иғвогариаш ду шахси бо ҳам дӯстро ба ҳамдигар душман мегардонад. Суханчин агар фаҳмад, ки ду нафар бо ҳам ҷангӣ шуданд, дар байни онҳо тухми адоват кошта, бо роҳи иғвогарӣ бадбиниву хусуматро зиёд менамояд, то ки онҳо бо ҳамдигар ба зудӣ созиш накунанд. Шайх Саъдӣ ин маъниро хеле хуб ба назм кашидааст:

**Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,**
**Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст!**

Шоироне, ки истеъдоди баланд надоштанд, лаёқати шеъри воло эҷод кардан насибашон набуд, ашъори баландғояву пурмуҳтавою оламшумули ҳазрати Ҳофизро хонда, ба ҷои он ки ба "қабули хотиру лутфи сухан"-и ӯ офарин гӯянд, аз рӯи рашку ҳасад ба суханчинию иғвогарӣ машғул мешуданд. Дар ин бобат худи шоир гуфтааст:

**Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,**
**Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.**

Шоири дигаре, ки қурбони рашку ҳасад, иғвогарию суханчинии бадхоҳон гардидааст, Ҳилолӣ мебошад. Ҳилолӣ аз хурдӣ табъи баланду зеҳни тез, ҳофизаи тавоно ва истеъдоди бузурги сухандонӣ дошт. Ӯ ашъори зиёди адибони бузурги гузаштаро аз бар намуда буд. "Хамса"-ҳои Низомию Амир Хусрав ва достонҳои Абдураҳмони Ҷомиро комил азёд медонист. Ҳилолӣ дар ҷавонӣ ба суҳбати Ҷомию Навоӣ шарафёб шуда, баҳои баланди эшонро сазовор гардида буд. Суханчинону нотавонбинон бо баҳонаи он ки Ҳилолӣ хони вақт Убайдуллохонро дар шеъраш танқиду мазаммат намудааст, гунаҳкор карда, ба назди қозикалон Шамсиддини Қаҳтонӣ меоваранд. Қозикалон ҳукми қатлашро мебарорад. Ӯро дар назди бозори Чорсӯйи Ҳирот барои қатл намудан кашолакунон мебаранд. Мардуми авом, мухлисони шоир гирёну нолон аз қафои ӯ мерафтанд, аммо суханчинону иғвогарон ба сӯи ӯ санг меандохтанд, ки дар натиҷа сару рӯи шоир хуншор шуд. Шоир раҳораҳ байти зеринро бо дарду алам мехонд:

**Ин қатраи хун чист ба рӯи ту, Ҳилолӣ,**
**Гӯё ки дил аз ғусса ба рӯи ту давида.**

Мавлоно Биноӣ бар он андеша буд, ки дарбор ҷои олимон ва адибони бузург аст ва дар он ҷо кас метавонад, асарҳои сазовори замон эҷод кунад. Вале вақте ки бо аҳли дарбор аз наздик шинос мешавад, дар байни адибони бузург як гурӯҳ суханчинон, ҳасудон, одамони пасту разилро низ мебинад, ки аз пайи ранҷу озори соҳибистеъдодҳоянд. Биноӣ муддате дар байни онҳо зиндагӣ карда, аз фитнаю найранги суханчинон заҳмату азоби зиёд мекашад ва аз шаҳри Ҳирот ба Табрез фирор мекунад.

Он кӣ гапи касеро ба дигарон расонда, боиси низоъ мешавад, суханчин, хабаркаш, иғвогар номида мешавад. Дар ҷамъиятҳои меҳнатӣ, муассисаю ташкилот ниҳоят кам бошад ҳам, суханчинон пайдо мешаванд, ки онҳо бо роҳи иғво муҳити ҷамъу осударо ноором намуда, мардумро ба ҳамдигар душман мегардонанд. Суханчинӣ аз ҳасудӣ маншаъ мегирад. Ҳасуд пешравию комёбии одамонро дидан намехоҳад, муваффақияту пешрафти ҳамкорашро дида ё шунида ранҷур мегардад ва роҳи ба ӯ зарар расонданро меандешад.

Дар шароити кунунӣ гурӯҳҳои ифротӣ ва хоинони миллату давлати тоҷик аз пешрафту тараққиёт, тинҷию оромии кишварамон бадашон меояду берун аз марзу буми Ватан, дар паноҳи хоҷагони хориҷияшон истода, мехоҳанд, ки бо суханҳои иғвогаронаашон дар байни мардум нооромию низоъ барангезанд. Мо-сокинони сарфарози мамлакат, насли ҷавони миллати моро лозим аст, ки зираку хушманд бошему ҳар як рафтору гуфтори суханчинону иғвогаронро дар мизони ақлу фаросат баркашида, ба дасисаи аҷнабиёну хоинон дода нашавем, аз сулҳу суботи диёр, аз пешрафту шукуфоии он шукргузор бошему дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, барои боз ҳам ободу зебо гаштани кишвар заҳмат кашем.

Мо, омӯзгорон, роҳбарони синф, равоншиносон бояд ҳангоми дарс вобаста ба мавзуъ, дар соатҳои тарбиявӣ саъю кӯшиш ба харҷ диҳем, ки зарари суханчинию кинапарварӣ, хиёнату разолат, дасисаву хушунатро ба шогирдон фаҳмонем, то ки дар ниҳоду сиришти онҳо ҳамеша эҳсоси меҳру муҳаббат ба наздикону пайвандон, дӯстону наздикон ва атрофиён ҳукмрон бошад.

**А. МАҲМАДАМИНОВ,**
**М. СОЛЕҲОВ,**
**устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# СОҲИБХИРАДУ СОҲИБИЛМ АСТ, УСТОД!



Тибқи таълимоти мутафаккирони ориёитабор сарнавишт барои башар хираду ақлро чун армуғони қудсӣ эҳдо кард ва хирадмандонро дар ҷомеа қиёсан бартарӣ дод. Пас, хираду илм ҳамчун армуғони муқаддас бояд гиромӣ дониста шавад ва мартабаи хирадманду олим қадршиносӣ бишавад. Мақсуд аз ин сатрҳо варақгардони рӯзгору корномаи устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, донишманди шинохта, равоншиноси машҳур устод Маҳмадуллоҳ Давлатов аст, ки фузун аз 50 сол дар камолоти маънавии наслҳои сершумор саҳм мегузорад. Устоди номвару хушном имрӯзҳо туфайли заҳматҳои пурбори чандинсола дар ҷумҳурии азизамон маърифияти бессобиқа дошта, маҳбуби ҳамагон гаштааст. Зиёда аз ин, устод М. Давлатов дар омодасозии магистранту доктор PhD-ҳо ва умуман, мутахассисони соҳибунвони илмӣ аз зумраи пешсафон пазируфта шудааст. Воқеан, устод қаблан дар факултетҳои филологияи тоҷик, шарқшиносӣ, журналистика аз фанни психология ба шогирдон дарс мегуфт. Ҳоло ӯ дар шуъбаи психологияи факултети фалсафа ба мутахассисон аз ин фан таълим медиҳад. Мо аз чанд донишҷӯ, магистрант ва доктор PhD роҷеъ ба усули таълим, тарзи баёну назокати фаҳмонидан, корбурди асноду далоил ва умуман, сифатҳои илмию таълимӣ ва тарбиявию ахлоқии дарсҳои устод пурсон шудем. Бидуни шубҳа, метавон гуфт: Онҳое, ки дарси ӯро шунидаанд, ба тамоми ҳастиашон қаноатманд ҳастанд.

Фаъолияти меҳнатии устод М. Давлатов басо серсоҳа буда, самтҳои сершумор дошта бошад ҳам, ӯ пеш аз ҳама, устод-муаллим аст. Ӯ ба маънии пуррааш дӯстдори касби хеш буда, ошиқона дарс медиҳад. Лаҳзаҳои дарсаш комилан ҷаззобу ҷолибанд, ки шогирдон ба ҷуз дарсу омӯзгор чизи дигареро тасаввур намекунанд. Ҳамзамон, устоди арҷманди мо дар ҷодаи пажуҳиш низ яке аз нухбагони пешқадам аст. Ӯ дар ин бахш то кунун беш аз 140 мақолаи илмӣ-тадқиқотӣ, 38 васоити таълиму дастурҳои методӣ, панҷ китоби дарсӣ таълиф намуда, ки ҳар кадоме аз ин таълифот миёни доираҳои илмии соҳаи мазкур, чи дар Ватанамон ва чи дар хориҷа аз ҷониби мутахассисони соҳа хубу шоиста пазируфта шудаанд. Аз ҷумла, “Психология”, “Психологияи идоракунӣ”, “Таърихи психология”, “Психологияи ҳуқуқӣ”, “Машварати психологӣ дар мактаб: таҳлили вазъиятҳо ва тавсияҳо” ва ғайра, эътирофу шуҳрати тахассусии устод мебошанд.

Ӯ тавассути ҷустуҷӯҳои пайваста ва такмили ихтисос дар ҷодаи тадқиқот дар марказҳои пурнуфузи илмии кишварҳои Русия, Англия, Амрико, Афғонистон ва дигар давлатҳо иштирок карда, ба дастовардҳои илмию тадқиқотӣ ноил гардидааст, ки шоистаи ифтихор мебошад. Ҷиддитарин рисолати таърихии баҷоовардаи мавсуф дар таълифи китобҳост, ки ба мухтассоти равоншиносии миллӣ ва тамоюлоти он таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, ҷанбаҳои аносири миллиро дар илми мазкур басо устодона ва бо асноду далоили сершумори қонеъкунанда шохис месозад. Падидаи мазкур хосси тадқиқоти устод буда, метавон онро нигоҳи тоза дар илм унвон кард. Ра-













ванди мазкур, бахусус, дар китоби “Психологияи ҳуқуқӣ”-и ӯ бештар манзур мегардад. Аз тарафи дигар, дар ин китоб то ба ҳадде иртифои худшиносии миллӣ ва мухтассоти он баррасӣ шудааст, ки шоиста аст.

Силсилаи мақолаҳои илмӣ-тадқиқотии муаллим оид ба бахшҳои гуногуни психология ҳам аз лиҳози мавзуъ, масъалагузорӣ, таҳқиқи амиқ ва натиҷагириҳои илмӣ аз ҳар ҷиҳат арзишманд мебошанд, ки метавон онҳоро таълифоти рӯйимизии мутахассисони соҳа унвон кард. Барои намуна: “Баъзе хусусиятҳои зоҳиршавии истиқлоли тафаккури донишҷӯён дар ҷараёни таълим”, “Баъзе масъалаҳои психологияи зӯроварӣ дар оила”, “Кӯдакону наврасони душвортарбия”, “Тавсияҳои психологӣ ва роҳҳои ислоҳи раванди мазкур”, “Психологияи калонсолон ва нақши он дар ташаккули оилаи солим”, “Асосҳои психологии муоширати идоракунӣ”, “Рашки фарзандон дар баъзе оилаҳо ва роҳҳои бартарафсозии он”, “Муошират ва инкишофи шахсияти кӯдак”, ”Баъзе масъалаҳои психологияи миллӣ ва тавсифи онҳо”, “Роҳҳои расонидани ёрии психологӣ ба духтарони ятим дар муассисаи таълимӣ”, “Таълим навовариро меҳоҳад”, “Кӣ ҷабрдидаи зӯроварӣ дар мактаб мешавад?”, “Хадамоти психологӣ ба донишҷӯ” ва амсоли инҳо.

Метавон гуфт, ки устод М. Давлатов дар тадқиқоти хеш, ҳам дар китобҳо ва ҳам дар мақолаҳову дастурҳо ва васоити таълим, нигоҳи амиқ ба ҷанбаҳои равонковона дорад. Маҳз ҳамин ҷанбаи пажуҳишҳои муҳаққиқ маъруфияти ӯро ҳамчун беҳтарин мутахассиси соҳа таъмин намудааст. Чуноне ки қаблан ишора шуд, ба қалами номбурда ҳамчун натиҷаи ҷустуҷӯҳои чандинсолаи тадқиқотӣ таълифоти гуногунсоҳаи илми психология мансуб аст, ки чун намуна чандеро метавон номбар кард: “Психологияи иҷтимоӣ”- (Дастури таълимӣ оид ба ҷанбаҳои равоншиносии иҷтимоӣ), “Дастури таълимии педагогика ва психология”, “Дастури таълимӣ оид ба фаъолияти касбӣ”, “Оила ва рушди шахсияти фарзандон”, “Дастури таълимӣ оид ба фаъолият ва диққат” (Мавод барои машғулиятҳои лабораторӣ), “Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ” ва ғайра, раҳнамои мутахассисону толибилмон ба шумор меравand.

Мавсуф бо як қатор ниҳодҳои давлатӣ солҳост, ки ҳамкориҳои илмӣ-равоншиносӣ дорад. Аз ҷумла, устоди донишманд М. Давлатов бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД робитаҳои судмандро ба роҳ монда, ҷиҳати омодасозии мутахассисони роҳбарикунанда ба донишомӯзони онҳо аз илми равоншиносӣ таълим медиҳад. Ҳоло Маҳмадуллоҳ Давлатов дар авҷи камолоти илмию фарҳангӣ ва маънавӣ буда, ҳамеша дар такопӯву ҷустуҷӯ мебошад, ки албатта, шоистаи таҳсин аст. Ба устоди арҷманд дар фаъолиятҳои пурбори минбаъдаашон барору комёбиҳо орзумандем.












**Амоншо ПАЛАВОНОВ,**
**устоди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ҚУВВАИ АСОСИИ ПЕШБАРАНДА ВА ҚИШРИ ФАЪОЛТАРИНИ ҶОМЕА




Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи миллати тамаддунофару бостонии тоҷик саҳифаи нав боз намуда, давлатро аз парокандагӣ, миллатро аз нестӣ наҷот дод ва бо талошу корнамоиҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли ин солҳо дастовардҳои беназир, зиндагии шоиста, шароити арзанда, осудагӣ, Ваҳдати комили миллӣ ва сарҷамъиро барои миллатамон ҳадя намуд. Пешвои миллат дар замоне зимоми давлатро ба даст гирифтанд, ки фазои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии ин сарзамин фалаҷ гардида, ҳокимияти давлатӣ мутлақо аз байн рафта буд. Ин ҷавони кордону ботадбир, дурандешу хирадманд дар як муддати кӯтоҳ тавонист, ҷангро ба сулҳ ва харобазорро ба гулистон табдил диҳад. Роҳбари ғаёри давлат ба тамоми соҳаҳо таваҷҷуҳ намуда, соҳаи ҷавононро дар авлавияти кор қарор доданд. Ҳамчунин, Сарвари давлат дар Паёмҳои солонаи хеш доир ба самти ҷавонон таъкидҳо мекунанд. Аз ҷумла, дар Паёми имсола (28. 12. 2024) ба Маҷлиси Олӣ Сарвари давлат мавридҳое дар бораи ҷавонон ёдовар шуданд, ки чандеро манзур мекунем:

1. Мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро сидқан дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд, иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд.

2. Ҷаҳони пуртазодду ноороми муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд.

3. Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории

миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем.

4. Ҳоло 61 фоизи шумораи умумии кормандонро дар кишвар ҷавонон ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда дар хидмати давлатӣ 49 фоиз мебошад.

5. Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт.

Таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои падаронаи Пешвои миллат нисбат ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ равшану возеҳ буд. Ҳанӯз 13 марти соли 1992 Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, санад дар роҳи ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии ҷавонон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро қабул намуданд. Президенти кишвар шароити хубу арзандаро барои ҷавонони тоҷик муҳайё сохтанд ва ҳамин аст, ки имрӯз насли ҷавони кишвар бо шукргузорӣ аз оромиву осудагӣ дар фазои ваҳдату якдилӣ умр ба сар бурда, бахри пешрафти кишвар азму талош мекунанд.

Бо мақсади дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 майро Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, соли 2017-ро Соли ҷавонон таъйин карданд, ки далели равшани ин гуфтаҳост. Ҳамасола ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон - 23 май дар саросари кишвар Ҳафтаи ҷавонон, Даҳаи ҷавонон ва ё Моҳвораи ҷавонон гузаронида мешавад.

Барҳақ, **ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи пешбарандаи ҷомеа буда, ояндаи миллату давлат ба онҳо вобаста аст**. Дар тӯли солҳои истиқлол дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, азхуд кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири иттиллоотию коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё буда, инчунин, барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Махсусан, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» собит сохт, ки Ҳукумати мамлакат дар сиёсати худ ба ҷавонон такя карда, тарбия намудан ва ба камол расонидани насли ҷавону созандаро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад. Аз рӯи нишондодҳои Паёми имсола дар даврони истиқлол дар мамлакат 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Президенти мамлакат барои муқоиса қайд намуданд, ки агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла, 170 литсею гимназия, яъне, муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд. Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Бинои аксари мактабҳои кухнае, ки аз замони Шуравӣ боқӣ монда буданд, тахриб шуда, дар ҷои онҳо биноҳои аз ҷиҳати меъморӣ зебо ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй сохта ба истифода дода шуданд. Доир ба теъдоди муассисаҳои олии касбӣ Пешвои миллат дар Паём чунин гуфтанд: Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст. Илова бар ин, бо туфайли сиёсати дарҳои боз ва бо шарофати истиқлолу ваҳдати миллӣ ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат ҷавонони тоҷик имкон пайдо намуданд, ки дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон аз рӯи ихтисосҳои мақбули дил рафта, таҳсил намоянд. Тавре дар Паём зикр шуд: **Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.**

Дар ҷавоб ба ин ҳама ғамхорию дастгириҳо мо - ҷавононро мебояд, ки дарси мардонагиву садоқат, ҷонфидоиву матонатро аз Сарвари давлатамон омӯзем. Дар ҳар кори нек дастуру супоришҳои Роҳбари арҷмандамонро сармашқи кори худ сохта, бо ғурури миллӣ, нангу номус, иродаи шикастнопазири тоҷикона ва дасту бозуи рустамона Ватани ба ҷон баробарамонро дифоъ ва ободу шукуфон созем.

**Маърифат НАЗАРОВА,**
**омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ**

# АНДЕШАҲОИ УМУМИИНСОНИИ ШЕЪРИ ЛОИҚ ДАР ҶАРАЁНИ АДАБИИ ДАВР

Агар ба таърихи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ назар андозем, мебинем, ки ҷавҳари маънавии онро масъалаҳои марбут ба ҳастии маънавии инсоният ташкил медиҳад. Меъёри диду боздиди адибони мо танҳо инсон ва ҳастии маънавии он будааст, ки дар ягонаи таърихӣ масоили ҷомеъи башардӯстиро низ матраҳ месозад. Ҳақ ба ҷониби Н.И. Конрад аст, ки дар заминаи ҳамин равиши адабӣ ба чунин хулосаи муҳим меояд: «Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим маҳалли таваққуфи сарчашмаҳои муҳимми тамаддуни инсонӣ буд ва худ низ яке аз марказҳои ин тамаддунро муаррифӣ мекард. Барои ҳамин ҳам намояндагони пешқадами илму фалсафаи Осиёимиёнагии асрҳои IX-XI, ки усулан инсонгароёни содиқ буданд, таълимоти тоза, маорифи навро вазъ намуданд…». Тафаккури бадеии яке аз шоирони номвари тоҷик Лоиқ Шералӣ низ дар ҷои холӣ шакл нагирифтааст. Дарахти андешаи умумиинсонии ӯ аз ҳамин реша об хӯрдаву нуму кардааст. Г.И Ломидзе маҳз дар ҳамин воқеияти адабӣ ба чунин хулоса омадааст: «Инсонгароии ҳамагонӣ дар заминаи муайяни иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд меояд. Вай ба василаи ҳамин замина умумиинсонӣ мешавад». Осори Лоиқ ва андешаҳои умумиинсонии ӯ дар шароит ва замони муайян ба вуҷуд омадаанд, ки ин равиш то андозае тобеи хостҳои идеологии ҷараёни адабии даври зиндагии шоир буд. Ҳамин гуна дидгоҳ ба гузашта, ба мероси хунарӣ ва масъалаҳои инсонгароӣ равиши асосии инкишофи адабиёти тоҷикро то ибтидои солҳои шаст муайян мекард. Аз солҳои шаст ба баъд вазъ тадриҷан дигар шудан гирифт. Дидгоҳи шоиру нависандагон ба воқеият то



ҷое тағйир ёфт. Ба мушоҳидаи М. Шакурӣ «ин тағйир аз шеърҳое, ки мавзуи онҳо аз таърих аст ва ба қалами насли ҷавон Муъмин Қаноат, Бозори Собир, Лоиқ тааллуқ дорад, беҳтар ба дид меояд».

Солҳои шасту ҳафтод на фақат худшиносии таърихии шахс ва падидаҳои гуногуни он дар шеъри форсии тоҷикӣ мавқеъ ёфт, балки дар ин давра ба миён гузоштани масъалаҳои маънавию ахлоқӣ дар адабиёт хусусияти муаянкунанда дошт. Дар эҷодиёти баъзе шоиру нависандагон паҳлуҳои тозаи андешаи инсонпарварона (масъалаҳои умумиинсонӣ) пайдо шуданд, ки пайванди ҷудонашавандаи инсонро бо қисмати инсонияти ҳамаи сайёра нишон медод. Ин фазилат яке аз хусусиятҳои муҳимми эҷодиёти Лоиқ аст, ки дар осораш таҷассум ёфтааст. Дар замоне, ки «дар навбати аввал адабиёт» идеологӣ ҳисоб карда мешуд, Лоиқ «дар ҳунари идеологӣ» «мушкилоти умумиинсонӣ-ро» ба миён мегузошт. Арзишҳои башарӣ асоси ҷаҳоншиносии Лоиқро ташкил медиҳанд. Ю.Акбаров дуруст менависад, ки «Дар умри сараш Лоиқ ҳиссаи афкору андеша ва дастовардҳои маънавию

ахлоқӣ ва завқии гузаштагонро идома бахшид, ки бидуни онҳо мавҷудияти ҷамъияти инсонӣ ва бахусус, миллати тоҷик маънӣ надорад ва ба ниёзмандиҳои имрӯзиён мувофиқу мутобиқ аст. Лоиқ тавассути ашъору андешаҳояш мақому мартабаи шеъру асолати таърихии шоирро ба пояҳои баландтар бардошт ва ғанӣ гардонд. Аз нигоҳи ӯ, на риояи вазну қофия, балки биниши шоирона аввалин шарти шоирист».

Андешаи умумиинсонии Лоиқро таҳқиқ карда, ғайриихтиёр мо ба масъалаи инсон, муҳити иҷтимоию ахлоқӣ ва ҷаҳони ботинии вай рӯ ба рӯ мешавем. Дидгоҳҳои бадеӣ ва ғоявии ӯ дар ин замина пойбанди принсипҳои инсонгарӣ, муносибати нек ба муҳит, одамият, бовар ба инсонҳо, ниҳеб ба муқобили беадолатӣ ва зӯроварӣ мебошанд. Хусусияти умумибашарии инсони офаридаи ӯ мушаххас ва дар андешаи шоир равшан мешавад:

**Ин ҳама оғозҳо аз хоки бунёди ман аст,**
**Ин ҳама парвозҳо аз файзи иршоди ман аст.**
**Ин ҳама озодию озодагии марду зан**
**Як талоши ҳақгузори рӯҳи озоди ман аст.**
**Ман басо дар хештан шӯрида, пас ворастаам,**
**Раъду барқи осмон як шуъла фарёди ман аст…**
**Ин ҷаҳон худ нест ҷамъи чор унсур аз азал,**
**Ин ҷаҳон ёри ману ёди ману ёди ман аст.**

Ин инсон бо ҳадафҳои умумиинсонӣ пайванди хуниву маънавӣ дорад, ғами инсонҳои дигар ӯро ранҷ медиҳад - «Ғайри бедардӣ ҳама дарди ҷаҳон дар дили ман». Инсони ӯ аз пайи дармони дарди ҷаҳон зода шуда, барои ташнагони соҳили дарёи зиндагӣ дил мехӯрад.

Таваҷҷуҳи Лоиқ ба инсон дар шеъраш натиҷаи густариши инсонгароӣ ва инсон меҳварӣ буда, дар замин, шеъри ӯ моҳияти умумиинсонӣ мегирад. Масъалаҳои муҳимми ҳастӣ ва бақои инсоният дар осори Лоиқ ба таҳқиқ ва тасвири бадеӣ асос ёфта, ба меъёрҳое асос ёфтааст, ки боиси бақо ва умри бардавоми инсоният хоҳад буд.

Лоиқ соли 1976 дар як мусоҳибааш бо Аскар Ҳаким гуфта буд, ки «Барои он ки мо мисли Брюллов (Брюллов ҳангоми наққошии сақфи Маъбади Исҳоқ дар Ленинград аз ҷӯши илҳому табъи саршор «Ба ман ин сақф тангӣ мекунад, сақфи осмон боястӣ» гуфта будааст.-шарҳи Н.М.) сақфи осмонро наққошӣ кунем, бояд рангҳои осмонзебро аз замин бигирем. «Осмонро замин баландӣ дод», -гуфтааст Бедил. Мавзуъҳои хурду заминиро бо рангҳои хаёл, сухан, ғоя ва пирояи шоирона шукӯҳи осмонӣ бояд бахшид. Афсӯс, шоирони қудсӣ мисли Ҳофиз каманд».

Устод Лоиқро шӯру шаафи хоси инсонӣ ва шоирона бо амри имон, бо раҳнамоии хирад ва андеша ба сӯи арзишҳои умумиинсонӣ ҳидоят намуд. Дар ин замина, ӯ ба меҳани имрӯзӣ ва таърихии тоҷикон, дар маҷмуъ, ба ангезаҳои инсонии тамаддуни башарӣ алоқамандии хос дошт. Ба ифодаи Фарзона ӯ «бо соғари саршори мастӣ» «қомуси фарҳанги миллат» сохт ва «дар ҷони мо занги муҳаббат», барангехт, ки ин занг савтҳоеро аз симфонияи инсонии башарӣ бо оҳангҳои миллӣ пайванд дод ва соҳибашро низ дар матни андешаҳои умумиинсонии адабиёт ҷовидонӣ сохт. Ин паҳлуи фаъолияти Лоиқ низ ифодагари тамоюлоти судманди ҷараёни адабии давр буда, моҳияти фаъолияти ӯро дар заминаи гуфтугӯи тамаддунҳо рақам мезанад, ки пеш аз ҳама арзиши маънавии умумиинсонӣ дорад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқ ва таҳлили андешаҳои умумиинсонии ашъори Лоиқ дар ҷараёни адабии давр метавон ба чунин натиҷа расид, ки бо вуҷуди бандҳои сиёсӣ Лоиқ тавонистааст дар масири эҷоди афкори умумиинсонӣ роҳи мустақили эҷодиро тай кунад. Таваҷҷуҳ ва решаҷӯии ӯ аз сарчашмаҳои тамаддуни инсонгарои башарӣ-миллӣ ва имтизоҷи онҳо, дарёфти роҳу равиши хосси тасвири бадеӣ, кашфи василаҳои баёни ин андешаҳо, зинда кардани ҳофизаи таърихӣ ва ба ин роҳ, ҳифзу таблиғи арзишҳои умумиинсонии адабиёту фарҳанги тоҷикӣ аз мухтассоти фаъолияти ҳунарии ӯ дар ҷараёни адабии давр мебошад.

**Зариф ҒУЛОМ,**
**адиб**



# ЧАНД САТР АЗ ОДАМУ ОДАМГАРӢ, АЗ МЕҲНАТУ ФИДОКОРӢ



Абдуҷаббор Абдураҳимзодаро аз соли 1965 мешиносам. Писарбачаи ҳафтсолае, ки назар ба ҳамсолонаш як сару гардан боло буд, ба синфи якуми мактаби миёнаи рақами 33-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ қадам гузошт ва аввалин ҳарфу нахустин дарсро аз ман, ки он сол ҳамчун муаллими синфҳои ибтидоии ҳамин дабистон кор мекардам, омӯхт.

Айёми наврасӣ ба каломи манзум шавқу ҳавас дошт ва аз ҳамон давр тахмину пешгӯӣ мекардам, ки ӯ омӯзгори донишманд ва дилдодаи касби дӯстдоштааш мегардад. Аз овони мактабхонӣ лаёқату истеъдоди худро сайқал дода, офаридаҳои аввалинашро ба ҷаридаи «Пионери Тоҷикистон», маҷаллаи «Машъал» ва рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Колхозобод» (айни замон «Навиди Балх») фиристода, аз худ донишу фазилат нишон медод.

Чун меҳри суханро дар қалбаш мепарварид, ки дар замони донишҷӯи шуъбаи рӯзонаи факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Т. Шевченко (баъдтар ДДОТ ба номи устод Садриддин Айнӣ) буданаш бо ҳамроҳии ҳамкурсаш, нависандаи хушсалиқа Саидаҳмади Зардон дар маҳфили адабии устод Тилло Пӯлодӣ бе танаффус иштирок мекард ва дар баробари азхуд кардани нозукиҳои касби писандидааш, ба ашъори адибони классику муосир низ таваҷҷуҳ дошт.

Фаъолияти меҳнатиашро аз муаллими одии фанни математика дар дабистони азизаш-мактаби №33-и ноҳия оғоз бахшид. Чун медонист, ки дар мактаб симои асосӣ муаллим аст, аз рӯзҳои нахустини ба ин касби пуршараф қадам гузоштан, кӯшиш ба харҷ медод, ки ба шогирдон дар баробари омӯзондани ҷаҳони илми математика, инчунин, аз сабақи зиндагонӣ бо сабки Рӯдакиву Айнӣ ба толибилмон таълим диҳад.

- Ҳамаи зинаҳои касби омӯзгориро бо навбат пас сар кардам, - зимни суҳбат мегӯяд, муаллими собиқадор. - Аз муаллими одии мактаб то мудири маорифи ноҳия роҳи пурифтихори тайкардаам ба шумор меравад.

Дар ин ҷойи сухан ӯ ғарқи андешаҳои ширинаш мешавад ва пас аз сукути кӯтоҳ саҳифаҳои хотироташро варақ мезанад:

- Директори мактаби хатмкардаам будам, ки мудири шуъбаи маорифи ноҳия Бобо Пиров (Равонаш шод бод!) ба наздаш даъват кард ва вазифаи роҳбарии гӯшаи методии шуъбаи маорифро бар дӯшам гузошт. Акнун ман таҷрибаи касбиамро ба муаллимони ноҳия меомӯзондам. Мефаҳмондам, ки дар мактаб омӯзгор танҳо нест. Маъмурият ва ҳамкасбон бо муаллим ҳамроҳу ҳаммаслаканд. Таълимдеҳ, пеш аз ҳама, ба дониш, хирад, фазилат ва баъдан, ба падару модари толибилм бояд такя намояд, дар он сурат, омӯзгор дар таълиму тарбия ҳиссаи бузург гузошта, рисолати худро бо сарбаландӣ иҷро карда метавонад. Ба омӯзгорон талқин мекардам, ки дар маркази диққати онҳо бояд хонанда истад, зеро муаллим бевосита ба талаба алоқаманд аст ва аз кӯшишу ғайрати ӯ баъдан инсони ба дониш тавоно ва кадрҳои баландихтисос дар ҷомеа тайёр мешавад.

Ба муаллимон гӯшрас мекардам, ки маъму-

рияти мактаб дар якҷоягӣ бо омӯзгорон қувваи муқтадир буда, шогирдонро на фақат барои бурровy равон қироат кардани матн, балки онҳоро ба эҷодкорӣ, инкишофи шавқу завқ, меҳри касбу ҳунар ва дӯст доштани Ватани азизу сарзамини хеш ва эҳтироми падару модар раҳнамун месозанд. Дар машғулиятҳои омӯзишӣ, методӣ, санҷишӣ, семинарӣ ва маҳфилҳо ба муаллимон ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати дар сиёсати давлат дар мадди аввал гузоштани соҳаи мактабу маориф такрор ба такрор қайд мекардам, зеро ба давлати навини тоҷикон маҳз кадрҳои донишманд, дилсӯзу тавоно лозим аст. Гузаронидани маҳфилу озмунҳо, олимпиадаву мусобиқаҳо мо-кормандони мактабу маорифро вазифадор менамояд, ки ба касби худ содиқона муносибат карда, дар таълиму тарбияи наслиояндаи миллат фидокорона заҳмат кашем.

Бо чунин минвол Абдуҷаббор дар масъулияти худ бо самимияти касбӣ кор карда, натиҷаҳои шоистаи тахассусӣ нишон медиҳад. Аснои суҳбат ӯ гоҳе бо эҳсос ҳарф мезанад ва гоҳе қадре таваққуф мекунад. Хомӯшии тӯлонӣ сурат мегирад. Ман интизори давоми ҳикоят аз забони ӯ ҳастам…

- Чанде баъд кордонӣ, донишу малака, лаёқати ташаббускорӣ ва роҳбариамро ба назар гирифта, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ таъйинам карданд.

- Аз чӣ корро сар кунам? - ҳамин савол ҳангоми ба хона баргаштан дар сарам чарх мезад. Субҳи дигар ҳамаи муаллимони собиқадори мактабҳои ноҳияро барои маслиҳат ба машварат даъват намуда, аз онҳо дуои нек ва насиҳати зиндагӣ гирифтам.

- Ба муаллим, мактаб ва хонанда ғамхору серталабу одил бош! - панд доданд пирони кор, муаллимони хирадманду собиқадор. - Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани усули роҳбарӣ ва муносибати нек бо муаллимон акнун хонандагони мактабҳои ноҳия дар озмуну олимпиадаҳо на танҳо иштирок мекарданд, балки соҳиби дипломy ифтихорномаву ҷоизаву медалҳо мешуданд.

Байни мо боз хомӯшӣ ҳукмрон гашт. Ӯ дафтари қайдашро варақ мезаду гоҳ-гоҳ ба дарахтони дар ҳавлияш чун сарбозон сафороста назар мекард. Насими бегоҳӣ навдаву баргҳои ниҳолҳои бодому шафтолую зардолуро маҳин меҷунбонд.

-Инсон аз рӯйи кору зиндагии содиқона соҳибобрӯ мешавад, - бо лаҳни ширин суҳбатро давом дод соҳибхона.

- Сипас, бандаро мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷиликӯл таъйин намуданд. Боз ҳам корро аз шиносоӣ бо вазъи таълиму тарбия дар мактабҳо оғоз кардам. Дар даст ҷузвдони пур аз китобу дастурамалу барномаҳо ба ҳар як дабистон рафта, аз санҷиши на танҳо дониши талабаҳо, балки фаъолияти кории муаллимон сар кардам...

Баъди панҷ соли бомуваффақият кор карданам, ин дафъа мактабу маорифи ноҳияи Рӯдакиро бар зиммаам гузоштанд ва тамоми натиҷаи фаъолияти раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакиро, ки китоберо мемонд, пешкашам намуданд. Ба фурсат онро варақ задам. Дар китоб фикру ақидаи сардори раёсати маориф, ҳамкорон ва мутахассисон бо нишон додани факту рақамҳо зери таҳрири ходими пешбари Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шоҳзамон Раҳмон дарҷ шуда буд. Натиҷаҳо хурсандибахшу ҷолиб сабт ёфта, аз самаранокии фаъолияти мудир, сахтгирию адолатнокии дилдодаи касб дарак медод.

- Заҳмати мунтазаму софдилонаамр аз мадди назар дур намонд ва бо унвони Аълочии маорифи Тоҷикистон сарфарозам карданд, ки ин қадрдониро барои худ мукофоти баланд ҳисоб мекунам, - бо ифтихор сухан гуфт Абдуҷаббор Абдураҳимзода ва боз иловатан фикрашро давом дод:

- Бо сари баланд ва қаноатмандӣ ба нафақа гуселам карданд, лекин раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Рустам Холиқзода даъватам карда, пешниҳод намуд:

-Таҷрибаву донишу қобилияти роҳбариатонро ҳамчун мудири шуъбаи маориф дар се ноҳия нишон додед, аз ин хотир, ҳукумати ноҳия тасмим гирифт, ки шуморо ба сифати муовини мудири шуъбаи маорифи ноҳия таъйин намояд.

Ҳоло Абдуҷаббор Абдураҳимзода, ба қавле пири донишманду тавонои соҳаи маориф, устоди фозилу хирадманд донишу малакаи худро бахри баланд бардоштани савияи дониши шогирдон ва беҳтар шудани касбияти омӯзгорони ноҳия саховатмандона сарф карда истодааст.

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «ҒАЛАБА»

1. Адиби тоҷик, шаҳиди ҶБВ. 2. Мафҳуме, ки ба ягонагӣ даъват мекунад. 3. Дарёе, ки соли 1943 яке аз муҳорибаҳои калонтарини ҶБВ дар он ба вуқуъ пайваст. 4. Қалъае, ки байрақи Ғалаба (соли 1945) ба он овехта шуд. 5. Саркардаи ҶБВ. 6. Воситаи техникии ҷангӣ. 7. Тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 8. Дарё дар Россия. 9. «Солдат» бо тоҷикӣ. 10. Жанри «Вафо». 11. Нахустин Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Осиёи Миёна. 12. *** Эрйигитов, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ.13. Исми тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 14. Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ, шореҳи давраи ҶБВ, ки мардумро тавассути радио аз музаффариятҳои ҷанговарони давлати Шуравӣ хабар медод. 15. Муродифи «нанг». 16. «Сурӯши ***, достони М. Қаноат. 17. Дарёе, ки Неъмат Қарабоев тир хӯрда, дар он ҳалок шудааст. 18. Миллати саркардаи ҷанг. 19. Истилоҳи соҳаи ҳарбӣ. 20. Ҳаммаънои «ҷасур». 21. Муродифи вожаи «ташаккур». 22. Миллат. 23. Ихтисораи русии ибораи «командири баталион». 24. Техникаи ҷангӣ. 25. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26. Нақшаи ҷангии Иттиҳоди Шуравӣ. 27. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ, генералиссимус. 28. Дарё. 29. «Тори ***», романи Ҷ. Икромӣ. 30. Фасле, ки ҷанг шурӯъ шуд. 31. Ҳаммаънои «зафар». 32. Ҷумҳурӣ дар Осиёи Миёна. 33. Муаллифи романи «Сарбозони бесилоҳ». 34. Арбоби ҳаракати коргарии Испания ва байналхалқӣ, ки писараш - Рубен дар мудофиаи Сталинград ҳалок гардид ва соҳиби унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гардид. 35. *** Шарифов, қаҳрамони достони «Ситораи Исмат» - и М. Қаноат. 36. Муродифи «муассиса». 37. Тамъ. 38. Истиқоматгоҳ. 39. Истилоҳи илми физика. 40. Ҳаммаънои калимаи «давлат». 41. Маршали Иттиҳоди Шуравӣ, сарфармондеҳи як қисми артиши ИҶШС дар солҳои ҶБВ. 42. Унсури кимиёвӣ. 43. Муқобили «дӯст». 44. «Нанг ва ***», асари адиби тоҷик. 45. Исми адиби тоҷик, ки солҳои ҷанг дар газетаи ҳарбӣ фаъолият намудааст. 46. «***, рав ҳимоят кун Ватанро» (М. Турсунзода). 47. Муаллифи достони «Нону имон». 48. Сафед, сиёҳ. 49. Яке аз ҳамақидаҳои Гитлер. 50. Ба манзил мерасонад. 51. *** Кенҷаев, тоҷикписар, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 52. Ноҳия дар Тоҷикистон. 53.Тоҷикдухтар, бо тайёра душманро қир кардааст. 54. Вилоят дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.55. Дарё дар Россия. 56. Шакли ҷамъи вожаи «асир». 57. Исён ба хотири барҳам задани шакли идораи давлат. 58. Амал дар кори хайру савоб. 59.Ҷирми осмонӣ. 60. Исми саркардаи ҶБВ. 61. Ҳуҷҷати расмӣ. 62. Достони адабиёти тоҷик дар бораи ҶБВ. 63. Муродифи «мактуб». 64. Муаллифи очерки «Чингизи асри XX». 65. Маъракаи сиёсӣ. 66. Ҳаммаънои «раҳмат». 67. Чапғалат додан, дигар кардани роҳи ҳамла. 68. Ба орият гирифташуда. 69. Ҷашн, суру тараб. 70. Ҳайвони саворӣ, ки дар муҳорибаҳои ҶБВ истифода шудааст. 71. Воситаи ҳарбии техникии мубориза дар ҷанг. 72. Шаҳри қаҳрамон. 73. Он ки дар асорат гирифта шудааст.74. Донаи шоҳмот.75. Ҳуҷҷат, воситаи муайян кардани шаҳру давлатҳо.76. Мафҳуми хешутаборӣ. 77. Пешоянди забони тоҷикӣ.



**Ҷавоби муаммои «Рӯзи модар»**

1. Модар. 2. Раъно. 3. Офтоб. 4. Баҳор. 5. Раҳмат. 6. Тоҷик. 7. Китоб. 8. «Баҳористон». 9. Назокат. 10. Тоқӣ. 11 «Ирфон». 12. Нукра. 13. Атр. 14. Ракс. 15. Ситора. 16. Андалеб. 17. «Бӯстон». 18. Нодир. 19. Рӯдоба. 20. Акс. 21. Сабо.

# МУНДАРИҶА


**ИФТИХОР**

Ин ҷоннисориҳо саҳми миллати тоҷикро дар ин ғалабаи бузург ва таъмини сулҳу амнияти ҷаҳонӣ таҷассум мекунад....1

**СУХАНИ ПЕШВО**

Ҷавонони мо дар фазои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ камол ёфтаанд....3

**КАЛОМИ РОҲНАМО**

Э. МИРШАРИФЗОДА. Баррасии масъалаҳои рушди иқтисоди рақамӣ, инноватсия ва иқтисоди сабз дар Паём .... 5

**ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО**

М. ҶАВҲАРӢ, Н. ҚУРБОН. Аҳаммияти глобалии соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо....8

**МАВЗУИ РӮЗ**

Ш. КАРИМЗОДА. Ҳадаф аз қабули Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар чист?....11

**ИДЕОЛОГИЯ**

Н. ЗУЛФОНЗОДА. Экстремизму терроризм - таҳдид ба ҳар як сокини сайёра....14

**МАРКАЗИ ИНКИШОФИ КӮДАК**

С. ШАРИФОВА. Нақши муассисаи таълимӣ ва оила дар омода намудани кӯдак ба мактаб....16

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

Ш. КАРИМӢ. Муносибати босалоҳият ба таълим ва татбиқи он дар раванди дарс....19

**ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲО**

А. НИЯТБЕКОВА. Истифода аз технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълими забони русӣ....22

**НАҚШАКАШӢ**

И. АБДУЛЛОЕВ. Варақаҳои санҷишӣ - воситаи муҳимми арзёбии дониш....24

**ХИМИЯ**

А. ЗУМРАТОВ. Пешниҳоди як намунаи дарси эҷодӣ дар мавзуи “Мусиқии рангҳо: Алхимияи садо ва ранг”....27

**ФАНҲОИ ДАҚИҚ**

З. АМИРОВА. Нақши кабинети фаннӣ дар раванди таълими математика....30

**МАТЕМАТИКА**

М. МИРЗОЗОДА. Методҳои исботи нобаробариҳо....34

**БИОЛОГИЯ**

Ҷ. ИСМАТОВ. Хосияти давоии шираи меваю сабзавот ва ҳифзи онҳо....39

**ФИЗИКА**

А. ШАРИФОВ. Қувваи соиш дар табиат ва ҷиҳатҳои мусбату манфии он....42

**ПЕДАГОГИКА**

Ш. ДИЛШОДЗОДА, М. ҒАНИЗОДА. Андешаҳои тарбиявӣ дар осори Саъдии Шерозӣ....45

**БА МУНОСИБАТИ 80-СОЛАГИИ ҒАЛАБА ДАР ҶБВ**

Ф. ҚУРБОНОВ, С. ҚАРАЕВА. Садриддин Айнӣ ва аҳаммияти асарҳои ватандӯстонаи ӯ дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ....47

**15 МАЙ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА**

З. ИЗЗАТЗОДА. Хонавода – бунёди аслии ҷомеа....50

**ТАРБИЯ**

М. ТОШПӮЛОДОВ. Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст....52

**ОЛИМОНИ МО**

А. МАҲМАДАМИНОВ. М. СОЛЕҲОВ Соҳибхираду соҳибилм аст, устод!....54

**23 МАЙ-РӮЗИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН**

А. ПАЛАВОНОВ. Қувваи асосии пешбаранда ва қишри фаъолтарини ҷомеа....56

**ПАЖУҲИШ**

М. НАЗАРОВА. Андешаҳои умумиинсонии шеъри Лоиқ дар ҷараёни адабии давр....58

**МАҚОМИ БАЛАНДИ ОМӮЗГОР**

З. ҒУЛОМ. Чанд сатр аз одаму одамгарӣ, аз меҳнату фидокорӣ....60

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Абдулло РАҲМОНЗОДА,** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулҳия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**А. ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.

**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6960 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**